ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Ба ифтихори 35-солагии
Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ

№ 1 (17) 2026

ВЕСТНИК

ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ТАДЖИКИСТАНА

Серия гуманитарных наук и профессиональной педагогики

Душанбе - 2026

ISBN 978-99947-0-022-6
ББК 22.3+22.1+24
П-14

Сармуҳаррир:
д.и.и., профессор Раҳмонзода З.Ф.
Ҷонишини сармуҳаррир:
д.и.т., и.в. профессор Яминзода З.А.
Котиби масъул:
д.и.и., проф. Усманова Т.Ҷ.

Главный редактор:
д.э.н., профессор Рахмонзода З.Ф.
Заместитель главного редактора:
д.т.н., и.о. профессора Яминзода З.А.
Ответственный секретарь:
д.э.н., проф. Усманова Т.Дж.

Ҳайати таҳририя:

Бобоев Х.Б. – д.и.таъ., профессор; **Одинаев Н.С. –** д.и.ф., дотсент; **Шарифзода И.У. –** н.и.фал., дотсент; **Ҳусанова Т.Қ. –** н.и.п., дотсент; **Носиров С.М. –** н.и.ф., и.в. дотсент; **Назарзода Р.С. –** н.и.п., и.в. дотсент.

Муҳаррири матни забони русӣ: **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент**
Муҳаррири матни забони тоҷикӣ: **Шарипов Х.Х.**
Муҳаррири техникӣ ва ороиши компютерӣ: **Назарзода Р.С. – н.и.п., и.в. дотсент**

Редакционная коллегия:

Бобоев Х.Б. – д.и.н., профессор; **Одинаев Н.С.** – д.ф.н., доцент; **Шарифзода И.У.** – к.фил.н., доцент; **Хусанова Т.К. –** к.п.н., доцент; **Носиров С.М. –** к.ф.н., и.о. доцента; **Назарзода Р.С. –** к.п.н., и.о. доцента.

Редактор русского текста: **Самадова З.С. - к.ф.н., доцент**
Редактор таджикского текста: **Шарипов Х.Х.**
Компьютерный дизайн и верстка: **Назарзода Р.С. – к.п.н., и.о. доцента**

***

Маҷаллаи илмӣ-амалии **«Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ»** ба рӯйхати **Шохиси иқтибосоварии илмии россиягӣ** дохил карда шудааст, ки дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳои номзадиву докторӣ нашр карда мешаванд.

Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳури Тоҷикистон дар бораи сабти номи ташкилотҳои табъу нашр № 053/МҶ-97 аз 23.04.2018.

Шартномаи № 818-12/2014 бо Китобхонаи илмии электронӣ оид ба воридшавӣ ба пойгоҳи ШИИР.

Научно-практический журнал **«Вестник Технологического университета Таджикистана. Серия гуманитарных наук и профессиональной педагогики»** включён в **Российский индекс научного цитирования** (РИНЦ), в котором публикуются основные научные результаты кандидатских и докторских диссертаций.

Свидетельство о регистрации организаций, имеющих право печати, в Министерстве культуры РТ № 053/МЧ от 23 апреля 2018 г.

Договор НЭБ № 818-12/2014 о включении журнала в РИНЦ.

***

Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва педагогикаи касбӣ. – № 1(17), 2026. – Душанбе: Шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2026. – **106 саҳ.**

© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2026

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ – CONTENTS

1. **Абдулвадудова О.М.** ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ 4-7
2. **Акбарова М.Ғ.** МАЗМУН ВА МАҚОМИ ТАМАДДУНҲОИ ИНСОНӢ 7-16
3. **Акбарова М.Ғ.** НАВРӮЗ ҶАШНВОРАИ ПУРШУКУҲИ АҶДОДӢ 16-30
4. **Гулаҳмадов Ш.Н.** АСРИ РОЗӢ: НУҚТАИ АВҶИ ТАМАДДУН ВА ОЗОД-АНДЕШИИ ИЛМӢ 30-37
5. **Гулаҳмадов Ш.Н.** МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ: СИНТЕЗИ АҚЛ ВА ТАҶРИБА 37-48
6. **Гулаҳмадов Ш.Н., Акбарова М.Ғ** ОЙИНИ РОСТИН: ПИНДОРИ НЕК, ГУФТОРИ НЕК, КИРДОРИ НЕК 48-55
7. **Гулаҳмадов Ш.Н., Давронова А.Ш.** АЗ АВЕСТО ТО «ПАНҶ АСЛ»: ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ОСОРИ РОЗӢ 55-70
8. **Заирова М.** ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПРОГРАММА КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРЕПОДАВАНИЯ РУССКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 70-75
9. **Иброимова М.И.** ТАҶРИБАИ ХУБИ ОМӮЗГОРӢ – ОМИЛИ АСОСИИ КОМЁБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ 75-80
10. **Меглиева З.С.** ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – АБАРМАРДИ ТАЪРИХСОЗ 80-85
11. **Олимбойзода П.А., Бобокалонова А.** ЭТНО-МИНИМАЛИЗМ В ПРОЕКТИРОВАНИИ КАПСУЛЬНОЙ КОЛЛЕКЦИИ ИЗ АДРАСА 85-89
12. **Сайдуллаева Г.Р.** РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЭЛИТЫ В ФОРМИРОВАНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ 90-94
13. **Сайдуллаева Г.Р.** ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ, АМАЛИЯ ВА МУШКИЛОТИ МУОСИР 95-100
14. **Тураева А.Р.** ИНТЕГРАЦИЯ СОВРЕМЕННЫХ И ТРАДИЦИОННЫХ ПОДХОДОВ В ОБУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ 100-105

ТДУ 81.1:304.2+81.1:304.02

ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГ

Абдулвадудова О. М.

Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М.Олимов

Муаллиф дар ин мақола яке ҷанбаҳои муносибати забон ва фарҳангро мавриди баррасӣ қарор дода, бархӯрдҳои мухталифи ҳалли ин масъаларо мавриди таҳлил қарор додааст. Бинобар ақидаи ӯ фарҳанги мардумӣ асосан дар забон инъикос ёфта, аз насл ба насл интиқол меёбад. Муаллиф бар он ақидааст, ки забон ҳамчун восиати асосии мавҷудияти фарҳанг, омили ташаккули рамзҳои фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Дар қисмати муқаддимавӣ муаллиф дар бораи забон ва фарҳанг маълумот додааст. Дар қисмати асосӣ бошад, ӯ робитаи зичи санъат ва забонро барарсӣ кардааст, чун санъат ҷузъи асосии фарҳанг маҳсуб меёбад.

Дар хулоса муаллиф фикру ақидаҳои худро ҷамъбаст намудааст.

Калидвожаҳо: шуур, тафаккур, забон, фарҳанг, ҷанба, таъсири мутақобила, санъат, санъати тасвирӣ, мероси фарҳангӣ.

Забон оинаи фарҳанги миллӣ, арзиши бузурги фарҳангӣ ва зеҳнӣ мебошад. Илова бар ин, забон муҳимтарин василаи муошарати инсонҳо маҳсуб меёбад. Забон эҷодиёти ҳазорсолаи халқ аст, дар ин ҷо хислату руҳ, озодию хотира, низоми фалсафии ӯ таҷассум меёбад. Бояд ёдовар шуд, ки забон танҳо як воситаи муошарати байни одамон нест, балки он яке аз нишонаҳои асосии миллат аст, ки бо маданият алоқаманд буда, дар он инкишоф меёбад ва онро ифода мекунад. Фарҳанг таҷассумгари натиҷаҳои фаъолияти инсон мебошад. Дар фарҳанги русии С.И. Ожегова “Фарҳанг ҳамчун маҷмуи фаъолияти инсон дар истеҳсолот, иҷтимоӣ ва маънавӣ ва ягонаии услуб дар ҳама зуҳуроти миллат фаҳмида мешавад”. “Фарҳанг шакли махсуси таҳким ва интиқоли дастовардҳои инсонӣ ба наслҳои минбаъда мебошад” [Уфимцева Н.В. 2011, с. 92].

Дар охирҳои асри XX ва аввалҳои асри XXI тамоюли омӯзиши забон на танҳо ҳамчун василаи муошират ва дарки олам, балки ҳамчун рамзи фарҳангии миллат мушоҳида мегардад, ки асоси онро асарҳои В.Ҳумболдт, А. Потебня ва олимони дигар ташкил медиҳанд.

Ҳудуди забони миллат маънои ҳудуди ҷаҳонбинии шахсро дорад, зеро инсон танҳо вақте шахсият мешавад, ки аз кӯдакӣ забон ва дар баробари он фарҳанги мардуми худро аз худ мекунад. Тамоми нозукиҳои фарҳанги мардум дар забони онҳо ифода меёбад, ки хос ва беназир аст.

Зуҳуроти олами маънавии инсон – сухан, мусиқӣ, санъат, хусусан, санъати тасвирӣ ҷузъҳои таркибии фарҳанг ҳисоб меёбанд, яъне ки санъат ва забон муносибати ногусастанӣ доранд, онҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Санъат асар ё эҷодёти олии тафаккур маҳсуб меёбад. Аз қадимулайём ин гуна эҷодиёт дар калимаҳо, шаклҳои грамматикӣ, яъне забон зоҳир меёбанд. Аз ин рӯ, гуфта метавон, ки санъат аз забон таркиб ёфтааст. Эҷодиёти тафаккур тавассути забон на танҳо ифода меёбад, балки бо ин васила он устувор гардида, рушд меёбад ва аз насл ба насл интиқол меёбад.

Тасвири ҳама гуна нақшу суратҳо бидуни раванди равонию физикӣ ғайриимкон аст ва ҳама гуна тасвирҳо, ба мисли воҳидҳои забонӣ дар шуури одамон як қатор мафҳумҳо ва ҳолатҳои бо онҳо алоқамандро таҷассум менамояд. Офаридани симоҳои гуногун на танҳо тавассути нақшу расмҳо имконпазир аст, балки онҳо тавассути воҳидҳои забонӣ, аз калима то

ба шеъру афсона офарида мешаванд. Аз ин ҷо бармеояд, ки симои одамону ҳайвонот дар нақшу тасвирҳо ва воҳидҳои забонӣ офарида мешаванд, ки дар шуури одамони гуногунзабон аломатҳо ва мафҳумҳои умумиро таҷассум менамоянд. Мисол, симои шер чӣ дар нақш аст ё чӣ тавассути воҳидҳои забонӣ ифода ётфааст, дар шуури бештари мардумони олам, новобаста аз забони онҳо инъикосгари ҷасорату тавоноӣ буда, образҳои гулу булбул таҷассумгари ошиқу маъшуқ мебошад. Қайд кардан, ба маврид аст, ки он тасаввуроте, ки симоҳои муайян дар шуур таҷассум менамоянд, ба урфу одат, анъана, мавқеи ҷуғрофӣ, таърих ва як қатор омилҳои дигар вобастагӣ доранд. Масалан, дар симои гулу булбул асосан мардумони Шарқ ошиқу машукро мефаҳманд ва дар дигар минтақаҳо бошад, он бо ин васила маъмул нест.

Ҳамин тавр, забон ва санъат, аз ҷумла санъати рассомӣ эҷодиёти тафаккур буда, воситаи ибрози фикру ақидаҳо ба шумор мераванд.

Рассом мутафаккирест, ки ақидаҳоро тавассути тасвирҳо дарк менамояд. Ин образҳо дар тахайюли ӯ бо қувваи фаъолияти ниҳонии забон инкишоф меёбанд. Дар нутқи рассом вожаҳои мансур, ки шакли дохилияшон кайҳо аз байн рафтаанд, дубора эҳё мешаванд ва ҳангоми истифода гардидани онҳо барои ифодаи ақида ва ё мафҳумҳои муайян фасоҳату зебоии нав, аксаран комилан ғайричашмдошт ба худ касб менамоянд. Дар натиҷа рассом асари дар шуур тасаввуру таҷассумкардаашро ба забони рангҳо тарҷума карда, расм мекашад. Аз ин ҷо бармеояд, ки заминаи асосии эҷоди ҳама гуна нақшу тасвирҳо забон мебошад, чун забон василаи дарки ҷаҳон аз тарафи инсон мебошад. Файласуфи маъруфи австриягӣ Л. Витгенштейн мегӯяд, ки “Марзи забони ман марзи дунёи маро муайян мекунад”[Витгенштейн Л. 1994, с. 56.]. Бояд ёдовар шуд, ки ин гуфтаҳо дар мадди авввал оддӣ ба назар мерасанд ва бештари одамон дар ин гуфтаҳо таҳти мафҳуми “забон” манфиатҳои омӯзиши забонҳои хориҷиро мефаҳманд, яъне ҳар қадаре, ки инсон, хусусан рассом забонҳои бештарро донад, ҳудуди ҷаҳонбинии ӯ васеътар мешавад. Аммо мазмуни фалсафии таълифи Л.Витгенштейн дар он аст, ки воқеият тавассути забон ифода меёбад, ки онро дар дохили худ “аз нав эҷод мекунад” ва бо ин роҳ тасвири оламеро ба вуҷуд меорад, ки хоси як забон ва ва фарҳанги муайян аст. Ба ибораи дигар, забон воқеиятро месозад ва дар асоси он рассом тасвирҳо меофарад.

Хулоса, забон ва санъат маҳсули таффакур ва шуур буда, бо ин васила онҳо ҳамчун муҳимтарин унсури фарҳанг арзёбӣ мегарданд. Онҳо дар муқоиса бо офаридаҳои моддӣ устувор буда, ба ҳар яке аз ин падидаҳои маданӣ ақидаву тасаввуроти халқҳои гуногунзабону гуногунфарҳанг нақш бастаанд, ки онҳоро аз маданияти мардуми дигар ҷудо мекунанд. Пешрафти фарҳанги мардуми оламиён дар ин унсурҳои фарҳанг таҷассум ёфтааст.

Забон воситаи асосии муошират байни одамон маҳсуб ёфта, ҳар як фард тавассути он фикрашро баён мекунад ва якдигарро мефаҳмад. Дар омӯзиши фарҳанг “Забон - роҳбаладест, ки ба сифати оғози роҳбарикунанда аҳамияти бештарро касб менамояд” [Сепир Э. 1993, с. 138]. Он ҳамчун унсури фарҳанг ташаккул ёфта, дар рушди фарҳанг саҳми арзанда дорад.

Санъат бошад, инъикоси эҷодӣ, таҷдиди воқеият дар образҳои бадеӣ мебошад. Нуктаеро бояд дарҷ кард, ки санъат ба воситаи маҷмуи воситаҳои худ баъзе маъноҳоеро ифода менамояд, ки инъикоси онҳо дар забон ғайриимкон буда, бо вуҷуди ин барои одам ҳаётан муҳимманд.

Бо табдилёбии санъат ба унсури расму оини динӣ, яъне ҳангоми объекти тасвир гаштани худоҳо ва қаҳрамонони мифологӣ, санъат инъикосгари унсурҳои таҷрибаи фарҳангӣ гардид. Бо ин восита робитаҳои аввалини санъат ва фарҳанг пайдо шуда, баъдан ба таври фавқулодда инкишоф ёфтанд. Ва билохира санъат ба унсури муҳимтарини фарҳанг мубаддал гашт. Мақсади асосии санъат аз эҷоди образҳое иборат мебошад, ки муносибати эҳсосотии инсонро ба ҷаҳон нишон дода, дар доираи таҷрибаи ҳаёти шахсии рассом, нависанда, сароянда, режиссёр ва амсоли инҳо тафсир карда мешавад [Каган М.С. 1972, с. 121].

Ин силсилаи муттасилӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки забон ва санъат дар робита ва таъсири мутақобила миёни ҳамдигар арзи ҳастӣ менамоянд ва устувор будану рушд кардани онҳо бидуни ҳамдигар бениҳоят мушкил аст.

Ҳамин тавр, забон оинаест, ки таҷассумгари фарҳанги мардумон мебошад ва бо омӯзиши забонҳои гуногун инсон имкони ворид шудан ба фарҳангҳои он халқиятҳо пайдо менамояд. Дар натиҷаи дохил шудан ба фарҳанги мардумони гуногунзабон ҳудудҳои тасаввуроти ӯ тавсеа меёбанд, ки ба беҳтар намудани фаъолиятҳои ӯ дар соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, рассомонро зарур аст, ки барои ғанӣ гардонидани тасаввуроти худ, ки барои офаридани образу тасвирҳо муҳим аст, омӯзиши забонҳои гуногунро ба роҳ монанд, зеро донистани онҳо имкон медиҳад, ки тасвирҳои наве, ки дар арсаи ҷаҳонӣ эътибори хосса касб менамоянд, офарида шаванд.

Адабиёт:

1. Витгенштейн, Л. Философские работы / пер. с нем. М. С. Козловой и Ю. А. Асеева. – М.: Гнозис, 1994. – Ч. I. – 612 с.

2. Каган, М.С. Морфология искусства / М.С. Каган. – Л.: Искусство, 1972. – 440 с.

3. Ожегов, С. Толковый словарь русского языка / С. Ожегов. – М., 2020. – 736 с.

4. Сепир, Э. Избранные труды по языкознанию и культурологи/пер.с.англ.;общ. ред. И вступ. Ст. Кибрика А. Е. / Сепир Э. – М., 1993. – 656 с.

5. Уфимцева, Н.В. Языковое сознание: динамика и вариативность / Рос. акад. наук, Инт языкознания / Н.В. Уфимцева. – М., 2011. – 251 с.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ЯЗЫКА И КУЛЬТУРЫ

В данной статье автор рассматривает теоретический аспект взаимоотношений языка и культуры и анализирует различные подходы к решению этой проблемы. По его мнению, народная культура отражена на языке и передается из поколения в поколение. Автор придерживается мнения, что язык считается основой существования культуры, фактором формирования культурных символов.

Во вводной части автор дает информацию о языке и культуре. В основной части он выявил тесную связь искусства и языка, поскольку искусство считается составным компонентом культуры. В заключительной части автор подытожил свои мысли.

Ключевые слова: сознание, мышление, язык, культура, аспект, взаимодействие, искусство, изобразительное искусство, культурное наследие.

RESEARCH OF THEORETICAL ASPECTS OF INTERACTION OF LANGUAGE AND CULTURE

In this article, the author examines the theoretical aspect of the relationship between language and culture and analyzes various approaches to solving this problem. In her opinion, folk culture is reflected in the language and is passed on from generation to generation. The author is of the opinion that language is considered as the basis of the existence of culture, a factor in the formation of cultural symbols.

In the introductory part, the author provides information about language and culture. In the main part, she revealed the close connection between art and language, since art is considered an integral component of culture. In the final part, the author summarized her thoughts.

Key words: consciousness, thinking, language, culture, aspect, interaction, art, painting, cultural heritage.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Абдулвадудова Оразбону Мамадалиевна – омӯзгори фанни забон ва адабиёт, Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов. Телефон: +992-98-111-08-64.

Сведения об авторе:

Абдулвадудова Оразбону Мамадалиевна – преподаватель таджикского языка и литературы, Республиканский художественный колледж имени М. Олимова. Телефон: +992-98-111-08-64.

Information about the author:

Abdulvadudova Orazbonu Mamadalievna – teacher of Tajik language and literature, M. Olimov Republican Art College. Phone: (+992) 98-111-08-64.

ТДУ 316.42+930.85.008

МАЗМУН ВА МАҚОМИ ТАМАДДУНҲОИ ИНСОНӢ

Акбарова М.Ғ.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Муаллиф дар мақолаи мазкур маълумоти пурра ва саҳеҳ оид ба мавқеъ ва мақоми тамаддун рӯи авроқ овардааст. Халқи тоҷик аз ҷумлаи халққои ориёӣ буда, таърихи бою рангин ва мероси пурқимати динию фарҳангии худро дар тӯли таърихи гузашта нигоҳ, дошта, то ба замони имрӯза оварда расонидааст. Тамаддуни ориёӣ арзишҳо ва ҳикматҳои ахлоқии судмандро дорост, ки метавонад наслҳои ояндаи инсониятро ба роҳи рост ҳидоят намояд, аз ҳамин лиҳоз, бо кушишу талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлаткат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 “Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ” ҷашн гирифта шуда буд.

Калидвожаҳо: тамаддун, соҳибтамаддун, мутамаддин, Шарқ, Ғарб, ҷомеа, фарҳанг, маданият, далат, дастгоҳ, миллат, дин, Мисри қадим, Ганг, Ҳинд, муҳаққиқ, тиҷорат, ҳунармандӣ, маориф.

Ҷомеаи инсонӣ мафҳуми васеъ буда, дар асл аз қисматҳои алоҳидаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии аҳли ҷамъият иборат аст. Мутаносибан, ин қисматҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мустақил буда дар маҷмӯъ мазмуни ҳаёти ҷамъият дараҷаи тараққиёти кишварҳо ва сатҳи зиндагонии одамонро муайян месозад. Мақсуд таҳлилу таҳқиқи ҷанбаи ҳаёти мадании ҷомеа аст, аз ин рӯ лозим шуморидем, ки дар ин мавзуъ мақоми тамаддуни инсонро рӯи авроқ оварем, зеро бевосита қисмати муҳими мадании ҷомеа ба шумор меравад.

Мафҳуми тамаддун (сивилизатсия) қадима буда, пеш аз ҳама сатҳи умумии пешрафт ва дараҷаи мушаххаси ҷомеаи инсониро дар худ ифода менамояд ва ба ин хотир бояд ишорат намуд, ки тамаддун мафҳуми васеъ аст нисбат ба маданият. Маданият як ҷузъи таркибии ҳаёти ҷомеа буда, тамаддун бошад ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар гирифта, бо баробари ташакулли инсон ва ташкили ҷомеаҳои нахустини одамон пайдо шудааст. Тамаддун қисмҳои таркибии худро доро буда, унсурҳои он:

- давлат;
- сохти давлат;
- тарзи идоракунии ҷомеа;
- тарзи истеҳсолоти ҷомеа;
- таркиби иҷтомоии ҷомеа;
- тарзи ҳаёти одамон;
- ҳаёти фарҳангии ҷомеа;
- арзишҳои динию ахлоқии ҷомеа;
- таҳаввулот, сиёсат ва андешаи аҳли ҷомеа ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Тамаддун ва маданиятро якхел фаҳмидан хато аст, зеро мафҳуми маданият ин пеш аз ҳама комёбиҳои ҳаёти моддӣ ва маънавии аҳли ҷомеаро ифода менамояд. Вобаста ба ин маданият танҳо ифодагари як ҷанбаи ҳаёти ҷомеа – мадании ҷомеа мебошад.

Тамаддун бошад мафҳуми васеъ буда дар мачмӯъ ифодагари дараҷаи пешрафти умумии ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин, чунон ки бар меояд маданият ифодагари ҷузъ ва тамаддун ифодагари кул ба назар мерасад.

Масъалаи дигар ин шакли зуҳури тамаддун аст. Тамаддун дар чӣ зуҳур менамояд? Ифодагари тамаддуни инсонҳо чист?

Барои ба ин саволҳо ҷавоб ҷустан мо бояд ба таъриху афкори халқҳои ҷаҳон назар афканем. Бояд андеша намуд, ки кадом халқу миллат чӣ гуна таърих, адабиёт ва фарҳанг доранд. Инҳо ба сифати ифодагари тамаддуни маданияти ҳамон халқ зуҳур менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки ёдгориҳои маданият таҷассумгари тамаддуни халқу миллатҳо ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки халқу миллати, ки маданияти бою рангин ва қадим дорад, бевосита ҳамчун миллати соҳибтамаддун ҳисобида мешавад. Бамаврид аст ин ҷо ишора кунем аз тамаддуни давлатҳои қадими ҷаҳон ба мисли Байнаннаҳрайнӣ қадим ва Мисри қадим, ки бевосита дар шакли ёдгориҳои маданият зуҳур намудаанд. Чунин ёдгориҳои нодир ба мисли манораи Бобул, хати мехӣ ибодатхонаҳои Моҳтоб нишон аз тамаддуни Байнаннаҳрайн ва Аҳромҳои Мисрии Хеопс, Абулҳавл ва Минои Искандария аз тамаддуни Мисри қадим дарак медиҳанд. Илова бар ин ёдгориҳои нодири таърихию фарҳангӣ монанди «Ригведа» аз тамаддуни халқҳои Ҳинд ва «Авесто» аз тамаддуни халқҳои ориёӣ шаҳодат медиҳанд.

Ин дастовардҳои беназири маданияту тамаддун хеле муҳим мебошанд ва аз он чунин бармеояд, ки онҳо ақлгаро пурра мекунанд, ва ё яке дигареро ба вуҷуд меоранд. Давлатҳои ҷаҳонро вобаста ба ин дараҷаашон, соҳибтамаддун ва ё мутамаддин меноманд. Давлате, ки дорои тамаддуни пешқадам аст, албатта мавқеи худро дар байни давлатҳои ҷаҳон хубтару беҳтар ёфта мегирад.

Ба ибораи дигар тамаддун барои ҳалқу миллатҳо муайянкунандаи ҷараёни таърихӣ буда пешрафту пешомади оламро муайян мекунад. Хушбахт аст миллате, ки соҳибтамаддун аст ва он миллат бо туфайли тамаддуни хеш давлатеро бунёд мекунад, ки нисбат ба дигар давлатҳо дар тараққиёт пешқадам аст.

Муҳаққиқони мероси гузашта бар ин ақидаанд, ки аз бисёр ҷиҳат таърихи пайдоиши тамаддун аз бисёр ҷиҳат ба пайдоиши нахустин давлатҳои антиқӣ (давлатҳои ғуломдор) алоқамандӣ дорад. Бояд қайд намуд: - он давлате, ки ҳокимияти марказӣ ва низоми сиёсаш пурзур аст, имкониятҳо барои ташаккули тамаддуни пешқадам бештар ба назар мерасад. Илова бар он барои инкишофи тамаддуни халқҳо шароити табиию ҷуғрофӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, динӣ ва фарҳангӣ низ таъсири мусбат мерасонанд. Яке аз омилҳои дигари пешрафти тамаддуни халқҳо миллатҳо ин гузашти даврaҳои таърихӣ, муҳлати дуру дарози таърихӣ

мебошад, ки бо туфайли он мероси гузаштаи инсонӣ ва ё тамаддуни халқҳо ба системаи томи илмию фарҳангӣ табдил меёбад. Ин тамаддуни пайдошуда омили пешрафти ҷомеа мегардад.

Чӣ тавре ки дар боло ишора намудем, яке аз омилҳои пешрафти тамаддунҳо ин шароити табиию ҷуғрофии халқҳо мебошад. Яъне аз бисёр ҷиҳат пайдоиши тамаддунҳо ба он вобастааст, ки мавқеи табии ҳамон сарзамин ба пайдоиши тамаддун мусоидат мекунад. Ин ҷо мавқеи табиию ҷуғрофӣ чун мабдаи моддӣ барои тамаддунҳо хизмат мекунад. Таърихи башарӣ гувоҳ аст, ки нахустин одамони қадим мавқеи сукунати худро он мавзеъҳои ҷуғрофиро интихоб намудаанд, ки дар он ҷойҳо шароитҳо барои зиндагонии одамон фароҳам бошад ва ё зиндагӣ дар он мавзеъҳо нисбатан осон бошад. Бо ин мақсад нахустин бошандагони қадим дар канори дарёҳо, дар ҳамвориҳои назди дарёву кӯлҳо дар миёни марғзор канори кӯҳҳо барои худ бошишгоҳҳо месохтанд. Баъдтар бошад дар ҷараёни гузариш ба ҷомеаи ғуломдорӣ маҳз ҳамин халқиятҳо дар саромади ташкилу бунёди нахустин тамаддунҳо қарор доштанд ва бунёди зироаткориву чорводорӣ, нахустин ҳунарҳои мардумӣ, олоту асбобҳои рӯзгор, сару хонаҳои истиқоматӣ, оромгоҳу ибодатхонаҳои будоӣ ва ниҳоят ба дарки дунёи маънавӣ, ҷорӣ намудани хаттӣ, динию мазҳабӣ оғоз намуданд.

Натиҷаи ҳамин буд, ки нахустин тамаддунҳои ҷаҳонӣ маҳз дар соҳилҳои дарёҳои бузург ва заминҳои ҳосилхези назди ин дарёҳо ба вуҷуд омаданд, чунончи дар соҳилҳои дарёҳои Даҷла ва Фурот тамаддуни Бобулистони қадим, дар соҳилҳои дарёи бузурги Нил тамаддуни Мисри қадим, дар соҳилҳои дарёҳои Ганг ва Ҳинд тамаддуни Ҳинд, дар соҳилҳои дарёҳои Хуанхе ва Янзӣ тамаддуни Хитои қадим ва ниҳоят дар соҳилҳои дарёҳои Ому ва Сир тамаддуни Ориёӣ зуҳур намудааст.

Омили дигари пешбарандаи тамаддунҳои инсонӣ, чӣ тавре ки дар боло ишора намуда будем, ин мавқеи ҷамъиятию сиёсии кишвар мебошад. Устувории ин омилро муҳаққиқон ишора намудаанд. Агар давлате сохтори сиёсӣ ҷамъиятии худро тавре омода созад, ки имкониятҳо барои инкишофи тамаддун пайдо шавад, албатта соҳибтамаддун мегардад. Давлате, ки дастгоҳи сиёсиаш пурзур буда, соҳиби лашкари пуриқтидор аст, имкониятҳои реалӣ барои инкишофи тиҷорат, ҳунармандӣ, маориф инкишофи ҳаёти иқтисодӣ пайдо менамояд ва ҳамзамон худро аз таъсироти берунӣ муҳофизат карда метавонад, дорои тамаддуни башарӣ мегардад. Давлатҳои соҳибтамаддун дорои чунин омилҳоянд.

Агар ба таърихи давлатҳои ғуломдории Мисри қадим, Бобулистони қадим, Ҳиндустони қадим, Хитойи қадим, Бохтару Суғди қадим назар афканем, мебинем, ки воқеан ин давлатҳо дар замони худ намунаҳои беҳтарини давлатдориро доштанд. То ҷое шуҳрати давлатдории онҳо боло рафта буд, ки танҳо дар сарзаминҳои аҷдодии мо тоҷикон ва дигар халқҳои ориёӣ давлатдориро бо номҳои худ ишора мешуданд. Чунончи: Пешдодиён, Каёниён, Ҳахоманишиён, Сосониён, Сомониён, Тоҳириён ва дигарҳо.

Дар ин гуна давлатҳо ҳокимияти марказӣ устувор буда, дастгоҳи сиёсӣ давлат пурзур аст. Давлат барои пешравии ҳамаи соҳаҳо ва бахусус, илму маориф саҳм мегирад. Ин малакаю эҳтимоди давлатдорӣ дар замони феодализм, капитализм, сотсиализм ва ниҳоят дар замони бунёди демократия низ рушду камол меёбад. Давлатҳои соҳибтамаддун дар ҳамаи ин даврaҳои таърихӣ мероси аҷдодии худро нигоҳ дошта, ҳамвора рушду камол ёфта тамаддуни худро инкишоф додаанд.

Омили муҳими дигар дар инкишофи тамаддунҳои башарӣ ин мавқеи динию фарҳангии кишварҳо мебошад. Дин ҳамчун як навъи шуури ҷамъиятӣ хеле барвақт дар ҷомеаи нахустини инсонӣ ба вуҷуд омада, минбаъд дар ҷомеаи ғуломдорӣ ва дигар ҷомеаҳои синфӣ ташаккул ёфтааст. Дини нахустин – будоӣ ва баъдтар динҳои дигари тарғибкунандаи яккахудоӣ ба мисли дини зардуштӣ, яҳудӣ, насронӣ ва дини ислом дар худ арзишҳои қимати ахлоқиро доранд.

Динҳо дар ташаккули ҷомеаи инсонӣ, тарбияи ахлоқии аҳли ҷомеа ҳамрадифу ҳамкори давлат шуда омадаанд. Ба воситаи дин ҷомеаро тарбия менамоянд. Аз ин арзишҳои пурқимати инсонҳо таносуби ҷомеа ҳамвора нигоҳ дошта мешавад. Омилҳои маърифат, хирад, эҳтиром, садоқат, қаноат боло мегирад. Ниҳоят руҳи солим созанда дар ҷамъият устувор мешавад.

Мақоми дин дар ташаккули тамаддун беандоза бузург аст. Дин дар ҷомеаи инсонӣ ҳамчун идеологияи расмӣ баромад менамояд. Дин ба пешрафти маданият, касбу ҳунар, мусоидат намуда ба ташаккули тамаддуни инсонӣ таъсири калон мерасонад.

Агар ба таҳлили амиқи таърихи динҳо назар афканем мебинем, ки динҳои бузурги имрӯзаи ҷаҳонӣ дини насронӣ (христианӣ) ва дини ислом чун зуҳури ду тамаддун – тамаддуни насронӣ ва тамаддуни исломӣ бо ҳам дар рақобат инкишоф ёфтаанд. Ҳар кадоме аз он чун зуҳури тамаддунҳои башарӣ нақши худро дар таърих гузоштаанд.

Тамаддуни ислом ҳамчун тамаддуни шарқӣ дар асри VII ба вуҷуд омада дар асрҳои VIII–X ба авҷи тараққиёташ мерасад. Тамаддуни насронӣ агарчи таърихи қадимтар дошта бошад ҳам танҳо дар асрҳои XII–XIII рӯ ба инкишоф меорад. Баъдтар дар асрҳои XV–XVII бошад гул-гул мешукуфад. Ин тамаддун бештар бо номи тамаддуни Ғарб арзёбӣ шуда ва зинаи олии онро ба давраи Эҳё (Ренессанс) мансуб медонанд.

Муҳимтарин хусусияти давраи Эҳё ин болоравии нуфузи дини насронӣ буда таблиғи илму фарҳанг, меҳнати бунёдкорона, эҳёи анъанаҳои беҳтарини маданияти атиқӣ, сохтмони ибодатхонаҳо, қасрҳо, кохҳои илму фарҳанг, бунёди шаҳрҳо, давлатҳои нав, инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ; бунёди мануфактураҳо, корхонаҳои нахустин, бонкҳо, кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ва ниҳоят эҷоди асарҳои нави илмию фарҳангӣ, бунёди санъати рассомию мусиқӣ ва дигар навъҳои он ба шумор мерафт. Дини насронӣ дар ин давр бо инкишофи ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлатҳои Ғарб мусоидат намуд. Папаи Рим – маркази дини насронӣ нуфузу мартабаи хоса пайдо намуда дар баҳамомадани давлатҳои Аврупо кишварҳое, ки дини насрониро парастиш менамуданд мусоидат менамуд. Дар ҳоле ки агар ба асрҳои XII–XIII бингарем калисои насронӣ ба инкишофи ҷомеа, давлатҳо ва ҳаёти мардум иштироки фаъолона дошт, дар ҳаёти маданию рушди иқтисодиёт монеи мегардид. Бояд қайд намуд, ки ин ҷо мақоми калисои насронӣ аз он иборат гардид, ки дин ва сиёсат онро ба талаботи ҷомеа, ба зиндагии воқеии мардум, ба ҳаёти беҳтари зиндагӣ мувофиқ гардонид. Маҳз ҳамин равиш ба инкишофи тамаддуни Ғарб сабаб гардид. Воқеаҳои инқилобҳои сиёсӣ ва илмӣю техникӣ дар ин давлатҳо вусъати тоза гирифт.

Тамаддуни исломӣ бошад, дар зуҳури дини ислом, танҳо дар ибтидои пайдоиши худ асрҳои VII–VIII падидаи нав буда барои инкишофи илму фарҳанги халқҳои Шарқ мусоидат намудааст. Баъдтар бошад дар асрҳои IX–X баъди таназзули хилофати Араб давлати пурзуру пуриқтидори Араб рӯ ба шикаст овард. Дини ислом, ки чун падидаи нав дар байни халқҳои Шарқ зуҳур менамуд акнун ба хурофотҳои зиёде олуда гардид, ки минбаъд ба пешравии фарҳанг ва инкишофи иқтисодиёт монеъ мегардид.

Ин ҷараён дуру дароз давом ёфта, инкишофи давлатҳои исломӣ ва аз ҷумла тамаддуни Шарқро аз инкишоф бозмонд. Давраи аз нав зиндашавии тамаддуни исломӣ ба охири асри дар Аврупо ва Амрико ба вуҷуд омадаанд, ки шоистаи эҳтиром ва инчунин дорои арзишҳои пурқимат мебошанд. Имрӯзҳо кашфиётҳои беназири илмию техникӣ, дастовардҳои истеҳсолии ҷаҳон ба мисли мануфактура, бонк, фабрика, завод, комбинат, поезд, роҳҳои оҳан, нерӯи барқ, нерӯи ҳастаӣ (атом), нақлиёти ҳавоӣ, телефон, радио, синамо, телевизион, телеграф, компютер ва ғайраҳо ба арзишҳои тамаддуни Ғарб мансубанд.

Эҳтироми арзишҳои тамаддуни Ғарб аз ҷониби ҷаҳониён пазируфта шудааст. То ҷое аз он кишварҳои шарқи исломӣ, ки ворисони мероси тамаддуни исломӣ мебошанд истифода намудаанд, баҳра бурдаанд ва имрӯз низ ин дастовардҳоро қадр мекунанд.

Асри XXI бисёр мураккаб ва аз ҳар ҷиҳат пурихтилоф аст ба он маънӣ, ки дар саромади ин аср равандҳои инкишофи тамаддуни ҷаҳонии исломӣ ба андозае мақом гирифт, ки дар баъзе аз дастовардҳо бо тамаддуни Ғарб тамаддуни насронӣ дар рақобату бархурд қарор мегирад. Мусаллам аст, ки мамлакатҳои мусалмонии Шарқ дастовардҳои илмию техникии Ғарбро истифода бурда, бо ин восита ба инкишофи ҳаёти иқтисодӣ насиб гаштаанд. Илова бар он дар байни халқҳои ҷаҳони ислом рӯҳи хештаншиносӣ боло мегирад ва ба эҳёи дастовардҳои таърихию фарҳангии худ мепардозанд. Ин ҳамонро мемонад, ки як замоне дастовардҳои Шарқ ба кишварҳои Ғарб дар чунин сурат гузашта буд. Зеро дар замоне, ки тамаддуни Шарқ шуҳрат ёфта буд, дар он замон давлатҳои Ғарб аз протсессҳои ҷаҳонӣ ақиб мемонданд. Ин кӯчиши тамаддунҳоро мемонад ва аз рӯи тадқиқотҳои олимон кӯчиши тамаддуни Шарқ ба Ғарб дар ду марҳала сурат гирифтааст. Марҳалаи аввал ин ба асрҳои V–IV пеш аз милод рост меомад, ки мероси таърихию фарҳангии давлатҳои ғуломдории Мисри Қадим, Байнаннаҳрайн, Чин ва Ҳинд, Ҳахоманишиҳо, Суғд, Бохтар ба давлатҳои ғуломдории Ғарб – Юнону Рими қадим таъсири худро гузаронида буданд.

Марҳалаи дуюми кӯчиши тамаддуни Шарқ ба Ғарб ба асрҳои VIII–IX мелодӣ рост меояд, ки ин давра бо мероси фарҳангии ислом ва давлатҳои феодалии кишварҳои Ғарб гузоштааст ва таъсири амиқи худро дар мероси фарҳангии Ғарб гузаронидаанд.

Кӯчиши тамаддуни Ғарб низ ба кишварҳои Шарқ дар марҳалаҳои муайян ба вуҷуд омадааст, ки чунин даврaҳоро дар бар мегирад: Марҳалаи аввал, асрҳои IV–II пеш аз милод бо амалиятҳои Искандари Мақдунӣ оғоз гардида баъдтар ба воситаи давлатҳои ташкилкардаи Юнон ба кишварҳои Шарқ гузариши тамаддуни давлатҳои Ғарб сурат гирифтааст.

Марҳалаи дуввум; асрҳои XI–XII рост меояд, ки тамаддуни Ғарб ба воситаи лашкаркашиҳои салибӣ бо кишварҳои Шарқи исломӣ таъсири худро мегузорад.

Агар воқеъбинона ин марҳалаҳои кӯчиши тамаддунҳоро таҳлил намоем мебинем, ки то асрҳои X–XI дараҷаи инкишофи тамаддунҳои ҷаҳонӣ (дар мисоли Ғарбу Шарқ) қариб дар як сатҳ қарор дошт ва то андозае тамаддуни Шарқ афзалият дошт.

Асрҳои XI–XIII барои тамоми давлатҳои ҷаҳон марҳалаи рукуд ҳисобида мешавад. Зеро дар ин марҳала бо баробари парокандагии феодалӣ асримёнагӣ (давраи ҷангҳои байни якдигарии феодалон ва давлатҳои мухталиф), хоҷагии халқ ва иқтисодиёти кишварҳо хароб мегардад. Мавқеи дин бошад дар ин марҳала боз ҳам устувор мегардад. Дин акнун аз талаботи иҷтимоии мардум боло баромада ба мавқеи сиёсии давлатҳо таъсир мерасонад. Ва ниҳоят зери байрақи дин ҳар гуна хурофотҳо ташвиқ мегардид, ки ба кори созандагии пешравии халқу миллатҳои ҷаҳон таъсири манфӣ расонид.

Марҳалаи рукуди тамаддунҳо дар давлатҳои Ғарб дер давом накард. Зеро аз асрҳои XV–XVII сар карда бо баробари оғози давраи Эҳё (Ренессанс) дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишварҳо дигаргунсозиҳои бузурге ба вуҷуд пайваст, ки тавонист давлатҳои Ғарбиро ба пояи баланди таърихӣ бардорад. Бояд қайд намуд, ки дар дигаргунсозиҳои ин давр мавқеи дини насронӣ бузург буд. Дини насронӣ ба сифати таблиғотчии воқеаҳои инқилобӣ дар дигаргунсозиҳои ҳаёти илмӣ ё фарҳангӣ, меҳнатию истеҳсолии давлатҳои Ғарб саҳм мегирад. Ба инкишофи таърихии давлатҳои тамаддуни насронӣ таъсири мусбат мерасонад. Маҳз ба ҳамин хотир дар як қатор давлатҳои Аврупо ва Амрико воқеаҳои инқилобӣ ва пешравиҳои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Давлатҳои Ғарб бо суръат тараққӣ мекарданд.

Мутаассифона марҳалаи рукуд – асрҳои XI–XIII барои халқҳои Шарқ дер боз боқӣ монд. Ин марҳала қариб 1000-солро дар бар мегирад. Ин марҳалае буд, ки кишварҳои ҷаҳони Шарқ шуҳрати таърихии худро пурра аз даст доданд. Ин марҳалае гардид, ки арзишҳои тамаддуни Шарқ дар мисоли дини ислом мақоми прогрессивии худро аз даст дода, бо роҳи хурофот ва

дигар унсурҳо ба инкишофи халқҳои Шарқ таъсири манфӣ расонид. Ҳама протсессҳои инқилобӣ ва дастовардҳои иқтисодии халқҳо ба кишварҳои Ғарб нисбат дошт.

Хушбахтона, метавон гуфт, ки баъди 1000 сол аз нав шуҳрати тамаддуни Шарқ боло гирифта истодааст. Таваҷҷуҳ ба мероси гузаштагӣ аз нав оғоз мегардад. Истифодаи ҳама гуна мероси арзишманд ба фоидаи халқу миллатҳост. Ва хеле хубу гуворост, ки халқҳои Шарқ ҳам комёбиҳои илмию техникии асри XX-ро дар ҳаёти кишварҳои худ амалӣ мегардонанд. Бо ин восита инкишоф меёбанд ва инчунин саҳми худро дар бунёди тамаддуни умумиҷаҳонӣ мегузоранд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи мо қарор хоҳад гирифт ин нишон додани мерос ва музаффарияти тамаддуни ҷаҳон аст. Ба ибораи дигар тамаддун ба аҳли башар чӣ додаст? Инсонҳо аз тамаддун чӣ бардоштаанд?

Шояд барои хонандаи нозукбин нишон додани арзишҳо ва музаффариятҳои тамаддуни ҷаҳон чандон аҳамият надошта бошад. Вале чун ҳадаф ба ошкор намудани арзишҳои тамаддуни башар равона аст, ин ҷо зарур шуморидем бори дигар аз музаффариятҳои тамаддуни башарӣ ишора намоем, ки кадоме аз давлатҳо чи осоре аз худ ба ҷаҳониён мерос гузоштаанд:

- тамаддуни Чини қадим ба наслҳои оянда таълимоти пурғановатии фалсафӣ ва ахлоқии Конфусий, қоғаз, Сади бузурги Чин, канали бузурги ҳавзаи дарёҳои Янтси ва Хуанхэ, роҳи Абрешимро гузоштааст;

- тамаддуни Ҳиндустони қадим рақамҳо, сифр, бутҳо, тиб ва динҳои буддоияю ҳиндуияро боқӣ гузоштааст;

- тамаддуни Байнаннаҳрайн, қонунҳои Ҳомураппӣ, Боғи Муаллақ, Манораи Бобул, тақвими бобулии ситорашиносӣ, дарвозаи Иштар, ибодатхонаи Худои Моҳтоб ва деворҳои тавассути нақши мукарнас ороиш додашудаи Бобулро гузоштааст;

- тамаддуни Мисри қадим мақбараҳои фиръавнҳо, аҳромҳо, аҳроми Хеопс, Абулҳавл, Минои Александрия, иншоотҳои обёрикунӣ, тиб, мумиёи ҷасад, илмҳои ситорашиносӣ ва риёзиётро аз худ боқӣ гузоштааст:

- тамаддуни Ҳахоманишиҳо, Куруш, Доро аввалин империя ҷаҳонӣ, қушуни пурӯзури типии нав, санъати пешқадами форсро боқӣ гузоштааст:

- тамаддуни Юнони қадим сохти ғуломдорӣ, тарзи демократии идораи давлат, акропол, тиҷорат, театр, бозиҳои олимпӣ, маданияти эллинӣ, илм ва олимони бузург, Суқрот, Афлотун, Арастуро боқӣ гузоштааст:

- тамаддуни Рими қадим: шаҳри Рим, Форум, Палатин, сохти ғуломдории Рим, сохти ҷумхуриявии Рим, истилоҳҳои илмӣ, сенат, дини насронӣ ва ҳуқуқи Римро аз худ мерос гузоштаанд.

Ҳиссаи дастовардҳои арзишманди тамаддуни ҷаҳонӣ дар он аст, ки аз падидаҳои он аҳли башарият баҳра мебаранд. Ин тамаддунҳо ба аҳли башар дар тарзи идораи давлат, илму фарҳанг, санъат, адабиёт, қушун, касбу ҳунар, иншоотҳо, иқтисод, тиҷорат, муомилоти молию пули арзишҳои пурқимате доранд.

Мо аз дастовардҳои арзишманди тамаддуни ҷаҳон ёдрас намудем. Ва ин ба он хотир буд, ки музаффариятҳои ин тамаддунҳо дар мисоли давлатҳои алоҳида чун нишонаи чашмрас дар саҳифаҳои таърихи гузашта ва имрӯзаи ҷаҳонӣ нақши худро ёфтаанд ва аз ҷониби аҳли башар шинохта шудаанд. Вале бояд қайд намуд, ки на ҳама арзишҳо ва дастовардҳои халқҳо ба хамагон маълум аст. Асорати нангини таърих, ҷангу ҷидолҳои байни давлатӣ, динию мазҳабӣ, кашмакашиҳои сиёсию миллӣ, ниҳоят ҳисси адовату хусуматҳои миллию нажодӣ бархе аз арзишу дастовардҳои халқҳоро нобуд сохта ва ё аз ворисони аслиашон ҷудо намудааст. Ҳамчунин бархе аз арзишҳои бо туфайли омилҳои сиёсию давлатӣ, ки аз ғасби ҳокимиятҳо ба вуҷуд меомад мазмуну мундариҷаи аслиашонро маҷбуран дигар мекарданд. Ва ё аз рақобату

бадбинии миллию динӣ, низоъҳои мазҳабӣ ҷумлае аз арзишҳою дастовардҳои таърихии халқҳо нобуд карда мешуданд. Ниҳоят халқу миллатҳое низ вомехӯранд, ки аз сабаби нотавонӣ ва дар асорати дигар давлатҳою динҳо монданашон, дигар қудрати пуштибони намудани мероси аҷдодиашонро надоранд. Ва билохир, халқу миллатҳое низ вомехӯранд, ки бо туфайли омезишҳои тамаддунҳои ҷаҳонӣ ва ҳамчунин омилҳои ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) аз асли асосии хеш канда мешаванд ва барои он аз ки будани тамаддун, ба чи анҷом ёфтани тақдири халқу миллат аҳамият надорад.

Халқи тоҷик аз ҷумлаи халқҳои ориёӣ буда, таърихи бою рангин ва мероси пурқимати динию фарҳангии худро дар тӯли таърихи гузашта нигоҳ, дошта, то ба замони имрӯза оварда расонидааст. Ва аз ҷумлаи арзишҳо ва дастовардҳои пурқимати аҷдодони мо, ин китоби «Авесто» ва ойини Зардушт мебошад, ки ба ҷумлаи мероси тамаддуни ориёӣ мартуб аст. Меросе, ки дар воқеъ арзишманд буда, музаффарият ва нишонаҳои чашмрас дорад, ҳикмату осори ахлоқиаш судманд аст.

Тамаддуни ориёӣ арзишҳо ва ҳикматҳои ахлоқии судмандро дорост, ки метавонад наслҳои ояндаи инсониятро ба роҳи рост ҳидоят намояд, аз ҳамин лиҳоз, бо кушишу талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлаткат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 “Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ” ҷашн гирифта шуда буд.

Ҷаҳони имрӯза бо туфайли ҳама ихтилофҳои давлатию сиёсӣ, динию мазҳабӣ, миллию нажодӣ ва ахлоқию фарҳангиаш дар ҳоли рушд аст. Вобаста ба ҳамин тамаддуни муосири ҷаҳон низ дар равнақу ривоҷ қарор дорад. Мусаллам аст, ки тамаддуни муосири ҷаҳон дар ҷои хушку холӣ пайдо нашудааст. Ин тамаддун бевосита дар заминаи ниҳоят бой ва устувори арзишҳои кулли тамаддунҳои гузашта ба вуҷуд омадааст. Аз ин ҷиҳат бояд қайд намуд, ки бе тамаддунҳои гузашта тамаддуни муосири ҷаҳон ба вуҷуд омада наметавонист. Тамаддуни имрӯзаи ҷаҳонро дар як шакл пиндоштан ва муаррифӣ намудан хато мебуд. Агарчи дар тӯли таърихи инкишофи худ ҳар кадоме аз тамаддунҳо ба якдигар такя карда омадаанд. Аз якдигар гирифтаанд, баҳра бурдаанд ва якдигар гузоштаанд ва ба ин васила инкишоф ёфтаанд. Чунон ки тамаддуни Мисри қадим ба тамаддуни Байнаннаҳрайн такя кардааст. Тамаддуни Юнони Қадим бошад аз се тамаддун ғизо гирифтааст, тамаддуни Крит, тамаддуни Мисри Қадим ва тамаддуни Ҳахоманишиён. Тамаддуни Ҳахоманишиён бошад ба тамаддуни Бобулу Чин ва Ҳиндустону Миср такя намудааст. Ба ҳамин монанд ҳар як аз тамаддунҳо аз якдигар баҳра бурдаанд. Вале бояд гуфт, ки дар байни ин тамаддунҳо тамаддуни Юнони Қадим ба ҷиҳати бузургӣ ва арзишмандии таърихию фарҳангиаш аз дигарон фарқ мекард. Зеро ин тамаддун ба тамаддунҳои дигар кишварҳои ҷаҳон таъсири бештар расонидаст. Ба ибораи дигар тамом тамаддунҳои баъдинаи ҷаҳонӣ аз донишҳо ва дастовардҳои тамаддуни Юнони қадим баҳра бурдаанд ва инчунин арзишҳои дигари ҷаҳониро тавассути тамаддуни Юнони қадим аз бар намудаанд. Тамаддуни Юнони қадим баъдтар ба тамаддуни Рими қадим таъсир бахшидааст. Тамаддуни юнонӣ (эллинӣ) ва римӣ ба пайдоиши тамаддуни насронӣ замина гардиданд. Ҳамин тариқа тамаддунҳои эллинӣ, римӣ, зардуштӣ, яҳудӣ, насронӣ ва тамаддуни исломӣ асос гузоштанд. Ин омилҳои таъсирбахш ниҳоят ба бедории тамаддуни давраи эҳё дар Ғарб оварда расонид, ки намунаи воқеан ҳам бузургу дурахшони ҳамаи тамаддунҳоро дар худ дошт. Ба ибораи дигар дар саромади ҳама комёбиҳои ҳаёти моддию маънавӣ бедории ақлию зеҳнӣ, табаддулотҳои илмию динӣ халқҳои Аврупо қарор гирифт. Аз давраи аввали пайдоиши тамаддуни «Эҳё» сар карда роҳи васеи инкишоф дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар давлатҳои Аврупо ва баъдан дар дигар қитъаҳои ҷаҳон ба вуҷуд омад.

Воқеаҳои инқилобӣ дар ҷамъият, табаддулотҳои илмӣ дар соҳаҳои илм, кашфиётҳои илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ, ихтироотҳои илмӣю техникӣ дар ҷаҳон,

гулгуншукуфии адабиёту санъат, болоравии арзишҳои ахлоқию динӣ, инкишофи маданияти моддию маънавии халқҳо, кишвараккушоии бузург, истеъмолотҳои пешқадам, истифодаи неъматҳои замин, дигаргунсозиҳои тарзи ҳаёти одамон ва монанди инҳо аз падидаҳои бузурги давраи эҳё ба шумор мераванд. Илова бар он як шакли зуҳури тамаддуни давраи эҳё ҳамин буд, ки дар тамоми кишварҳои Ғарб ҳаракатҳои бузурги созандагӣ дар ҳаёти кишварҳо ба вуҷуд омад. Ҳамчунин ин омил ба дигар кишварҳо ба мисли давлатҳои Шарқ, онҳое ки дини ислом ва дигар динҳоро мепарастиданд таъсири амиқ гузошт. Дар ҳоле ки тамаддуни давраи эҳё аз арзишҳои динӣ, дини насронӣ эътироф менамуд. Ва ин худ чунин вомедошт, ки дар асл дар бунёди тамаддуни давраи эҳё тамаддуни насронӣ асос гузошта бошад. Бо ин восита чунин фаҳмиш низ дар Ғарб пайдо гардида буд, ки тамаддуни насронӣ созандаю пешқадам аст. Пуразриш аст дар нисбати дигар тамаддунҳо аз ҷумла тамаддуни ислом. Ин бузургдоштҳои назарӣ дар кишварҳои Ғарб, дар ибтидои асри ХХ то дараҷае боло гирифт, ки ихтилофоту ҷудоандозиҳои тамаддунҳо боз ҳам равшан гардид.

Оре, тамаддуни муосири ҷаҳон маҷмӯи муайяни андозаи имрӯзаи комёбиҳо ва арзишҳои пурқимати ҷаҳониён аст. Вале ин тамаддунро дар ду чаҳорчӯба дар ду тамаддун (тамаддуни Ғарб ва тамаддуни Шарқ) дидан боз ҳам ранги сиёсӣ менамояд. Дар байни ин тамаддунҳо аз ваҳдати арзишҳои дини насронӣ ва дини ислом ҷудо андохтан, кинаву адоват барафрӯхтан хатогии маҳз аст. Баръакс аз бузургдоштҳои арзишҳои якдигар баҳравар гардиданд дар партави мероси таърихию фарҳангии хеш боло рафтан бо назардошти дар як сайёра, дар як ҷаҳон бо ҳам зистан ҳамаи ҷаҳониёнро бо падидаи неки пуразриши замон, муколамаи тамаддунҳо, фарҳангҳо ва динҳо овардан ба манфиати умумӣ мебуд.

Боиси хушнудист, ки бо ташаббуси Созмони Миллали Муттаҳид баҳри муҳайё сохтани шароити беҳтари зиндагӣ барои тамоми инсоният тадбирҳои амалӣ андешида мешавад, ва ҳамзамон мулоқотҳои роҳбарони давлатҳои узви СММ бахшида ба муколамаи тамаддунҳо, фарҳангҳо ва динҳо баргузор мегарданд.

Ошкор намудан ва ё нишон додани сабабҳои таназзули тамаддун барои ҷомеаҳои мутаммадин дар ҳама давру замон кори муҳим буду ҳаст. Омилҳои асосие, ки ба таназзули тамаддун оварда мерасонанд, ба сабабҳои дохилӣ ва берунии кишварҳои соҳибтамаддун сахт алоқаманд аст. Аниқтараш ба сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ метавонад тамаддунҳо таназзул ёфта то ба ҳадди нестӣ расанд.

Сабабҳои дохилии таназзули тамаддунҳоро аксари донишмандон аз сустшавии ҳокимияти сиёсӣ, системаи сиёсию ҷамъият ва идораи марказии давлат меҳисобанд. Зеро сустшавии идораи маркази давлат боиси низоъ ва талошҳои ҷудоиталабона, сарбардории ҳокимони ҷудоиталаби маҳаллу музофотҳо боиси пурқуввату пойдоршавии ҳокимиятҳои маҳаллӣ пайдошавии сарҳадҳои дохилӣ ва дастаҳои мусаллаҳи ба ҳокимияти марказӣ итоатнакунанда, бурдани сиёсати ғайрифаъоли маҳаллӣ ба инобат нагирифтану риоя накардани тартиботи давлатии марказӣ ва ғайраҳо мегардад. Ҳамаи ин омилҳо сабабҳои асосии таназзули тамаддун мегардад ва дар дохили як кишвар, ки дар натиҷа давлат қудрати сиёсиашро аз даст медиҳад. Буҳрони шаддиди сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ тамоми ҷомеаро фаро мегирад. Ҳар гуна арзишҳои таърихӣ, динию ахлоқи, бадеию фарҳангӣ қимати худро гум мекунанд. Нерӯи зурӣ, ҷаҳлу зулумот нисбат ба нерӯи илмию ақлӣ боэътибор боло мегирад, ки ин ба фалокати бузурги нестшавии тамаддун оварда мерасонад.

Омилҳои хориҷии таназзули тамаддун бошад асосан инҳоянд.

Тасаруфи як кишвар аз тарафи кишвари дигар. Масалан, тасаруфи сарзаминҳои Шарқ, аз тарафи Искандари Мақдунӣ, ҳуҷуми варварҳо ба империяи Шарқии Рим ва мутеъ сохтани Рими қадим, зери шиори ғазо барои ислом паҳнкунии дини ислом дар мамолики Шарқу Ғарб

аз тарафи арабҳо, истилои муғулу тоторҳо ба давлатҳои ҷаҳон ва ё ҳуҷуми Руссияи подшоҳию ба Аморати Бухоро яке аз омилҳои таназзули тамаддуни башарӣ ҳисобида шудаанд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки одатан дар ин мавридҳо тамаддуни давлати истилогардида гирифтори асорати тамаддуни кишвари ғолиб мегардад. Ин ҳолатҳо то ба рақобати тамаддунҳо омада мерасад. Тамаддуни пешқадам дар ин вазъият истодагари намуда худро ҳифз карда метавонад.

Омили дуввуми хориҷии таназзули тамаддун ин ташаккули тамаддунҳои дигар халқу миллатҳо дар дохили кишвар ба ҳисоб меравад. Ин омил, чи тавре ки таҷрибаи таърихии кишварои ҷаҳон нишон медиҳад бе ҷангу харҳаша сурат мегирад. Дар ин мавридҳо аксаран омилҳои глоболизатсия тавсири амиқи худро мегузорад. Ва ё тамаддуни пешқадам худ мавқеи тамаддуни худии кишварро танг карда аз майдони тамаддунҳо бароварда худ ҷой онро мегирад.

Таҳлили амиқи тамаддунҳо истилоҳи кишварҳои «соҳибтамаддун» ва «мутамаддин»-ро пеш меоварад. Ба таври дигар, кадом кишварро соҳибтамаддун номид ва кадом давлатро мутамаддин шуморид. Вожаҳои «соҳибтамаддун» ва «мутамаддин» истилоҳи нави ҷомеашиносӣ мебошанд. Соҳибтамаддун будан ин маънои онро дорад, ки ҳамон халқу кишвар аз замони пеш то ба имрӯз соҳиби арзишҳо ва музаффариятҳои пурқиммати тамаддун мебошад, ки мероси фалсафию динӣ, фарҳангии ҳамон сарзамин онро ба вуҷуд овардааст. Тамаддуни хешро бо назардошти омилҳои ҷаҳонишавӣ нигоҳ дошта ва ҳам замон инкишоф додааст. «Мутамаддин» истилоҳи нав буда, маънои ҷомеаи замонавӣ, адолатпарвар, инсондӯст, бофаҳму боодоб, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дорои ахлоқ ва маданияти баландро ифода менамояд. Ҳардуи ин истилоҳот идеалҳои ҳар кадом давлатест, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ арзиш доранд. Хушбахтона, кишвари мо тоҷикон, халқи тоҷик, ки таърихи бойю рангин ва мероси арзишманди динию фарҳангӣ дорад, худро соҳибтамаддун меҳисобад. Ин ҳақ аст ва ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ин андешаро дастгирӣ менамояд.

Бунёди ҷомеаи мутамаддин аз ҷумлаи орзуҳо омоли халқи соҳибтамаддуни тоҷикон аст. Ҷомеае, ки ҳадафҳои сиёсию иқтисодии он ба бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд асос ёфтааст имрӯзҳо соҳибтамаддун ҳисобида мешавад. Дар воқеъ, дар ин раванд кишвари мо қарор дорад ва бо кӯшишу дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ба мақсади худ ноил гардидан саъю талош меварзад. Он рӯз дур нест, ки кишвари мо дар қатори дигар давлатҳои мутамаддин мавқеи устувор пайдо намуда, шинохтаи оламӣ мегардад.

Адабиёт:

1. Арбобзода А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик. – Душанбе, 2003.
2. Асрориён Ҷ., Сайвалиев Н. Мавод доир ба назарияи фарҳанг. – Душанбе, 1994.
3. Муқимов Р. Маданиятшиносӣ. – Душанбе, 1998.
4. Дик П.Ф., Дик Н.Ф.. Культурология. – Ростов-на-Дону, 2006.
5. Сулаймонов С. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе, 2001.
6. Темур Атахонов, Сафар Сулаймонӣ. Тамаддун. Кит, 1-2. – Душанбе, 2003-2005.
7. Тоҷов Н. Ҳусейнов К. Тоҷов М. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе, Эрграф. 2012.
8. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон дар оинаи таърих. – Душанбе, 1990.
9. Хоҷамуродов О. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе, 2011.
10. Эмомалӣ Раҳмон. «Ориёнҳо – шинохти тамаддуни эронӣ» // Ҷумҳурият. 2006.17.06.

СОДЕРЖАНИЕ И СТАТУС ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ ЦИВИЛИЗАЦИЙ

В данной статье автор предоставил полную и точную информацию о положении и статусе цивилизации на Земле. Таджикский народ относится к арийским народам, сохранившим свою богатую и красочную историю, а также ценное религиозное и культурное наследие на протяжении

всей истории и доведшим его до наших дней. Арийская цивилизация обладает полезными моральными ценностями и мудростью, которые могут направлять будущие поколения человечества на правильный путь. В этом отношении, благодаря усилиям Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента страны, достопочтенного Эмомали Рахмона, 2006 год был объявлен «Годом славы арийской цивилизации».

Ключевые слова: цивилизация, цивилизованный, Восток, Запад, общество, культура, цивилизация, государство, устройство, нация, религия, Древний Египет, Ганг, Индия, исследователь, торговля, ремесло, образование.

CONTENT AND STATUS OF HUMAN CIVILIZATIONS

In this article, the author provides comprehensive and accurate information about the status of civilization on Earth. The Tajik people are among the Aryan peoples, who have preserved their rich and colorful history, as well as their valuable religious and cultural heritage, throughout history and to this day. Aryan civilization possesses valuable moral values and wisdom that can guide future generations of humanity on the right path. In this regard, thanks to the efforts of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, and President of the country, the Honorable Emomali Rahmon, 2006 was declared the "Year of Glory of the Aryan Civilization".

Keywords: civilization, civilized, East, West, society, culture, civilization, state, system, nation, religion, Ancient Egypt, Ganges, India, researcher, trade, craft, education.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Акбарова Мунира Ғоибназаровна – муалими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

Сведения об авторе:

Акбарова Мунира Гоибназаровна – старший преподаватель кафедры гуматитарных дисциплин Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

Information about the author:

Akbarova Munira Goibnazarovna – senior lecturer of the Department of Humanities at the Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-776-02-50

ТДУ 394.3:512.154+398:159.9

НАВРӮЗ ҶАШНВОРАИ ПУРШУКУҲИ АҶДОДӢ

Акбарова М.Ғ.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур маълумоти пурра ва саҳеҳ оид ба яке аз ҷашнҳои миллии аҷдодони гузашта “Наврӯзи оламафрӯз”, ки имрӯз ба шарофат ва дастгириҳои Сарвари мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳонӣ гаштааст, бахшида шудааст. Муаллиф ба пуррагӣ аз фарҳанг, тамаддун ва суннатҳои гузаштагон аз қабили суннатҳои миллӣ ва

суннатҳои расмӣ бозиҳои дилхушии бачагона: “панҷакбозӣ”, “рустшавонак”, “зоғобу”, “рустшавонак”, ёдовар шуда, андешаи хонандаро ба дуриҳои дур бурда мерасонад, ки ин ҳам бошад огоҳ шудан аз мероси гузаштаи хеш аст.

Калидвожаҳо: ид, ҷашн, тантана, маросим, айём, суннат, сабқат, наврӯзӣ, пойга, оташафрӯзӣ, ашагулон, бузкашӣ, ҷанги паррандаҳо, гулгардонӣ.

Халқи тоҷик, ки мероси бою рангин ва ҳамзамон таърихи хеле қадим дорад аз худ мероси ниҳоят арзишманд дар мисоли маросимҳои суннатӣ ва ё идҳои мардумӣ боқӣ гузоштааст. Маросимҳои суннатии мардуми тоҷик таърихи чандинҳазорсола дошта аз рӯи мақомашон бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешуданд. Аз ҷумла машҳуртарини ин чашнвораҳо идҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, гулгардонӣ ва ашагулон мебошанд, ки ҳар сол дар рӯзҳои муайян бо тарзу усули хоса истиқбол гирифта мешуданд. Шукуҳу тантанаҳои ин ҷашнвораҳо дар аҳди салтанати Сосониҳо дар асрҳои III–VII ба авҷи камоли худ расида буд.

Чунон ки маълум аст дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ ин чашнвораҳо қимати худро гум накардаанд. Бо он нигоҳ накарда, ки дар таърихи гузашта халқҳои ориёӣ зери асорати аҷнабиёни гуногун монда буданд ва илова бар ин дар тӯли таърих чанд қадар бархурди тамаддунҳо рух дода, равияҳои ойинҳои динӣ таъсири амиқи худро ба души халқҳои ориёинажод гузоштааст. Ин маросимҳои суннатии аҷдодони мо бо шаклҳои гуногун ҷашн гирифта мешуданд. Ва ҳамзамон то замони мо омада расидаанд.

Наврӯз пеш аз ҳама иди бостонӣ ва анъанавӣ буда, ҷашнгирии он ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ, яъне 21-уми марти солшумории мелодӣ рост меояд. Наврӯзро одатан халқҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун Иди сари сол, Иди соли нав меҳисобанд ва тантанаи ҷашни онро нисбат ба дигар идҳо дар сатҳи баланд бо шукуҳу шаҳомати махсус истиқбол мегиранд. Таърихи пайдоиши ин “Ид” - ро муҳаққиқон хеле қадим шуморида, таърихашро зиёда аз 3 ҳазор сол меҳисобанд. Хулосаи амиқи мардумшиносӣ бар он далолат мекунад, ки ин ҷашнвора асосан ба кишту кори деҳқонӣ ва кишоварзӣ вобаста буда, дар давраҳои минбаъдаи таърихӣ дар шаклҳои нав такмил ва ривоҷ ёфтааст. Иди Наврӯз ба эҳё гардидани аз нав бедор шудани табиати зинда, ки дар аввали фасли баҳорон сурат мегирад сахт алоқаманд мебошад. Ба ин хотир метавон ишора намуд, ки иди Наврӯз маъбадӣ ҳаётӣ иҷтимоӣ дошта хеле барвақт чун рамзи дарки воқеии ҳаёт аз ҷониби аҷдодони гузаштаи мо дарку эҳсос шудааст.

Илова бар он, чуноне ки маълум гардидааст, ин “Ид” аз бисёр ҷиҳат ба замони зуҳури ойини Зардуштӣ сахт алоқаманд аст. Ба ин хотир метавон гуфт, ки ин иди зардуштиён мебошад. Ва ниҳоят Иди Наврӯз чун ҷашни расмии давлатии халқҳои ориёинажод мебошад. Далелҳо мутмаинан собит менамоянд, ки Иди Наврӯз дар аҳди Ҳахоманишиён (558–320 ш. аз мелод), ҳамчун ҷашни расмии ҳокимони Ҳахоманишиён шуҳрати калон пайдо намуда бо шукуҳу шаҳомати хоса қариб дар тамоми сарзамини онҳо таҷлил мегардид. Баъзе аз сарчашмаҳои таърихӣ хабар медиҳанд, ки пайдоиши иди Наврӯз ба замони сулолаи Пешдодиён ва махсус, ба давраи салтанати Ҷамшед марбут аст.

Номи нахусти ваҳшури ориёӣ Спитама буда, падараш Пурушасп ва модараш Дугдуя ном доштаанд, тури ожангхои чабинашро молида гуфт Пири мугон. Зардушт пас аз понздахсолагӣ рӯ ба танхоӣ ва гушанишинӣ оварда. Ҳангоми сисолагии ӯ Офаридгор аз фариштаи обу фаровонхосилӣ Ардвисура Анаҳито дархосг намуд, ки Зардушти писари Пурушаспро дар пиндор, гуфтор ва кирдор раҳнамои дин созад. Ардвисура Анаҳито дархости Яздони покро пазируфта нахустин мулоқоти Зардуштро бо Аҳурамаздо ва Амшаспандон дар соҳили рӯди Доитиё баргузор намуд. Ин мулоқот бомдоди чилу панҷуми пас аз ҷашни Наврӯз, ҳангоме ки Зардушт барои ҳум ҳован кардан ба рӯди Доитиё расид, руй дод. Зардушт пас аз оббозӣ дар

оби дарё ва анҷоми ниёиш ҷома мепушад, ки Бахмани Амшаспандон ба сурати марде болобаланду накурӯй, ки гесувони газима дошт, падид омад. [3. 296]

21 март – нахустин рӯзи иди Наврӯз будан бесабаб ва беасос нест. Зеро дар ин рӯз баробаршавии шабу рӯз, зиндашавии табиати хуфта, оғози мавсими кишту кори баҳорӣ барои деҳқонон аст. Иди Наврӯзро чӣ тавр ва чанд рӯз чашн мегирифтанд? Дар ин маврид метавон гуфт, ки ақидаҳо мухталифанд. Далелҳои нисбатан саҳеҳро дар мавриди чашнгирии Наврӯз Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ва Умари Хайём дар «Наврӯзнома» додаанд. Мувофиқи назари ин донишмандони асримиёнагӣ ин ҷашн дар аввал 30 рӯз ва баъд 6 рӯзро дар бар мегирифтааст. Мувофиқи маълумоти Муҳаммади Наршахӣ (асри Х) нахустин шуда Наврӯзро кишоварзон дар рӯзи аввали фарвардин ҷашн мегирифтаанд. Баъди панҷ рӯзи дигар ин чашнро муғон (оташпарастон)-и зардуштӣ истиқбол менамуданд. Шояд ба ҳамин хотир бошад, ки онро «Наврӯзи кишоварзон» меномиданд.

Наврӯз пеш аз ҳама чашни бостонӣ ва анъанавии халқҳои ориёӣ мебошад. Ин рӯз солшумории шамсӣ ба аввали фарвардин рост меояд. Онро дар кишварҳои Афғонистон ва Осиёи Миёна ҳамал мегӯянд, дар Арабистон муҳаррам ва аз назари бурҷи минтақа тулӯърӯз ҳам мегӯянд.

Ҳаво софу беғубор буд ва насими сарди субҳи бахор аз фарорасии рӯзи нек башорат медод. Куруши Кабир азм намуд, ки ба иди Соли Нави бобулиён шукуҳу ҷалоли Наврӯзи ориёиро фузуда, рӯҳониёни мағруру ашрофони ишратзадаи ин шаҳри куҳанро сабақи муносибе диҳад. [3. 217].

Аз назари илми ситорашиносии замони қадим ва имрӯз маълум гардидааст, ки офтоб дар тӯли як сол аз рӯи минтақаи бурҷҳо (эклиптика) ҳаракат намуда дар ҳар 30 шабонарӯз аз бурҷе ба бурҷи дигар ҷойи худро иваз мекунад. Дар ҳар 4 фасл аз ҷумла дар баҳор аз рӯи бурҷҳои Ҳут, Ҳамал, Савр дар тобистон аз рӯи бурҷҳои Ҷавзо, Саратон, Асад, тирамоҳ аз рӯи бурҷҳои Сунбула, Мизон, Ақраб ва зимистон аз рӯи бурҷҳои Қавс, Ҷаддӣ ва Далв ҳаракат менамояд.

Таваҷҷуҳи донишмандони асримиёнагии Шарқ ба иди Наврӯз ба он хотир аст, ки дар воқеъ ин иди аҷдодии мо тоҷикон мебошад. Он ҳамчун расму суннати аҷдодии мо аз қарни асрҳо бо рӯҳи поки гузаштагон аз насл ба насл ба воситаи арзишҳои беназири иҷтимоияш, ки дар ҳаёту зиндагии одамон таҷассумӣ худро ёфта метавонанд омада мерасад. Шояд ҳамин арзиши неки ин ид буд, ки бо гузашти айём дар набардҳои таърихӣ, ки ба сари халқҳои ориёӣ омадааст шуҳрати худро гум накардааст. Бузургтарин олими Машриқзамин – Абурайҳони Берунӣ дар асари безаволи пурбаҳояш «Осор-ул-боқия» дар мавриди пайдоиш, шакл гирифтан ва ба анъанаи мардумӣ табдил ёфтани иди «Наврӯз» нигориштааст. «Ба чанд аз ҳошия (мунуҷҷимони бозорӣ) мегӯянд, ки чун Сулаймон ибни Довуд ангуштарини хешро гум кард, салтанат аз дасташ ӯ берун рафт. Вале пас аз 40 рӯз бори дигар ангуштарини худро ёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар гирди ӯ давр омаданд. Эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!» Яъне рӯзи тоза меояд».

Чунон ки бар меояд мувофиқи назари А. Берунӣ иди Наврӯзро ба Ҷамшед муталлиқ медонад. Дар ҷои дигар А. Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» навиштааст, ки «ва боз ид будани Наврӯзро чунин гуфтаанд: чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар он рӯз, дар он савор бишуд ва чуну шайтонро балоғатанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Ва мардумон аз дидани он шигифту шодманд ва ин рӯзро ид гирифтанд».

Абурайҳони Берунӣ дар мавриди пайдоиши иди Наврӯз дар асари дигараш бо номи «Китоб-ут-тафҳим» овардааст: «Наврӯз нахустин рӯз аст аз фарвардин ва аз ин ҷиҳат «Рӯзи нав» ном кардаанд, зеро ки пешонии сол нав бошад».

Муҳаққиқи дигари Шарқ Умари Хайём дар «Наврӯзнома» худ дар бораи иди Наврӯз овардааст: «ки чун донишмандон дар давраи подшоҳии Ҷамшед фаҳмиданд, ки офтобро ду давр аст, (Эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳ) ба мавриди соли нав муайян карданд, рӯзи аввали сол фарвардин, ин рӯз баробаршавии шабу рӯз аст». Дар рӯзи эътидоли баҳорӣ Ҷамшед дарёфт ва онро «Наврӯз» ном ниҳод. Дар рӯз ҷашн орост ва 5 рӯз баъд суру садо дод», баъди ба хотири ҳамин рӯзро гуфтанд. Аз ҳамон замон ҳар соле, ки меомад дар он рӯз ҷашн меоростанд ва то андозае ин анъана то замони мо омада мерасад.

Дар воқеъ рӯзи гардиши офтоб аз рӯи эклиптика дар нуқтаҳои эътидол ду маротиба экватори осмонро бурида мегузарад (21 март ва 23 сентябр). Дар ин рӯзҳо офтоб дар экватори осмон мебошад, ки онро уфуқи ду тақсим мекунанд. Бинобар ин ҳаракати офтоб дар боло ва зерии уфуқ, як хел буда, шабу рӯз бо ҳам баробар мешаванд. Ин ҳолатро мардумони қадим, ки офтоб дар хонаи меҳр қарор дорад, ва дар он як баробарате миёни рӯз ва шабу рӯз аст. Ва бояд гуфт, ки баробаршавии шабу рӯз дар эътидоли баҳорӣ ба Ҷамшед нисбат медиҳанд, ки маҳз ҳамин рӯзро Наврӯз ҳисоб мебояд.

Илова бар он бояд намуд, ки Умари Хайём яке аз аввалинҳо шуда тақвими солшумориро аз нуқтаи назари ҳандаса асоснок намуда ва тартиб додани тақвими шамсӣ Умари Хайём дар кишвари Эрон тақвими истифода мешуд, ки пас аз 16 аср 632 сол баъди тахт нишастани шоҳи Эрон Яздгурди 3-юм (соли 632 мелодӣ) онро мегуфт ва ин тақвимро дар Эрон таквими Яздгурдӣ меномиданд. Тақвими Умари Хайём дар замони султони Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ ва вазири ӯ Низомулмулк дар соли 1080 сохта шудааст. Далелҳои собит мекунанд, ки султон Ҷалолиддин Салҷуқӣ соли 1075 бостонтарин муҷассамаи замониро, аз ҷумла Умари Хайём, Абулфазл, Наҷиби Воситӣ ва дигаронро дар Исфаҳони Эрон фаро хонд, ки барои ислоҳи тақвими баҳор рост ояд. Ҳамин тариқ, баъди ҳамеша аз нуқтаи эътидоли баҳорӣ ҳамон сол тақвими Умари Хайём дар он бузург аст. Ин тақвимро «Тақвими Ҷалолӣ» низ ном мебаранд, ки дар он ҳисоби миёни сол 365 рӯз мебошад. Ин тақвим дар 5000 ҳазор сол як шабонарӯз таъхир меёбад, дар сурате, ки тақвими Исоӣ (Григориянӣ) дар 3280 сол як шабонарӯз таъхир меёбад.

Дар бораи иди Наврӯз мутафаккири асри XIII-и Шамсиддин Димишқӣ (1258–1327) асари «Чақоиқҳои замон аз муҳайёготи баҳру баҳр» офаридааст. Яке аз фаслҳои ин асар махсус ба расму ойин, ҷашну маросими динии мардумони ориёинажод бахшида шудааст. Дар ин асар Димишқӣ овардааст, ки Наврӯз маънои «рӯзи нав» дорад ва хосияти ин рӯз аз он иборат аст, ки Худованд дар он рӯз нур, яъне офтобро офаридааст ва афлокро ба гардиш даровардааст. Ин рӯз давом мекунад. Аввалин моҳи фарвардин рӯзи аввалин он ҳисобида мешавад. Рӯзи шашум ва интиҳои он Наврӯзи бузург ном доштааст. Дар панҷ рӯзи аввал он шоҳони замон ба халқи эҳтимоҷӣ табақаҳои гуногуни мардумӣ машғул мешуданд. Дар рӯзи аввал бо ашроф, рӯзи дуввум бо айён, рӯзи сеюм бо мубадон, рӯзи чаҳорум бо деҳқонон, рӯзи панҷум бо фарзандон хоҷатбарорӣ мекарданд ва ниҳоят дар рӯзи шашум ҷашни худро аз ҳама аҳвол фориғ мегузарониданд.

Доир ба иди Наврӯз намояндагони адабиёти тоҷику форс аз ҷумла Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ овардааст, ки Ҷамшед баъди он ки ҳамаро девонро мутеъ хеш гардониду бифармуд, ки тахтро дебро биофтан ва гавҳар дар маҷоли берун овард. Чунончи:

Ба ҷанг омаданаш чанд гуна гуҳар,
Чу ёқуту бечодаву симу зар.
Пас ҳама ин пурӯзиҳо-
Сари соли Нав Ҳурмузди фарвардин,
Баросуда аз ранҷ тан, дил аз кин.
Бузургон ба шодӣ биёростанд...

Маю ҷому ромишгарон хостанд,
Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонанд,
Мар он рӯзро «Рӯзи Нав» хонанд.

Бахшида ба иди Наврӯз аксари шоирони классик ва муосири мо шеърҳо эҷод намудаанд. Аз ҷумла Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар ин китоб овардааст:

Баромад боди субҳу бӯи Наврӯз,
Ба коми дӯстону бахти пирӯз,
Муборак бодат ин солу ҳама сол,
Ҳумоюн бодат ин рӯзат ҳама рӯз.

Шоири лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ дар ин матлаи ғазалаш, ки ба Наврӯз бахшида шудааст, навиштааст:

Зи кӯи ёр меояд насими боди Наврӯзӣ
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ чароғи дил барафрӯзӣ.
Шоири номаълумӣ дигар низ дар бораи Наврӯз фармудааст:
Меҳр занад чун ба ҳама боргах,
Зилзила афтоад ба сипоҳи гиёҳ,
Гашта шабу рӯз мусовӣ ба ҳам,
Ҳарду ба як вазн баробар алам.

Ҷашни Наврӯз дар кишвари мо тоҷикон суннатҳои хосе дошт, ки то ба имрӯз боқӣ мондааст. Истиқболи Наврӯз расми худро дошт. Чунон ки маълум гардидааст Наврӯзро пеш аз ҳама деҳқонон-кишоварзон истиқбол мегирифтанд.

Яке аз хосагиҳои ҷашни Наврӯз, ки дар байни халқҳои ориёӣ ва хусусан тоҷикон маълум буд, ин дар арафаи чашни Наврӯз сабзонидани гандуму ҷав ва гузоштани майсаҳои навраставу онро ба суфраи идонаи Наврӯзӣ дар ҳар хонадон буд. Ва инро рамзи фаро расидани соли Наврӯз меҳисобиданд. Илова бар он сабзонидани майсаҳои гандум дар ҳар шаклаш расми тачрибаи фаҳмиданӣ, ҳосил ва ё соли ҳосилро донистани кишоварзон буд. Барои иҷрои ин амал деҳқонон 25-рӯз пеш аз иди Наврӯз тухми гандумҳоро дар зарфи махсус мекориданд ва бо ин восита аз сабзиши майсаҳои гандум соли ҳосилро муайян мекарданд. Ҳамчунин аз тухми гандумӣ корида ва ҳангоми сабзиши майсаи он бо роҳи фишурдани оби онро ҷабида аз ширини он суманак тайёр мекарданд, ки бо лаззати ширинии худ беҳтарин таоми Наврӯзӣ ба ҳисоб мерафт ва дастархони Наврӯзиро бо он зинат медоданд.

Дастархони суннатии Наврӯзӣ ороиши хоса дошт. Он бо ҳафт анвои, ки бо ҳарфи шин оғоз мегардиданд аз қабили шакар, шамъ, шароб, шарбат, ширинӣ, шона густурда мешуд.

Оростани дастархони Наврӯзӣ расми қадим буд. Пас аз истилои арабҳо халқҳои ориёӣ ҷашни Наврӯзиро истиқбол менамуданд ва дар равандии киштукорӣ баҳорӣ ба деҳқонон-офарандагони ризқу рӯзӣ мардум илҳоми тоза мебахшид. Пазирфтани Наврӯз ин дарки баҳор фасли ҳаётбахш, рӯҳбахш, омӯзанда аст, ки арабҳо зери ҳикмати «Қуръон» аз бар намуда буданд.

Баъд ҷори гардидани дини ислом дар Осиёи Марказӣ ва кишвари Эрон, аксари суннатҳои рамзии Наврӯз боқӣ монданд. Илова бар он ба ин ҷашн расму суннатҳои дигар низ дохил гардид. Яке аз ҳамин гуна расм дар оростани дастархони Наврӯзӣ гузоштани неъматҳое, ки бо ҳарфи «син» оғоз меёбад, ба ҳисоб меравад. Акнун дастархони Наврӯзиро бо «ҳафт син» низ ороста менамуданд. Чуноне: сирко, сабза, санҷид, сир, себ, сипанд, суманак.

Дар байни мардуми кӯҳистони тоҷик ба ҳангоми оростани дастархони Наврӯзӣ гузоштани «ҳафт мева» низ расм буд. Деҳқонони кӯҳистон чунин меваҳоро аз қабили ангур, себ, анор, харбуза, нок, биҳӣ, мурудро то Наврӯз нигоҳ дошта ба дастурхон мегузоштанд, то соли оянда ҳосили боғҳояшон фаровон гардад.

Ин анъанаро дар кӯҳистони минтақаи Кӯлоб, Қаротегину, Дарвоз бо баъзе аз фарқиятҳои кори боғдорияшон дидан мумкин аст.

Расму суннати дигари Наврӯз ин маросими «говбароронӣ» ва ё «ҷуфтбароронӣ» аст, ки то замони мо ин анъана идома дорад. Ин маросимро деҳқонон (кишоварзон) дар охирҳои чилаи хурд (тақрибан 15–18-уми моҳи феврал) оғоз менамуданд, ки минбаъд дар тамоми мавсими баҳор вобаста ба шароитҳои табиии минтақаҳо кишти баҳориро ба анҷом мерасониданд. Ин маросим чунин оғоз мегардид, ки кишоварзон барзаговҳои ҷуфтии худро аз молхона мебаровардand, чанд рӯз дар ҳавои тоза нигоҳ медоштанд, хӯроки серғизо дода «хушку» мекарданд. Баъд пеш аз оғоз намудани кори саҳроӣ ба ҳамсоягон ошу далда дода бо дуо нек корро оғоз менамуданд. Ин расм баъди ҷорӣ гардидани дини ислом бо хондани оятҳои «Қуръон» шурӯъ гардида уламои маҳал ва ё пирони кор (шахсони таҷрибаи хуби кишоварзӣ дошта) дуои хайр ва барори кори деҳқонӣ орзу менамуданд ва ҳама даст ба дуо мебардоштанд.

Мувофиқи анъанаи аҷдодӣ оғози кори кишоварзӣ дар бар он шуруъ мегардид, ки ба барзаговҳо оғу сипор пайваст намуда дар замини кишт нахуст пири бузургида заминро 2–3 хат ҷуфт мекард. Ин амалро мувофиқи расми маҳал метавонист дигар шахс низ оғоз намояд. Ба мисли миробҳо, сардори маҳалла, марди барзӣ ва дигарҳо. Маросими «ҷуфтбароронӣ» то анҷоми кишти баҳорӣ идома меёфт.

Суннати ниҳоят маъмули иди Наврӯз ин тозаю озода гардонидани хонаю палосҳо, рӯбучин, сафед кардани хонаҳо, тозаю озода гардонидани роҳравҳо ва ҷӯйборҳо, либоси тозаю нав ба бар кардани одамон буд. Ин суннати аҷдодии мо, хушбахтона, то замони мо боқӣ мондааст, ки аз ҷумлаи беҳтарин анъанаҳои мардумии халқҳои ориёӣ мебошад. Ба ин васила гузаштагони мо то иди Наврӯз омодагии санитарӣ – гигиениро дар хонаю маҳалла истиқоматашон мегузарониданд. Баъд аз баракати соли навро дар тозагии хонадонӣ худ медиданд, ки аз беҳтарин суннати мардумии мо – тоҷикон мебошад. Чунон ки ҳазрати Ҳофиз фармуда:

Набувад хайр дар он хона, ки исмат набувад?

Дигар суннати Наврӯзӣ ин ба рӯи якдигар об пошидан аст. Ин суннат аз аҳди Ҷамшед манша гирифта то ба замони мо омадааст, ки дар рӯзи Наврӯз дӯстону хешовандон, занон ва мардон, ҷавонон ва ниҳоят кӯдакон ба рӯи якдигар панҷа панҷа об мепартоянд. Чи тавре ки дар боло қайд намудем муқаддас донистани об яке аз суннатҳои Зардуштӣ ба ҳисоб меравад, ҳангоми иҷрои расми обпошӣ ба сару рӯи якдигар гӯё мардумӣ ғафлатро мехезонанд ва ҳангоми обпошӣ ва ниҳоят он оби ба рӯи афтида ба сару рӯй, чашм, сар мемолиданд то аз файзи об сафо ёбанд. Инро бо якдигар такрор мекарданд ва то ҷое ин расми шӯхӣ ба ҳангоми тантанаҳои Наврӯзӣ қарор гирифта буд. Ниҳоят ин рамз ҳосили борон буд, ки баътар дар дигар маросими халқӣ «ашагулон» нақши муҳим мебозид.

Суннати дигари иди Наврӯзӣ ин расми гулгардонӣ буд, ки хеле маъмул буда дар байни ҷавонон ҳаводорони зиёд дошт. Расми гулгардонӣ дар рӯзҳои чашни Наврӯзӣ ба ҳисоб мерафт. Нахуст ин расм бо бедоршавии табиат шукуфтани гулҳои бойчечак, гули зардак ва гули сиёҳгӯш оғоз мегардид. Ин расм чунин сурат мегирифт.

Бачаҳои кӯҳистон ба ҳангоми рӯстани гулҳои баҳорӣ аз қабили гули сиёҳгӯш ва гули зардак як қабза даста баста ҳавли ба ҳавли, хона ба хона сурудхон гул мегардонданд ва ба ин васила аз омад-омади иди баҳор – Наврӯзӣ оламфирӯз мужда меоварданд. Соҳибхонаҳо бошад ба ивази муждаи баҳорӣ овардани бачаҳо туҳфаҳои махсус аз донагии гандум, нахуд, арзан

медоданд. Бачаҳо бошад онҳоро ҷамъ намуда аз яке аз кадбонуҳои маҳал хоҳиш мекарданд ба онҳо далда пазад. Ҳоло бошад ин расм чунин аст, ки соҳибхонаҳо ба бачаҳо қанди ширинӣ медиҳанд. Дар ин расм бачаҳо ба ҳангоми гулгардонӣ бо оҳанги форам дилкаши халқӣ месуруданд, ки беҳтарин анъанаҳои халқӣ ва сурудхонии аҷдодонамонро мемонад, ки ҳам якҷоя ва ҳам иҷроиши якқиро дошт.

Расми гулгардонӣ дарвокеъ аз омади баҳор – иди Наврӯз хабар медод ва ҳам замон суннати ниҳоят зебою дилкаши Наврӯзӣ ба ҳисоб мерафт, ки иҷрокунандагони он бачаҳо буда ба он омодагии хоса мегирифтанд, онро хеле хотирмон буда дер боз дар хотири аҳли маҳалла ва хусусан, бачаҳо мемонд.

Суннати дигари маъмули иди Наврӯз ин дар арафаи ид ва ҷашни Наврӯз барои чидани гулҳои Наврӯзӣ баромадани духтарон ва писарони наврас буд, ки ба ин ҳангоми духтарон ба гесӯи худ гулҳои дӯстдоштаашонро мегузоштанд.

Гуле ҷо дар канори ҷӯ гирифта,
Гуле маъво сари гесу гирифта.

Ҷавонони кӯҳистон бошад аз навдаҳои сабзи сиёҳбед тоқию сабадча карда, пусти навдаро аз тани он ҷудо намуда ба тори мӯй мебофтанд ва ба ин восита нақши Арусакӣ солро иҷро мекарданд. Парастиши навдаи сабзи бед, таърихи қадим дорад. Дар ин маврид дар замони худ Ҳеродот ин расмро ба қавмҳои скифҳо ва сакоиҳо нисбат дода буд, ки то имрӯз мондааст.

Маросими ҷашни Наврӯз низ ҷолиб мегузашт дар сурате, ки имкониятҳои кулай барои гузаронидани ин чашнвора бошад. Аҷдодони гузаштаи мо ба ин тарафи масъала низ аҳамияти калон медоданд. Бо ҳамин мақсад дар шаҳрҳои қадими Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Хулбук ва дигарҳо ҷойҳои махсус – идгоҳҳо (Наврӯзгоҳ) ҷудо шуда буданд. Ин идгоҳҳо майдони калонеро мемонд, ки дар он ҷо гузаронидани тантанаҳои Наврӯзӣ дар ҳар сол сурат мегирифт. Идгоҳҳои Наврӯзӣ ҷойи дӯстдоштаи одамон буд. Дар ин идгоҳҳо ҳама расму суннати Наврӯзӣ ба намоиш гузошта мешуд. Пеш аз ҳама суннати неки аҷдодии мо афрухтани гулхан дар маркази майдон чун рамзи қадими Зардуштӣ расми хатми ҷашни Наврӯз буд.

Бо ин мақсад чуби сахти хушкшударо интихоб мекарданд ва пораҳои онро шахсе чун посбони оташ дармегиронд. Оташафрӯзӣ суннати хатмии халқҳои ориёӣ буд, ки аксаран дар ҳама ҳолатҳо истифода мешуд. Вале оташафрӯзии ҷашни Наврӯз хоса буд, ки бо бузургии шуълаафканиаш худ ба ҳангоми шабона низ майдони ҷашнро чун рӯз равшан мекард.

Илова бар ин дар идгоҳҳо рӯзҳои чашни Наврӯз ҷо-ҷо гулханҳо хурд афрӯхта мешуд. Ва ба расму суннати мардумӣ ба идгоҳ омада чун анъана буд, ки ҳаркадом якчанд маротиба мехост ва метавонист аз болои оташ ҷаҳида гузарад. Ин расмро то ба имрӯз мардумӣ кӯҳистони Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз иҷро мекунанд, ва бо номи «аловпарак» маълум аст. Шахси аз болои оташ мегузаштаги орзую ниятҳои неки Наврӯзиро дар дил мепарварид ва ба ҳангоми ҷаҳидан ибораи «зардии ман аз они ту, сурхии ту аз они ман»-ро бояд такрор мекард. Яъне аз оташи муқаддас умеди тандурустӣю осоиштагиро орзу доштанд.

Тантанаҳои Наврӯзӣ дар идгоҳ бо ҳашамати махсус мегузашт. Нахуст шоҳон, ҳокимон, волии мулк мардумро бо иди Наврӯз табрик намуда беҳтарин умедҳоро барояшон иброз менамуданд. Аз баҳори нав файзу баракат, дороӣ ва осудагии зиндагиро мехостанд. Одатан расми баромади шоҳон чунин буд, ки дар маркази идгоҳ минбари баланд сохта мешуд ва аз он ҷо истода ҳамагонро шоҳ, ба иди Наврӯз табрик мекард.

Дар шаҳрҳо ин амалро ҳокимони шаҳр иҷро мекард. Ин суннати табрикоти иди Наврӯз баъди ҷори гардидани дини ислом расми дигар гирифт. Акнун пеш аз оғози расми табрикот аз

оятҳои «Қуръон» қироат мекарданд ва дуову фотиҳаи нек, барору кушоиши кори деҳқонӣ, тинҷию осоиштагӣ, сериву пурӣ орзу мекарданд. Ин суннат то замони ҳозир боқӣ мондааст.

Дар баробари ин дар рӯзҳои Наврӯз дар идгоҳ расми оғози баҳор, суннатҳои Наврӯзиро шахсони махсус иҷро мекарданд. Ҳофизон сураҳо ва мадҳияҳои шоиронаро мехонданд. Ҳокимон сурудаҳо дар бораи Наврӯз буд. Навозандагон сурудҳои мардумӣ, сурудҳои Наврӯзӣ ва дигар навъҳои сурудҳоро иҷро менамуданд. Иштирокчиён, наврасон ва ҷавонон анъанаҳои хосаи ин минтақаро иҷро мекарданд. Дар Қаротегин ва Кӯлоб, ки ҳамзамон анъанаҳои хоси ин ноҳияро доштанд. Дар баъзе шаҳрҳои Тоҷикистон дар рӯзҳои чашни Наврӯз гурӯҳҳои ҳунармандон ва наврасон ба намоиш мебаромаданд. Дорбозон дар Самарқанд, Бухоро, Фарғона ва Хуҷанд бо намоишҳои махсус дар идгоҳ баромад мекарданд. Дорбозон дар Тоҷикистони шимолӣ ва ҷанубӣ низ ба иҷрои намоишҳои Наврӯзӣ машғул буданд.

Дар рӯзҳои иди Наврӯз (Шашмақом) хонӣ дар минтақаҳои шимол ва фалаксароӣ дар ҷануби кишвар расми нек ба шумор мерафт.

Расму шукуҳи мардона анъанаи ҷолиби Наврӯз буда ҳаводорони зиёде дошт. Рақси занона дар рӯзҳои чашни Наврӯз ба таври махсус баргузор мешуд. Ин суннат ҳосили тамошобинонро ба худ ҷалб менамуд.

Суруду таронаҳои Наврӯзӣ, ки дар давоми асрҳо ба вуҷуд омадаанд, имрӯз низ иҷро мегарданд. Шоирон дар васфи Наврӯз шеър менавиштанд. Сарояндагон ба ифтихори Наврӯз месуруданд.

Аҷдодони мо дар иди Наврӯз либосҳои наву тоза ба бар мекарданд. Ороиши либос тан суннати махсуси Наврӯзӣ маҳсуб меёфт. Дар минтақаи ҷануби Тоҷикистон анъанаи «Таронаи чакан», ки яке аз ифодҳои роҳбарони кишварамон мебошад, имрӯз дар саросари мамлакат бо шукуҳу шаҳомати хоса ба маърази тамошобинон вогузор мешавад. Дар ин намоишҳо анъанаҳои мардумӣ тоҷик аз нав зинда мегарданд.

Дар чашни Наврӯз дар баробари шеърхонӣ таронасароӣ якҷоя намоишҳои варзишӣ аз қабили гуштингирӣ, бузкашӣ, аспдавонӣ, пойга, чавгонбозӣ гузаронида мешуд. Барои ҳуб гузаштани намоишҳои варзишӣ чойи махсус интихоб мегардид, ки тамошобинон имконӣ хуби диданро дошта бошанд. Ин намоишҳо ҳаводорони зиёд дошт. Аввалин дидори маликаи массагетҳо Томирис бо Куруш ҳам дар чашни "Наврӯз" дар намиши пойга дар шаҳри Экбатана буд. Куруш лаҳзае лолу ҳайрон монд ва ҳануз фурсати даҳон кушодан наёфта душизаи чобукпой чаҳида ба таковараш савор шуду ба самти мукобили дашт шитофт. Ва гесубанди заррини ӯ чун ёдгории иди Наврӯз ва башорати ишқ, дар дасти ӯ монд. [3. 86].

Бояд зикр намуд, ки дар ин намоишҳо беҳтарин паҳлавонон ва човандозон маълум мегардиданд. Ин суннати варзишии Наврӯз пурра то замони имрӯз омада расидааст. Барои ба даст овардани ғалаба беҳтарин варзишгарон омодагӣ мегирифтанд. Расми гуштингирӣ бо каме фарқиятҳо дар минтақаи ҷануб ва шимол шуҳрат дошт.

Фарқи гуштини паҳлавонони вилоятҳои шимоли Тоҷикистон аз вилоятҳои ҷануби Тоҷикистон ин дар он мебошад, ки ҳангоми кушодани паҳлавонони шимолӣ бо усули аз камарбанд якдигар фишурдан ҳарифро мағлуб месозад ва истифода аз дигар усулҳо манъ аст. Дар минтақаҳои марказу ҷануб бошад гуштини чусту чолокона, серҳаракат, ки дар он ҳам дасту бозу ва ҳам пойҳо истифода бурда мешуд, маъруф аст. Ин ҳамон гуштингист, ки имрӯзҳо бо номи гуштини миллӣ маъруф аст ва дар аксар мавридҳо чашни халқӣ гуштингирӣ ба ин сурат баргузор мегардад. Паҳлавонони ғолиб бо туҳфаҳои пурқимат қадр карда мешуданд.

Анъанаи гуштингирӣ дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ ва хусусан аз солҳои 40-ум то солҳои 90-ум дар минтақаи Кӯлоб вусъати тоза гирифт. Танатанаҳои Наврӯзӣ танҳо дар шаҳр бе маросими гуштингирӣ намегузаштанд. Бехтарин паҳлавонон ба ин маъракаҳо омодагӣ мегирифтанд ва бо санъату маҳорати гуштингириишон дар байни мардум шуҳрат пайдо

менамуданд. Чунин паҳлавонон дар ноҳияҳои Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб хеле зиёд буданд. Дар байни онҳо паҳлавонони Мирзоалӣ ва Искандаршо, Раҳмон Валиев, Алипаҳлавон, Карим паҳлавон шуҳрат доштанд.

Бузкашӣ яке аз намоишҳои маъмули варзишии мардуми тоҷик буда таърихи хеле қадим дорад. Дар минтақаи Кӯлоб ин намуди варзиш пеш аз ҳама ба он хотир машҳур буд, ки мардуми чорводор ин ҷо зиёд буд ва бехтарин аспҳо (аз ҷумла аспони хатлонӣ) парвариш мегардиданд. Илова бар он мардони чусту чолок, ки аз уҳдаи парвариши асп ва маҳорати бузкашӣ (човандозӣ) мебаромаданд, дар ин минтақа хеле зиёд буданд.

Човандозҳо барои иштирок дар сабқатҳои бузкашӣ омодагии пешакӣ медиданд. Барои комёб шудан дар сабқат аспони хуб, далеру чобук ва пурқувват лозим менамуд. Соҳибони асп дар оғилҳои махсус дар шароити ториқ аспони човандозиро тарбия мекарданд. Ба аспони бузӣ асосан дар як шабонарӯз 3 ё 4 маротиба ҷав бо иловаи каме коҳи майда медоданд. Дар рӯзи аввал то 5 кг ҷав ва рӯзҳои минбаъда бо иловаи як ё ду кг зиёд намудани он қариб як моҳ хӯрок медиханд. Ин то ҳолате идома меёбад, ки дар як рӯз то 25 кг ҷав ба турбаи асп меандозанд ва баъд хӯроки аспро ҳар рӯз ба андозаи як килограмм кам карда мешавад ва чунин хӯрокдиҳӣ то ҳолате идома меёбад, ки дар як рӯз аспи бузӣ ҳамагӣ як мушт ҷав истеъмол менамояд. Човандозҳо баъди ин аспҳоро хунук мекононанд. Расми хунуккунии аспони човандозӣ низ фосилаи муайянеро дар бар мегирад. Аспро аз оғилхона бароварда аввал дар яккаме ҳавлӣ мебастанд. Аспи муддати дароз дар торик баста шуда бардаму фарбеҳ то чанд муддат дар атрофи яккаме то монда шудан медаву меҷаҳад. Баъд соҳиби асп бо оби гарм аспро бо собун мешӯяд. Ба асп зину афзори нав ба мисли зин, лаҷом, эзангӣ, чалук, ҷиргин, торқу ойил, пистанҷ, куш мепӯшонанд. Човандоз бошад сару либоси махсус барои бузкашӣ мувофиқ, ба мисли мӯзаи човандозӣ ва шорағза (шимми махсуси кушод) омода месозад.

Чи тавре ки аз суҳбатҳо бо човандозон бармеояд асосан давраи омода сохтани асп барои ширкат варзидан дар сабқати бузкашӣ аз аввалҳои сентябр оғоз гардида то нимаи дуввуми моҳи ноябр идома меёбад. Дар ин фосила асп 1,5 то 2 тонна ҷавро истеъмол мекунад. Аз ин бармеояд, ки аспи човандозӣ доштан ба ҳар кас муяссар намешудааст. Танҳо одамони сарватманд, доро метавонистанд аспи човандозӣ дошта бошанд. Бояд зикр намуд, ки на ҳама аспдорон човандозӣ карда метавонистанд. Аз ҳамин рӯ бо мақсади нишон додани шуҳрати аспонашон шахсони аспдор човандозонро киро менамоянд. Човандозони мири дар байни мардум шуҳрат дошта аз номи беку мирҳо баромад мекарданд.

Сабқати бузкаширо дар сатҳи калон дар аҳди ориёҳо асосан мирон, ҳокимон ва сарватмандон ташкил мекарданд. Барои човандозони ғолиб туҳфаҳои зерин ба мисли буз, гусфанд, гов, асп, ҷома, мӯза, зин ва монанди инҳо муқаррар мешуд.

Тартиби маъракаи бузкашӣ то замони мо боқӣ мондааст. Барои гузаронидани сабқат майдони васеъ ҳамворро интихоб менамоянд, ки сангзор надошта бошад ва ҳамчунин ҳар гуна ҷӯю монеаҳои хавфнок дар он ҷо набошад. Дар маркази майдон ба сифати нишона ҷое, ки буз партофта мешавад чуқурие мекананд ва ба болояш коҳи майда мепошанд, то човандозон он ҷоро дида тавонанд. Илова бар он шахсеро ба дасташ парчаме дода дар наздикиҳои мара ҷои меистад, то ҳар замон аз мавқеи бузпартоӣ ишора намояд. Ба сифати бузе, ки кашида мешавад, одатан нарбузи фарбеҳе интихоб мекунанд, ки 35–40 кг вазн дошта бошад. Сари онро бурида шахси мутаасаддӣ дур аз маркази майдон бурда меафтонад, ва кассе, ки метавонист онро ба кура партояд ғолиб ҳисоб меёбад ва соҳиби туҳфа мегардад.

Сабқати бузкашӣ ҳаводорони зиёде дошт аксари онҳоро саворон ташкил медоданд. Тамошобинони пиёда бошад ба баландӣҳо ва ҷойҳои дур аз хавфу монеаҳо баромада тамошо мекарданд. Ҳодисаҳои нохуши афтидани човандозон маъмулӣ ва дигар ҳолатҳо рух медоданд. Бинобарон шикастабандон табибонро ҳатман дар ин маъракаҳо ҳозир мекарданд.

Дар хусуси човандозони солҳои 50-ум ва имрӯзи минтақаи Кӯлоб собиқ човандоз нафақахӯри хоҷагии Мир Сайд Ҳамадонии ноҳияи Кӯлоб аз деҳаи Ҳакимобод (Гулбоғ) Маҳмадалӣ Сафаров нақл мекунад, ки анъанаи бузкашии давраи шӯравӣ хеле шуҳратёб буда ҳаводорони зиёде дошт. Аз ҷумла як қатор човандозони минтақаи Кӯлобро номбар намуд ба мисли: Бобои Мирзошариф аз деҳаи Тихоро писараш – Маҳмад, бобои Саиди Дарвоз аз Ғофилобод, Юсуфи Мир ва Раҳматшо аз Чарги Мӯъминобод, Ғиёс аз Мумирак, Рачаббой аз Тебалаии ноҳияи Мӯъминобод, бобои Насим, бобои Мас, Бобои Исмат, Карим чӯпон, Ғадомад аз ноҳияи Шурообод, Рачаб аз Шулугули Кӯлоб, Афғон Самад аз ш. Кӯлоб, Абдуллои Аён аз Дахана, Ҳайдар човандоз аз деҳаи Хонободи Кӯлоб, Воҳид аз Кайнарии Восеъ, Бозор тайлок аз хоҷагии Томин Восеъ, ки хеле шуҳратманд буданд.

Ҳамчунин маъракаи пойга (аспдавонӣ) низ баргузор мегардид.

Лозим ба доварист, ки дар аҳди Ҳахоманишиён ҳам ин иду суннатҳои мардуми ориинажод ба як дилгармӣ ва шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешуд. ***Имсол бо омади*** Наврӯз дар дашти паҳновари Экбатана пойгаи калоне мешавад, - таъкид кард Астиаг. - Намояндаи Хоразму Порт, Бохтару Сугд ва массагетҳои канори рӯди Яксарт меоянд. Чӣ андеша дорӣ, Гарпаг, оё Сиёхмушкин шарафи моро пос медорад? [3. 34].

Дар рӯзҳои иди Наврӯз ва баъд аз он дар байни халқҳои ориёӣ маросими мавсимии «Ашагулон» баргузор мегардид. Ин маросим асосан дар ҳолатҳои хушкӣ ҳаво ва мавриди хушксолӣ, ки сари вақт борон намеборид гузаронида мешуд. Ашагулон ин маросиме буд, ки дар байни мардумии минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон (Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз) шуҳрат дошт. Ин маросим дар Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Хуҷанд, Зарафшон, Ҳисор «сусхотун» ном дошт.

Муҳаққиқони соҳаи мардумшиносӣ аниқ кардаанд, ки ин маросим чун дигар суннатҳои Наврӯзӣ таърихи қадим дошта ба аҳди Зардушт мерасад. Масалан муаллифи «Осор – ул-боқия» моҳи порсиро қадимиро тафсир дода зикр менамояд, ки «рӯзи сиюм «анирон» аст, ки онро дар Исфаҳон «Офариҷгон» гӯянд… тавзеҳи ин лафз «рехтани об» аст. Ва сабаб он аст, ки борон дар замони Фирӯз чанди Анӯшервон наборид ва мардумии Эрон ба хушксолӣ афтод.» Ба қавли Берунӣ пас аз он ки Фирӯз дар оташкада намоз мегузорад худованд борони раҳматӣ хешро ба русто ва киштзори мардум эҳсон менамояд. «Сипас Фирӯз Худовандро сипос гузорид ва ба мардум садақаи бисёре доду молҳои зиёде бахшид». Моҳияту мақсади ин маросим пеш аз ҳама тадбиру дуъо баҳри боридани борон аст то барори кори деҳқонӣ шавад. Файзу неъматҳо фузун гардад. Замин файзрезу ганҷхез гардад.

Рафти маросим дар ҳама қисматҳои Тоҷикистон як хел набуд. Ин маросимро ба ҳангоми хушкӣ ҳаво мегузарониданд. Одатан, пирони деҳа байни худ аз камомади борон ва хавфи кори деҳқонӣ машварат намуда барои ташкил намудани «ашагулон» андеша мекарданд. Бо ин мақсад як нафар зани хушқади харобинаро интихоб менамуданд.

Ба зан либосҳои жулидаро мепӯшониданд ва ба дасташ хӯсае дода дастаи маросимчиҳо (онҳое, ки ин амалро ташкил мекарданд) ӯро ҳавлӣ ба ҳавлӣ мегардониданд, ва бо овози баланд ин сурудро мехонданд:

Ашагулони ростина,
Оста бичӯбон остина.
Ғаллаи сабзум кок шудаст.
Як бор бирезон борона.

Ин маросимро дар баъзе ноҳияҳо дигар хел мегузарониданд. Онҳо занеро ба хар чаппа савор карда, ҳавлӣ ба ҳавлӣ давр мезанониданд. Соҳибони хонаҳо бошад ба сару рӯи ашагулон

об рехта бо валвалаю фарёд ӯро ба дигар хона мегуселониданд. Ҳамзамон ҳамагон суруди «Ашагулони ростина»-ро бо овози баланд месуруданд.

Дар қисми шимолии Тоҷикистон дар вилояти Суғд маросими сусхотун нисбат ба қисми ҷанубӣ дар шакли дигар иҷро карда мешуд. Гурӯҳи сусхотунҳо ҷамъ гардида, хона ба хона гашта ашулаи зериро месароиданд:

Сусхотун, сусхотун,
Бор борон тез-тез,
Катра-катра, рез-рез,
Бар заминҳо об деҳ,
Ғалла сабзад ҳосилхез,
Чумчуқҳо ташна монанд,
Деҳқонҳо гушна монанд,

Ҷашни Наврӯз дар замони шӯравӣ бо хусус дар саромади воқеаҳои инқилоби соли 1917 тоҷикон ҷашни мардумии халқҳои Осиёи Миёна (тоҷикҳо, узбекҳо, қирғизҳо, туркменҳо, қазоқҳо) аз назарҳо дур монд. Солҳои 30-юм бошад ин ҷашн дар байни халқ бо номи «Дарвешона», «Оши дарвешӣ» шуҳрат ёфт. Тартиби гузаронидани он чунин буд, ки мардуми маҳал ба як қарор омада миқдори муайян маблағ ҷамъ намуда дар якчанд дегҳои калон далда, атола, ош, ширбиринҷ ва дигар ғизоҳо ташкил намуда дар як майдони васеъ дастурхон кушода оши худод медоданд. Аз ҳисоби ҳамон маблағ ҷамъгардида туҳфаҳои арзишманд (солим) харида маъракаҳои гуштин ва бузкашӣ ташкил мекарданд. Дар маъракаҳои Наврӯзӣ шеърӯ таронаҳои шоирон ва ҳофизон баргузор мегардид. Рӯзи Наврӯз иди баҳор 21–22 март ҷашн гирифта мешуд. Ин анъана то имрӯз дар ноҳияҳои алоҳида вуҷуд дорад.

Бо баробари соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар соли 1991 имкониятҳои васеъ барои бедор намудани расму суннатҳои миллии аҷдодӣ ба вуҷуд омад. Ҳамин буд, ки ҷашни Наврӯз ба иди миллии мо тоҷикон табдил ёфта, аз ҷумлаи ҷашни фархундаю писандидаи мардум гардид.

Ҷашни Наврӯз дар айни замон дар сатҳи давлатӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳои махсус мегузарад. Мардум ба он омодагиҳои хуб мебинанд, дар маъракаҳои ҷашни Наврӯз сарвари кишварамон Президенти Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон шахсан иштирок намуда ба халқи шарафманди тоҷик дуои нек медиҳанд. Ба ташаббуси шахсии ӯ ҳар сол дар Тоҷикистон ҷашни Наврӯзӣ дар ягон шаҳр ва ё ноҳияи кишвар дар сатҳи давлатӣ таҷлил мегардад. Тибқи барномаи махсуси Наврӯзӣ ҳайати муайяни санъаткорон, шоирон, варзишгарон, омодагиҳои зиёди ҳунарӣ дида, бо барномаҳои ҷолиб хотири тамошобинонро шод мегардонанд. Ҷашни Наврӯз соли 2005 дар шаҳри Ваҳдат баргузор гардида буд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он иштирок дошт ва мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ин иди фархунда муборакбод карда буд.

Ин ҷашн ҳамчун ҷашни суннатии мардуми ориёӣ буда, дар он меҳмонони зиёде аз кишварҳои дуру наздик иштирок менамоянд. Ҳамин аст, ки омодагиҳои ҷашнӣ хеле барвақт оғоз меёбад. Дар он ҳамаи хоҷагиҳо, корхонаҳо, ташкилотҳои соҳавӣ, кормандони мактабу маориф, хонандагон, мактабҳои олӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва инчунин кормандони соҳаи фарҳанг, варзиш, дар якҷоягӣ бо шоирону ҳофизон, ветеранҳои ҷангу меҳнат, собиқадорон, роҳбарони давлат, раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо иштирок менамоянд. Намоишҳои кори кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ, дастовардҳои ҳунарию касбӣ, анъанаҳои мардумӣ, ҳунарҳои халқӣ ба тамошобинон пешкаш мегарданд. Ҳоло қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ҷойҳои махсус – идгоҳҳо барои таҷлили ин ҷашн сохта шудаанд, ки дар як вақт метавонанд

ҳазорон нафар тамошобинон барномаҳои идонаи Наврӯзиро тамошо кунанд, барномаҳо ба воситаи радио ва телевизион, рӯзномаҳо дар бораи ин ҷашн, суннату рамзҳои он маълумот медиҳанд. Шоирон шеърӣ таронаҳои худро қироат мекунанд. Ҳофизон бошанд беҳтарин сурудҳои худро ба ин ҷашн омода месозанд. Рассомон беҳтарин мусаввараҳои худро омода месозанд. Табиат ҷомаи сабз ба бар намуда боз ҳам дилрабо мегардад.

Гулфурӯшию гултақдимкуниҳо оғоз мегардад. Шодию фараҳ ҳамагонро фаро мегирад. Кӯдакон бо садои дилкаш гуфторо суруди гулгардониро месароянд. Писарон бо тоқии кӯлобӣ ва духтарон бо куртаи чакан базми Наврӯзро ороста медиханд. Садои сурнаю най, чақчақи булбулон, савту навои ҳофизон, хандаи шухи кӯдакон, дасти сахои ҳамагон, рамзи вафои мардумон, сулҳу салоҳи абадӣ, ки сарчашмаи ҳама хушбахтию комёбиҳои мо тоҷикон аст, ҳоло рамзи аслии ҷашни Наврӯз гардидааст.

Тамоми мардум ба ин ҷашн омодагӣ мегиранд. Дар рӯзҳои пеш аз ид мардум хонаҳои худ ва кӯчаю идгоҳҳоро тозаю озода намуда, ҷашнро интизорӣ мекашанд. Дар шаҳру маҳаллаҳо шиору мусаввараҳо овезон мекунанд. Боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо ва хиёбонҳо тозаю озода гашта, ҷойҳо серодам мегарданд. Театрҳо ба намоишҳои баҳорӣ омода мегарданд, одамон бо якдигар бо назари меҳр менигаранд, якдигарро муборакбод менамоянд. Шоду сарфароз аз бахт, тинҷию осудагӣ гардида, рамзи бунёдкориву созандагӣ дар дилу нияти онҳо ҳувайдо аст. Умед аст, ки ҳар ҷашни Наврӯз, ҷашни комёбӣ ва сарбаландии мо тоҷикон мегардад.

Наврӯз рамзи баҳори зебо ба ҳамаи шоирони классик ва муосир ҳамчун сарчашмаи илҳом хизмат кардааст ва хоҳад кард. Айёми Наврӯз, насими ҷонбахшаш шоирони мардумиро низ дар ҳама давру замон ба вачд оварда, онҳо эҳсосоти ботинии хешро оид ба ин иди аҷдодӣ бо забони шевои модарӣ иброз медоранд. Масалан:

Бод бар ту мубораку хушнок,
Ҷашни Наврӯзӣ гуспандкушок.
(Абуабдулло Рӯдакӣ)

Наврӯз рӯзи хуррамии бедод бувад,
Рӯзи тавофи соқии хуршедод бувад.
(Мануҳчери Домғонӣ)

Дақиқӣ чор хислат дӯст дорад,
Ба гетӣ аз ҳама хубиву зиштӣ.
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Майи хушрангу дини зардуштӣ.
(Дақиқии Самарқандӣ, асри X)

Навбаҳор омаду бишкуфт ба як бор ҷаҳон,
Ба сар афканд замин, ҳарчи гуҳардошт нишон.
(Фаррухии Систонӣ, асри XI)

Ҷашни фархундаи фарвардин аст.
Рӯзи бозори гулу насрин аст.
Наврӯз ҷавон кард бадал пиру ҷавонро,
Айёми ҷавонист заминрову замонро.
(Абулфараҷи Румӣ (асри XI–XII)).

Дар баҳорон аз дили гил то гули раъно дамид,
Дилбарон аз рӯй чун гул ҳам чу гул раъно шуданд.
Адиб Собир Тирмизӣ (асри XI–XII).
Рӯзи айшу тараб бӯстон аст,
Рӯзи бозори гулу райҳон аст.
Авҳадуддини Анварии Абеварди (1090–1175)
Фасли Наврӯз навбаҳор омад,
Мавсими сайри лолазор омад.
Кӯдакони асири мактабро,
Шоҳиди айш дар канор омад.
Фасли Наврӯз баҳору соли нав омад кунун,
Гул зи гулшан, лола аз кӯҳсор меояд бурун.
Эй падар, устоди моро хизмати шоиста кун,
З-он ки ӯро дил пайи таълими мо гардида хун.
Абдураҳим Писандии Самарқандӣ (сол. ваф. 1918). [6. 24]

Маросими ашагулон дар баъзе ноҳияҳо чунин мегузашт, ки занони дар сурати ашагулон буда, худро ба зери новадони бомҳо мегирифтанд ва занони дигари маҳал ба сари онон об мерехтанд. Илова бар он, ба ҳангоми аз хона ба хона гардонидани ашагулон хонадорон ба иштирокдорони ҳар гуна маводи ғалладона медоданд, ки баъди анҷоми маросим аз он хӯроки далда ва ё кочӣ тайёр намуда ба кӯдакон ва мардум медоданд. Ин маросимро мардумон бештар дар соҳилҳои дарёҳо ва ё ҷӯйҳо мегузарониданд. Суннати хотимавии ин маросим ба ҳам об пошидан ба ҳисоб меравад.

Маросими ашагулон айни замон дар шакли дигар дар аксари минтақаҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад. Акнун ба ҷойи «Ашагулон» ҷавонон хусайро либоси жулпӯшида хона ба хона ва ё кӯча ба кӯча гардонида, ҳамзамон ашъори «Ашагулони ростина»-ро месароянд. Чун анъанаи пешин соҳибхона ба иштирокдорони маросим ба қадри имкон имконияти худ туҳфа медихад. Иштирокдорон пас аз анҷоми давраи аввалини мусобиқот шуруъ менамоянд. Дар марҳилаи дуввум аз маводи чаммула хӯроки баҳорӣ пухта пирони руҳсофида ва кӯдаконро даъват намуда зиёфат медиханд. Ва баъд аз уламоихон ба амал меоранд, ки дуои хайрро барои боридани борон, ки асоси серҳосилӣ мебошад, намоянд.

Айёми Наврӯз дар баробари бисёр суннатҳои расми ташкили гуштингирӣ боххо ва чагона ба ҳукми анъана даромадааст. Ин бозиҳо таърихи қадим дошта то замони мо омада расидаанд. Ин бозиҳо ҳам аз тарафи духтарон чусту чолок, пуртоқату, ҳозирҷавоб ва ҳунарҳои кудакона талаб менамоянд. Ба мисли бозиҳои «Алла дод», «Чилик дангал», «Бози зоғобу», «Тути калал», «Панҷабозӣ», «Рустамакӣ», «Балкиш» ва ғайраҳо. Ин бозиҳо дар байни мардум маҳбубияти зиёдеро доштанд ва доранд.

Дар танатнаҳои Наврӯзӣ илова ба ин бозиҳо «Хурусҷанг» ва «Кабкҷанг»-ро ташкил менамуданд. Ҷараёни тайёр намудани парандаҳо ба ҷанг як вақти муайянро талаб менамояд. Байни ин омода намудани паррандаи ҷанги варзӣ ва майдони ҳарбу зарб мебароянд. Масъулини танатнаҳои ҷанги парандаҳо гузаштаи ин гуна сабқатҳоро барои ҳоли туҳфаи моливу пулӣ муайян менамоянд. Дар аксар мавридҳо тамошобинон ба гурӯҳҳо худ пули муайянро барои ҳоли омадани яке аз парандаҳо маблағи муайянро ба шар гузоранд, ки пас аз ғолиб омадани парандаи фоли маблағи дар миён мондашуда тариқи мағлуб гирифта ва аз он чанд фоиз ба соҳиб парандаи ғолиб медихад. Ин навъ сабқати парандагон ҳам дар руҳияи танатнаҳои ҷашни ва ҳам дар фасли баҳор рӯзҳои истироҳат сурат мегиранд.

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз шукӯҳу таҷаллои тоза пайдо намуд ва мо тоҷикон ин ҷашнро ҳамчун мероси муқаддастарини ниёгонамон ва ҷашни покию зебоӣ дар фазои истиқлолу ваҳдат бо шукргузорӣ бошукуҳ таҷлил менамоем.

Барои ҷаҳонишавии Наврӯз саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург мебошад. Бо талошҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат аз 30-юми сентябри соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи ёдгории ғайримоддии фарҳанги башарият дохил карда шуд ва 19-уми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-ум аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ Рӯзи байналмиллалии Наврӯз эълон карда шуда, дар саросари ҷаҳон бо як шаҳомат таҷлил мегардад.

Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, то бод чунин бодо!
Ҷашни ҳамагонӣ шуд, то бод чунин бодо!

Адабиёт:

1. Абурайҳон Берунӣ «Осор-ул-боқия». Душанбе 1990.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Душанбе 1989.
3. Б.Абдураҳмон. “Куруши Кабир”. Душанбе 2006.
4. Вейнберг Б.И., Ставиский Б.Я. История и культура средней Азии в древности. М. 1994.
5. Ғоибов Ғ. Бадахшон Помир дар масири таърих // Илм ва ҳаёт – 1990, №9.
6. Унсуралмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе 1979.
7. Рӯзии Аҳмад. Дастовези Наврӯзӣ. Душанбе. Соли 1991.
8. Садои Шарқ. 1989, №9.
9. Фарҳанг №4 / соли 1991.
10. «Форснома»-и Ибн-ал-Бухорӣ. Душанбе 1989.

НАВРУЗ – ВЕЛИЧЕСТВЕННЫЙ ПРАЗДНИК НАШИХ ПРЕДКОВ.

Данная статья посвящена полной и точной информации об одном из национальных праздников наших предков, «Навруз, озаряющий мир», который сегодня стал всемирным благодаря чести и поддержке главы страны, лидера нации, достопочтенного Эмомали Рахмона. Автор в полной мере вспоминает культуру, цивилизацию и традиции прошлого, такие как национальные традиции и официальные традиции детских развлекательных игр: «панджакбази», «рустшавонак», «зогабу» и переносит читателя в далекие страны, что также является осознанием собственного прошлого наследия.

Ключевые слова: Праздник, торжество, церемония, дни, традиция, соревнование, Навруз, гонки, фейерверки, ашагулон, козьи бои, птичьи бои, составление цветочных композиций.

NAVROUZ A SPECTACULAR ANCESTRAL CELEBRATION

This article is dedicated to providing complete and accurate information about one of our ancestors' national holidays, "Novruz, the world-famous holiday," which has today become global thanks to the honor and support of the country's leader, the Honorable Emomali Rahmon. The author fully recalls the culture, civilization, and traditions of the past, such as national traditions and the official traditions of children's entertaining games: "panjakbazi," "rustshavonak," "zogabu," and "rustshavonak," transporting the reader to distant lands, which also reflects an awareness of one's own past heritage.

Keywords: Holiday, celebration, ceremony, days, tradition, competition, Navruz, races, fireworks, ashagulon, goat fights, bird fights, flower arrangements.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Акбарова Мунира Ғоибназаровна – муалими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

Сведения об авторе:

Акбарова Мунира Гоибназаровна – старший преподаватель кафедры гуматитарных дисциплин Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

Information about the author:

Akbarova Munira Goibnazarovna – senior lecturer of the Department of Humanities at the Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-776-02-50

ТДУ 930.85.008.2+930.85:001.8

АСРИ РОЗӢ: НУҚТАИ АВҶИ ТАМАДДУН ВА ОЗОДАНДЕШИИ ИЛМӢ

Гулаҳмадов Шамсиддин Нурович

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Муҳаққиқон дар мақолаи **“**Асри Розӣ: Нуқтаи авҷи тамаддун ва озодандешии илмиро дар Шарқи мусулмонӣ” мавриди баҳс қарор додаанд. Дар мақола заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии рушди илму фарҳанг дар асрҳои III-IV ҳичрӣ (IX-X милодӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон бо такя ба назарияҳои Ибни Халдун ва Ҷорҷ Сартон, ин давраро ҳамчун «Асри Розӣ» ва марҳилаи калидии Наҳзати исломӣ муаррифӣ мекунанд. Дар матн нақши сулолаҳои бумии тоҷик (Сомониён ва Саффориён) дар эҳёи суннатҳои давлатдории Сосонӣ ва фароҳам овардани фазои озодандешӣ таҳлил шудааст. Хусусияти фарқкунандаи мақола дар он аст, ки Закариёи Розиро на ҳамчун файласуфи дарборӣ, балки ҳамчун намояндаи табақаи миёна ва пешаварони шаҳрӣ, ки ҷаҳонбинии инсондӯстона ва таҷрибавиро асос гузоштааст, нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: Асри Розӣ, Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Наҳзати исломӣ, Сомониён, озодандешӣ, тамаддуни исломӣ, улуми ақлӣ, таҳарруки иҷтимоӣ, инсондӯстӣ, Эҳёи Аҷам, давлатдории миллӣ, Ибни Халдун, асабия, космополитизм.

Ҷорҷ Сартон дар асари маъруфи худ «Таърихи илм», нимаи дуюми садаи III ҳичриро «давраи Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ» (251-313 ҳ.қ.) номидааст. Ин давра марҳилаи калидии Наҳзати фарҳангии исломӣ ба шумор рафта, замони шукуфоии тамаддуни нимаи дуюми асрҳои миёнаро дар бар мегирад.

Дар ин масири таърихӣ, зуҳури табақаи бонифози рӯшанфикр ва сарватмандоне, ки ба илму фарҳанги аҳди бостон рағбати хос доштанд, заминаи рушди бесобиқаи маданиятро фароҳам овард. Маҳз дар ҳамин аср, дар канори таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ, фарҳанг ва илми мардумони эронитабор (тоҷикону форсҳо) ба марҳилаи ташаккул ва такомул расид.

Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки бархилофи тасаввуроти роиҷ, на ҳамеша қудратҳои мазҳабӣ омили рушди илму маънавият буданд. Баръакс, таҷрибаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар канори заиф шудани таассуби динӣ ва маҳдуд гаштани нуфузи қатъии

қавонини мазҳабӣ дар умури илмӣ, соҳаҳои хираду дониши башарӣ рӯ ба шукуфоӣ ниҳодаанд. Маҳз озодии андеша ва дур шудан аз хурофот боиси зуҳури наслҳои тавоно ва дурахшони илмӣ дар ин давра гардидааст.

Аз дидгоҳи назариявӣ, сабабҳои иҷтимоии рушду таназзули тамаддуни исломиро метавон дар заминаи принсипҳои китоби «Муқаддима»-и асосгузори илми ҷомеашиносӣ – Ибни Халдун баррасӣ кард. Мувофиқи консепсияи ӯ, шукуфоии илму фарҳанг танҳо бо фаровонии моддӣ ва сохтмонҳои боҳашамат маҳдуд намешавад. Балки рушди тамаддун мустақиман ба нерӯи «асабия» (ҳамбастагии иҷтимоӣ ва рӯҳияи гурӯҳӣ) ва тавоноии давлат дар баробари фишорҳои дохиливу берунӣ вобаста аст.

Ибни Халдун таъкид мекунад, ки тамаддунҳо давраи пайдоиш, авҷ ва заволро тай мекунанд. Таназзул вақте оғоз мешавад, ки ҷомеа ба роҳатталабӣ ғарқ шуда, ҳамбастагии иҷтимоиро аз даст медиҳад. Дар ин марҳила, ҳамлаҳои даҳшатбори гурӯҳҳои берунӣ (кӯчманчиён) ва низоъҳои дохилӣ на танҳо сабаби суқути сиёсӣ, балки омили қатъ гардидани рушди илму фарҳанг мегарданд. Ҳамин тариқ, тақдири тамаддун аз тавозуни байни қудрати низомӣ, ваҳдати иҷтимоӣ ва тафаккури илмӣ вобастагии зич дорад [5.– С. 33, 37–130, 72–75.]

Мувофиқи назарияи Г. Дебкор, болоравӣ ва суқути тамаддунҳо мустақиман ба таносуби байни гурӯҳҳои «арвандӣ» (шаҳрнишин ва мутамаддин) ва «куҷандӣ» (кӯчманчӣ) вобаста аст. Дар ин замина, Наҳзати илмию фарҳангӣ дар сарзаминҳои шарқии хилофат, бахусус дар Эрон ва Осиёи Миёна, маҳз дар нуқтаи авҷи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оғоз гардид.

Дар садаҳои нахустини исломӣ, махсусан дар замони хилофати Аббосиён, илму фарҳанг ба марҳилаи нави рушд ворид шуд. Таҳлилҳои таърихӣ собит месозанд, ки сохтори идории ҷомеаи исломӣ ва раванди пешравии маънавии он аз сарчашмаҳои ғании тамаддуни Сосониён ғизо гирифтааст. Низоми давлатдории Аббосиён дар бисёр ҷанбаҳо, аз ҷумла дар ташкили девонсолорӣ, усули идораи вилоятҳо ва одоби дарборӣ, нусхабардорӣ аз суннатҳои шаҳриёрии Сосониён буд [1. – С. 42.].

Дарки моҳияти низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатдории Сосониён, ки пас аз фатҳи арабҳо дучори тағйироти бунёдӣ гардид, барои шинохти таърихи миллӣ амри зарурӣ аст. Бояд зикр кард, ки ин дигаргуниҳо бештар ҷанбаҳои сиёсӣ ва сохтори иҷтимоиро фаро гирифта буданд.

Дар натиҷаи зарбаҳои низомиву сиёсии Хилофат, табақаҳои имтиёздори болоии ҷомеаи Сосонӣ (ашрофзодагон ва муъбадон) нуфузи пешини худро аз даст доданд. Шиори «мусулмон бародари мусулмон аст», ки баробарии иҷтимоиро таблиғ мекард, боиси шикастани низоми сахтгиронаи табақотии Сосониён гардид. Ин падида боиси аз байн рафтани рукуди иҷтимоӣ (social stagnation) шуда, заминаро барои таҳарруки иҷтимоӣ (social mobility) ва таҳаввулоти нав фароҳам овард. Маҳз дар ҷараёни ин ду таҳаввулот (Асрҳои сукут ва ташаккул), синтези фарҳанги ғании тоҷику форс бо арзишҳои исломӣ сурат гирифт, ки дар ниҳоят боиси шукуфоии бесобиқаи тамаддуни исломӣ дар Шарқ гардид

Сохтори иҷтимоию иқтисодии давлатдории Сосониён дорои хусусиятҳои хосе буд, ки дар марҳилаи ниҳоии ташаккули низоми феодалӣ (заминдорӣ) қарор дошт. Тибқи назарияи Ибни Халдун дар бораи «шакли ҷомеа», ин давра замони таназзули муносибатҳои кӯҳнаи заминдорӣ ва зуҳури мафкураи тиҷоратӣ (маркетологӣ) буд, ки дар асрҳои миёна дар қаламрави Эрон ва Мовароуннаҳр мутамарказ гардид.

Бояд таъкид кард, ки сохтори бунёдии иқтисодӣ, ки дар он «замин» воситаи асосии истеҳсолот маҳсуб мешуд, пас аз фатҳи арабҳо дар ҷомеаи исломӣ бидуни тағйироти куллӣ боқӣ монд. Ниҳодҳои заминдории замони Сосониён ба сохтори нави хилофат интиқол ёфта[2.- С. 365.], дар қолаби низоми нави идорӣ идома ёфтанд, вале дар айни замон сохти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои синфӣ дучори таҳаввулоти ҷиддӣ гардиданд. Ин дигаргунӣ боиси зуҳури

табақаи нави тоҷирон ва косибон гардид, ки дар канори низоми анъанавии заминдорӣ, тамаддуни исломиро ба як низоми мутаҳаррики иқтисодӣ табдил доданд.»

Ҷомеаи асрҳои миёнаро маъмулан ба се табақаи асосӣ: ашроф (нухбагон), миёнаҳол (косибону тоҷирон) ва омма (камбағалон) ҷудо мекунанд. Дар сохтори иҷтимоии Эрони бостон табақаҳои имтиёздоре чун «Васпуҳрон» (Vaspuhran – хонадонҳои олинасаб) ва «Вузургон» (Wuzurgan – бузургону аъёни давлат) мавқеи калидӣ доштанд. Муаррихони мусулмон ин истилоҳотро аксаран ба вожаҳои арабии «Аҳли байт» (ба маънои хонаводаҳои наҷиб) ва «Ашроф» тарҷума кардаанд. Бояд қайд кард, ки вожаи паҳлавии «Воспуҳргоҳ» (Vaspuhrah-gan) ишора ба амлоки хусусии ин табақа дорад.

Пас аз истилои арабҳо, қисми зиёди ин ашрофзодагон исломро пазируфтанд, ки ин боиси ҳифзи моликияти меросии онҳо гардид. Хилофати исломӣ барои идораи вилоятҳои форсизабон аз нуфузи ин табақаи бумӣ истифода бурд, ки дар натиҷа заминдорони калон (феодалҳо) мавқеи сиёсии худро устувор нигоҳ доштанд. Дар ин миён, табақаи «Деҳқонон» (заминдорони миёна) ҳамчун пайвандгари аслии фарҳанги бостон ва тамаддуни исломӣ нақши ҳалкунанда бозиданд.

Хилофати Аббосӣ ҳамчун як давлати мутамаркази фаромиллӣ, ки дар он иттиҳоди тоҷирон ва феодалҳо шакл гирифта буд, заминаро барои «Наҳзати илмию фарҳангии мардумони эронитабор» фароҳам сохт. Тавре академик Акбар Турсон таъкид мекунад: «Нақши ҳалкунандаро дар Эҳёи Аҷам осори ғании аҳди паҳлавӣ ва суннатҳои давлатдории Сосониён бозидаанд[7.]»

Манзараи умумии Асри Розӣ: Контексти иҷтимоии Наҳзати илмӣ ва эҳёи суннатҳои давлатдории миллии тоҷикон

Бо дарназардошти нуктаҳои боло, дар оғози «Эҳёи Аҷам» саҳми табақаҳои имтиёздори иҷтимоӣ, аз ҷумла ашрофони бумии тоҷику эронӣ ва хонадонҳои олинасаб (Васпуҳрон), дар рушди улуми ақлӣ (ҳикмат, риёзиёт, тиб ва нуҷум) бисёр барҷаста буд. Улуми ақлӣ асосан зери сарпарастии шоҳон ва хонадони онҳо қарор дошта, кулли хирадмандони даврон аз қабили Рӯдакӣ, Балъамӣ, Фирдавсӣ, Форобӣ, Розӣ, Берунӣ ва Ибни Сино дар доираи низоми ҳокимияти онҳо фаъолият мекарданд.

Ба ибораи дигар, улуми ақлӣ ҳамчун «дониши дарборӣ» ташаккул ёфта, шукуфоии он мустақиман ба болоравии аморатҳои мустақили Осиёи Миёна ва Эрон, ки дар талоши истиқлоли сиёсӣ аз Хилофат буданд, вобастагӣ дошт. Дар муқобил, улуми нақлӣ бештар ба табақаи миёнаи ҷомеаи форсизабон мансуб буд. Табақаи миёнаи ин давра ба ду гурӯҳ – шаҳрӣ ва рустоӣ тақсим мешуд: қишри шаҳриро тоҷирони соҳибкору муқим ва қишри рустоиро «деҳқонони» соҳибмулк (чун Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомулмулки Тӯсӣ) ташкил медоданд.

Аҳли ҳадис ва ривоят маъмулан аз ҳамин табақаи миёна зуҳур мекарданд. Тоҷирон ва заминдорони хурди рустоӣ дар канори фаъолияти иқтисодӣ, ба омӯзиши суннати Паёмбар (с) ва ҳифзи қиссаву ривоятҳои миллӣ шавқу рағбати зиёд доштанд. Ҳамин тариқ, улуми нақлӣ ҳамчун «донишҳои диннӣ, ки аз Қуръон, ҳадисҳои паёмбар масҷид ва бозор» ташаккул ёфта буд, пешрафти он аз вазъи иқтисодӣ, рушди тиҷорат ва сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста буд. Аксари муҳаддисон, ки барои ҷустуҷӯи дониш ба шаҳрҳои мухталиф сафар мекарданд, ҳамзамон ба тиҷорат машғул буданд. Онҳо яке аз босаводтарин ва боришофаттарини табақаҳои ҷомеаи шаҳрӣ маҳсуб меёфтанд [5.- саҳ. 37 - 130].

Заиф шудани нуфузи Хилофати Аббосиён дар қаламрави Осиёи Миёна ва Эрон (аз садаи III ҳиҷрӣ) заминаро барои эҳёи дубораи тамаддуни эронӣ фароҳам оварда. Бо коҳиши тасаллути марказии Бағдод дар манотиқи шарқию шимолӣ, сулолаҳои бумӣ ба истиқлолияти сиёсӣ даст

ёфтанд [6.– с. 42.]. Дар ин марҳила, ҷараёнҳои мухталифи сиёсиву мазҳабӣ (аз ҷумла аҳли ташаюни озодандеш ва пайравони оини зардуштӣ) дар ташаккули фазои нави фарҳангӣ нақши муассир гузоштанд.

Асри тиллоии тамаддуни исломӣ дар ин минтақа бо зуҳури давлати Саффориён (таҳти роҳбарии Яъқуб ва Амри Лайс) дар ғарб ва шукуфоии сулолаи Сомониён дар шарқ пайванди ногусастанӣ дорад. Маҳз дар сояи ин давлатдориҳо, синтези фарҳанги бостонӣ ва арзишҳои исломӣ ба авҷи аълои худ расид.

Асри Розӣ»-ро метавон давраи эҳёи фарҳанги бостонии эронинажодон номид. Сомониён, ки худро аз авлоди сипаҳсолори Сосонӣ – Баҳром Чӯбин медонистанд, нахуст воҳидҳои сиёсӣ ва низомии худро дар Мовароуннаҳр мустаҳкам намуданд. Вақте ки Яъқуби Лайси Саффорӣ ба Бағдод таҳдид кард, халифаи Аббосӣ – ал-Муътамид барои коҳиш додани нуфузи Саффориён, ҳукумати Мовароуннаҳрро расман ба Наср ибни Аҳмад (ҳукмронӣ: 260–279 ҳ.қ./874–892 м.) вогузор намуд.

Асосгузори воқеии давлати мутамаркази Сомониён Исмоил ибни Аҳмад (279–295 ҳ.қ./892–907 м.) ба шумор меравад. Нуқтаи гардиши таърихӣ дар соли 287 ҳиҷрӣ (900 милодӣ) ба вуқуъ пайваст, ки дар он Исмоили Сомонӣ лашкари Амри Лайси Саффориро шикаст дод. Дар натиҷа, ҳукмронии Хуросон, Табаристон, Рай ва Исфаҳон ба дастгоҳи Сомониён гузашт. Таҳти фармони Амир Исмоил, сарзаминҳои паҳновари Мовароуннаҳру Хуросон муттаҳид шуда, маркази тамаддуни исломӣ ба шарқ кӯчид[2. – С. 399].

Ҷонишини Исмоили Сомонӣ, писараш Аҳмад ибни Исмоил (295–301 ҳ.қ. / 907–914 м.) тавонист дар соли 298 ҳиҷрӣ Систонро ба қаламрави худ зам кунад. Аммо дар давраи ӯ Табаристон аз тасарруфи Сомониён берун шуда, ба дасти Носири Кабир (пешвои Алавиён) афтод. Пас аз кушта шудани Аҳмад ибни Исмоил, писари хурдсоли ӯ Насри II ибни Аҳмад (301–331 ҳ.қ. / 914–943 м.) ба тахт нишаст. Ӯ тавонист бо дастгирии вазирони кордон исёни амак ва бародаронашро фурӯ нишонад. Давраи тӯлонии ҳукмронии Насри II ҳамчун «асри тиллоӣ» ва авҷи шукуфоии давлати Сомониён шинохта мешавад.

Дар ин замон, дарбори Сомониён дар Бухоро ба маркази ҷамъомади бузургтарин донишмандон, шоирон ва файласуфони Эронзамин табдил ёфт. Насри II нисбат ба ҷараёнҳои фикрӣ таҳаммулпазир буд ва ҳатто ба воизони Исмоилия иҷоза дод, ки таълимоти худро ошкоро таблиғ кунанд; ҳамраии ӯ ба ин даъват дар ниҳоят боиси мухолифати рӯҳониёни мутаассиб ва суқути маънавии ӯ гардид. Гарчанде Сомониён аслан пайрави мазҳаби суннӣ буданд, таъсири андешаҳои шиӣ ва исмоилӣ дар дастгоҳи идории онҳо ба мушоҳида мерасид. Ду хонаводаи маъруфи вазирон – Ҷайҳонӣ ва Балъамӣ дар ин давра нақши бузург доштанд. Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ (бо дидгоҳҳои озодандешона) ва Абулфазли Балъамӣ (сарпарасти илму адаб) заминаро барои фаъолияти ҳакимоне чун Абӯзайд Балхӣ, Абулҳасани Омирӣ ва Рӯдакӣ фароҳам оварданд, ки ин раванд ба эҳёи арзишҳои фарҳанги тоҷику форс таъсири амиқ гузошт[8. сах. – 346–348.].

Тавре зикр гардид, дар ин давра таҳарруки иҷтимоӣ (social mobility) бо фаъолияти густурдаи тоҷирон ва донишмандон ҳамоҳанг шуда, сохторҳои суннатии табақабандиро, ки қаблан бар пояи аслу насаб ва имтиёзҳои меросӣ устувор буданд, шикаст. Дар натиҷа, дониш, заковат ва истеъдоди фардӣ ба омилҳои асосии муайянкунандаи мақоми иҷтимоӣ ва мансубияти синфӣ табдил ёфтанд. Дар ин марҳилаи таърихӣ, пазируфта шудани файласуфон, уламо ва донишмандон дар қасрҳои боҳашамати ҳокимону давлатмардон на ба хотири насаб, балки ба баракати фазлу илми онҳо сурат мегирифт.

Рушди бесобиқаи тиҷорати байналмилалӣ, ки аз марзҳои Хилофат фаротар рафта буд, дар канори афзоиши нуфуси шаҳрнишин, заминаро барои иртиботу ошноии намояндагони

табақаҳои мухталифи ҷомеа фароҳам сохт. Тибқи андешаи Ҷоэл Кермер, тамаддуни исломӣ дар ин давра нисбат ба ҷаҳони суннатӣ бештар хусусияти космополитӣ (фаромиллӣ) пайдо кард. Қуллаи шукуфоии «Эҳёи Аҷам» дар нимаи дуюми садаи VIII ва садаи IX милодӣ, дар замони ҳукмронии низомҳои нисбатан озодандеш ва таҳаммулпазири Ироқу Эрон (аз ҷумла Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён) ба вуқӯъ пайваст. Ин давра, ки бо номи «Наҳзати исломӣ» (Islamic Renaissance) маъруф аст, авҷи бузургии фарҳанги исломӣ дар садаҳои нахустини ҳичрӣ маҳсуб мешавад.

Ҷоэл Кремер раванди рушди фарҳангии ин даврараро дар маҷмӯъ ба се ҷанбаи калидӣ вобаста медонад: индивидуализм (асолати фард), космополитизм ва буҳрони ҳувияти динӣ. “Космополитизми фарҳангӣ ва гуногунандешии ин давра фазои хосеро ба вуҷуд овард, ки дар он шакку шубҳа нисбат ба падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ба як амри маъмул табдил ёфт[5. – С. 72-75]. Зуҳури шаккокия дар миёни доираҳои мухталифи фалсафӣ боиси он гардид, ки мутафаккирони ин даврараро ба заиф кардани эътиқоди оммаи мардум муттаҳам кунанд.

Дар ин муҳит, ҷаҳонбинии файласуфон бештар хислати нисбӣ (relativism) пайдо кард. Азбаски аз назари онҳо далелҳои ақлӣ барои исботи ҳақиқатҳои мутлақи динӣ на ҳамеша қотеъ буданд, аксари онҳо ба хулосае мерасиданд, ки бояд ба суннати аҷдодӣ ва дини ниёкони худ содиқ бимонанд. Ин навъи садоқат на аз рӯи таассуби кӯр-кӯрона, балки ҳамчун як зарурати иҷтимоӣ ва ахлоқӣ барои ҳифзи суботи ҷомеа пазируфта мешуд

Арзишҳои инсондӯстӣ (гуманизм), пешаи пизишкӣ ва ҳикмати табииву илоҳии Ҳаким Розӣ бешак аз сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла оини муғони аҳди бостон, масеҳият, монавия ва таълимоти исломӣ нишот гирифтаанд.

Дар мавриди номгузории ӯ дар сарчашмаҳои таърихӣ тафовутҳо ба назар мерасанд: Носири Хусрав ӯро «писари Закариё» хитоб кардааст, вале аксари пешиниён бо номи «Муҳаммад ибни Закариё» ёд намудаанд. Дар адабиёти илмии муосир ва гузашта бештар шакли «Закариёи Розӣ» роиҷ аст. Ин тарзи номгузорӣ, ки дар он исми аслӣ (Муҳаммад) ҳазф шуда, исми падар (Закариё) ва насб (Розӣ) боқӣ мондааст, дар осори Абурайҳони Берунӣ низ ба мушоҳида мерасад. Чунин падида дар таърихнигорӣ истисно нест; чунончи Муҳаммад ибни Ҷарири Табариро низ аксаран «Ҷарири Табарӣ» меноманд.

Ин тарзи фарқгузорӣ (дифференсиатсия) дар назди муаррихон барои тафовут додани ӯ аз Мутакаллими маъруф Фахриддини Розӣ (Фахри Розӣ) истифода мешуд. Шарқшиноси фаронсавӣ Анри Корбен таъкид мекунад, ки барои ҷилавгирӣ аз иштибоҳ ва ҷудо кардани ӯ аз дигар «Розиҳо», дар забонҳои аврупоӣ ва осори тиббии лотинӣ беҳтар аст ӯро бо номи маъруфи лотиниаш – «Разес» (Rhazes) ёд кунем[4.- саҳ. 184.].

Бояд зикр намуд, ки дар ин нигориш аз се тарзи маъмули номгузории Закариёи Розӣ истифода хоҳад шуд. Дар мавриди пайванди Закариёи Розӣ бо пешаи «сайрафӣ» (заргарӣ ё саррофӣ), маълумоти Ибни Абиусайбиа («Ибни Аби Асбаъа») қобили таваҷҷуҳ аст. Муаллифи мазкур қайд мекунад, ки Розӣ дар ибтидо ба заргарӣ (сайрафӣ) машғул буд.

Ин нуктаро таҳқиқи нусхаи хаттии китоби «Ал-Мансурӣ фӣ-т-тиб» низ тасдиқ менамояд. Дар ин нусха номи муаллиф ҳамчун «Муҳаммад ибни Закариёи Розии Сайрафӣ» дарҷ ёфтааст. Бо назардошти хусусиятҳои хатшиносӣ ва сабки нигориш, метавон хулоса кард, ки ин навишта ба қалами худи Ҳаким Розӣ тааллуқ дорад. Ин кашфиёт исботи он аст, ки Розӣ на танҳо аз нигоҳи табақотӣ ба пешаварони шаҳрӣ мансуб буд, балки шуғли аввалияи ӯ дар заргарӣ заминаи таҷрибавиро барои таҳқиқоти минбаъдаи ӯ дар илми кимиё фароҳам овардааст[1.- саҳ 42]. Таҳлили пешаи аввалияи Закариёи Розӣ нишон медиҳад, ки ӯ бо суннатҳои хонаводагӣ аввалан ба заргарӣ шуғул варзида ва баъдан бо фаъолияти илмӣ дар соҳаи кимиё пардохтааст. Дар бархе аз сарчашмаҳо ба нақл аз пизишкони ҳамзамони ӯ омадааст, ки Розӣ дар «Рум» (Византия) ба муомилаи хиштҳои тилло машғул буд.

Тибқи ин ривоятҳо, маҳз ҳамин таҷрибаи амалӣ дар заргарӣ ва додугирифти филизоти гаронбаҳо заминаи аввалини шинохти ӯро аз хосиятҳои моддаҳо ва илми кимиё фароҳам овардааст. Ин пайвастагӣ собит месозад, ки дониши фалсафӣ ва тиббии Розӣ на танҳо аз рӯи китобҳо, балки дар заминаи таҷрибаи тӯлонии кор бо маводҳои кимиёвӣ ва равандҳои гудохтани филизот ва тасфияи онҳо шакл гирифтааст.

Пайванди фикрии Ҳаким Розӣ бо марказҳои илмии «Рум» ва бахусус шаҳри Ҳаррон, ки маскани Собиини ҳарронӣ буд, дар ташаккули фалсафаи «авоил» ва таълимоти «панҷ асли қадим»-и ӯ нақши калидӣ доштааст. Аксари муаррихон бар ин назаранд, ки дилбастагии вижаи Розӣ ба мероси илмию фалсафии ин манотиқ боиси ошноии ӯ бо забонҳои суриёнӣ ва юнонӣ гардидааст, вале ба андешаи мо, ин фарзия чандон қобили қабул нест. Зеро то замони фаъолияти Розӣ, аз бо супориши хулофаҳои ислом аксари адабиёти фалсафӣ ва илмии ҷаҳони бостон ба забони арабӣ баргардонида шуда буд ва ниёзе ба донистани забонҳои аслӣ барои мутолиаи осори файласуфони пешин вуҷуд надошт[2. – С. 450–454.]

Ҳамчунин, иддаои бархе аз муҳаққиқон дар бораи он ки аксарияти мардуми шаҳри Рай дар он замон пайрави оини масеҳӣ буданд, аз ҳақиқати таърихӣ дур аст. Бознигарии сарчашмаҳо собит месозад, ки мардуми Рай ва бахусус аҳдоди Розӣ, бештар ба суннатҳои эронии бостон, аз ҷумла зардуштия, монавия ва ё маздакия гароиш доштанд. Маҳз ҳамин заминаи фарҳангиву мазҳабӣ дар омезиш бо ҷаҳонбинии исломӣ симои хоси фалсафаи инсондӯстонаи Розиро шакл додааст.

Пойгоҳи иҷтимоии Ҳаким Розӣ, бинобар далелҳои зикршуда, ба табақаи миёнаи ҷомеаи шаҳрӣ, яъне доираи пешаварон, асноф ва арбоби ҳирфа тааллуқ дорад. Ин вобастагии табақотӣ ва иртибот бо оммаи мардум яке аз омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии инсондӯстона ва рӯҳияи озодандешии ӯ гардидааст.

Дар ин замина, Розӣ аз аксари файласуфони машоия, ки маъмулан аз табақаҳои имтиёздори ҷомеа ва нухбагони сиёсӣ зуҳур мекарданд, тафовути куллӣ дорад. Чунончи:

- Ал-Киндӣ: аз хонадони ашрофи «Кинда» ва волиёни Басра буд;
- Форобӣ: ба хонаводаи низомиёни баландпояи давлати Сомониён мансуб буд;
- Ибни Сино: фарзанди мансабдори олирутбаи дарбори Сомониён буд;
- Ибни Боҷа ва Ибни Рушд: аз хонаводаҳои бонуфузи қозиён ва ашрофони Андалус буданд.

Хулоса, хостагоҳ ва пойгоҳи иҷтимоии ин файласуфон асосан бар низоми заминдории феодалӣ ва аристократияи дарборӣ устувор буд, дар ҳоле ки Розиро метавон намояндаи «ратсионалистӣ » ва мардумӣ номид. Дар поёни ин бахш бояд қайд кард, ки эҳтиром ба шахсияти ӯ чунон баланд буд, ки ҳатто фақеҳи Балхӣ – Абӯмаолии Алавӣ ҳангоми ситоиши ҳакими Рай, ӯро бо унвони баланди динии «Имом» ва «Имом Муҳаммад Закариё» ёд кардааст, ки ин аз нуфузи маънавии ӯ дар миёни табақаҳои мухталифи ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Адабиёт:

1. Айни ило набои фи табақоти атиббо (Ибни Абиусайбиа). – Бейрут: Дорул-ҳаёт, 1965. – С. 42.

2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 365, 399, 450–454.

3. Зидан, Журжи. Таъриху-т-тамаддун-ил-исломӣ (История исламской цивилизации). Т. 1, 2. – Каҳира: Дорул-Ҳилол, 1902. – Т. 1. – С. 172.

4. Корбен, Анри. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Асадуллоҳи Мубашширӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1352 ҳ.ш. – С. 184.

5. Кремер, Ҷоэл Л. Возрождение культуры в эпоху Буидов. Гуманизм в ренессансе ислама / Пер. с англ. М. Саиди. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1375/1996. – С. 33, 37–130, 72–75.

6. Неъматов Н. Давлати Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 42.

7. Турсон А. Эҳёи Аҷам. – Душанбе: Ирфон, 1984.

8. Фрай, Ричард. Мероси Эрон (Наследие Ирана). – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 346-348.

ЗОЛОТОЙ ВЕК: ВЕРШИНА ЦИВИЛИЗАЦИИ И НАУЧНОГО СВОБОДОМЫСЛИЯ.

Иследователи в статье расматривали «Эпоха Рази: Пик цивилизации и научной свободы мысли в мусулманском Востоке. В данной статье рассматриваются социально-экономические и политические предпосылки расцвета науки и культуры в IX-X веках. Опираясь на концепции Ибн Халдуна и Джорджа Сартона, автор характеризует этот период как «эпоху Мухаммада ибн Закарии аз-Рази» – ключевой этап Исламского Ренессанса. Анализируется роль местных таджикских династий (Саманидов и Саффаридов) в возрождении согдийско-сасанидских традиций государственности и создании атмосферы интеллектуальной свободы. Особое внимание уделяется социальному происхождению Рази: в отличие от многих придворных философов того времени, он представлен как выходец из городской среды ремесленников, что предопределило его гуманистическое мировоззрение и эмпирический подход к науке.

Ключевые слова: Эпоха Рази, Мухаммад ибн Закария Рази, Исламский Ренессанс, Саманиды, свободомыслие, исламская цивилизация, рациональные науки, социальная мобильность, гуманизм, Возрождение Аджама, национальная государственность, Ибн Халдун, асабия, космополитизм.

THE GOLDEN AGE: THE PINNACLE OF CIVILIZATION AND SCIENTIFIC FREETHINKING.

Researchers in their article examined "The Age of Al-Razi: The Zenith of Civilization and Scientific Freedom of Thought in the Muslim East." This article explores the socio-economic and political prerequisites for the flourishing of science and culture during the 9th and 10th centuries. Drawing upon the concepts of Ibn Khaldun and George Sarton, the author characterizes this period as the "Age of Muhammad ibn Zakariya al-Razi"–a pivotal stage of the Islamic Renaissance. The study analyzes the role of local Tajik dynasties (the Samanids and Saffarids) in reviving Sogdian-Sassanid traditions of statehood and fostering an atmosphere of intellectual liberty. Particular attention is paid to the social background of Al-Razi: unlike many court philosophers of that era, he is presented as a product of the urban artisan class, a factor that predetermined his humanistic worldview and empirical approach to science.

Keywords: The Age of Al-Razi, Muhammad ibn Zakariya al-Razi, Islamic Renaissance, Samanids, freethought, Islamic civilization, rational sciences, social mobility, humanism, Persian Renaissance, national statehood, Ibn Khaldun, asabiyyah, cosmopolitanism.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Гулаҳмадов Ш. Н. – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 98-779-53-33

Сведения об авторе:

Гулахмадов Ш. Н. – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 98-779-53-33

Information about author:

Gulahmadov Sh. N. – senior Lecturer at the Department of Humanities, Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-779-53-33

ТДУ 1(091)(082)+1(0091)(083)

МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ: СИНТЕЗИ АҚЛ ВА ТАҶРИБА

Гулаҳмадов Ш.Н.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Муҳаққиқ Гулаҳмадов Ш. Н дар мақолаи “Методологияи илмӣ ва фалсафии Муҳаммад Закариёи Розӣ: Синтези ақл ва таҷриба” методологияи амалии Муҳаммад Закариёи Розиро барасӣ карда ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи илми таҷрибагароӣ ба баҳс кашидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки Розӣ бар хилофи файласуфони ратсионалисти маҳз (Киндӣ, Форобӣ), низоми фикрии худро бар синтези ақлу таҷриба бино кардааст. Дар матн «шакки услубӣ»-и Розӣ, интиқоди ӯ аз Ҷолинус ва Арасту дар масоили табииёт ва метафизика, вале эҳтироми ӯ ба мантиқи қиёсӣ таҳлил мешавад. Нуқтаи марказии баҳс дар он аст, ки Розӣ чанд аср пеш аз Френсис Бэкон усули индуктивиро (истиқро) дар химия ва тиб роҳандозӣ карда, заминагузори илми муосири позитивистӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: Закариёи Розӣ, методология, таҷрибагароӣ (эмпиризм), истиқро (индуксия), қиёс, мантиқ, Френсис Бэкон, Ҷолинус.

Мантиқи амалии Розӣ ҳамон методологияе дар фалсафаи илмии ӯст, ки аз улуми позитивистӣ ҳосил шуда, бар пояи таълимоти гносеологӣ асос ёфтааст. Тафовути умдаи афкори фалсафии ӯ бо ҳакимоне чун Абуисҳоқ ал-Киндӣ ва Абунаср ал-Форобӣ дар он аст, ки равиши онҳо ратсионалистии маҳз буд. Вале ин ба он маъно нест, ки усули Розӣ ғайриақлист. Баръакс, фалсафаи назариявии ӯ аслан дар пояи «ақл» ва хирад бино шудааст, зеро хиради фитрии ӯ бар таҷриба ва дониш такя мекунад.

Абурайҳони Берунӣ дар «Феҳристи китобҳои Розӣ» мефармояд, ки андешаҳо дар бораи «илм» ҳам аз ибтидо ва ҳам дар давраи нав (ё аз замони қадим то ба ҳол) гуногун буда, дар ин хусус назарҳои мухталиф ҷой доштанд. Ба пиндори гурӯҳи аввал, азхуд кардани методологияи омӯзиш дар ихтиёри ҳар як нафар набуда, балки онҳо ин илмро аз паёмбарон таълим гирифтаанд ва мардум ба ин бовaранд. Аммо нуқтаи назари дигар ин аст, ки шояд ақли одамӣ онҳоро бо «қиёс» идрок намуда бошад, чунон ки шинохти ҳамагонӣ аз онҳо дар ғаризаи инсонӣ росих гаштааст.

«Пас, «қиёс» сарчашмаи пайдарпайии умур гардид ва озмоишҳову таҷрибаҳо пайвасткунанда ва ҳам ҷудокунандаи он шуданд. Дар муддати дароз наслҳо онҳоро пай дар пай ба бор оварданд, ки осори гузаштагон ба ояндагон интиқол ёфта, ба мерос монд. Чандон маротиби рушду такомул ва самарабахшии онҳо ба ин ҳад расид, ки фавоиди улум ва аъмоли одамӣ то ба ин замон расидааст» [2. саҳ. 18–19].

Бояд зикр намуд, ки Розиро дар улуми таҷрибагароӣ (Experimental/Empirics) пеш аз Френсис Бэкон дониста, ӯро ҳатто пешвои илми таҷрибагаро меҳисобанд ва қайд мекунанд,

ки ӯ ба Бэкон таъсиргузор будааст. Аз ин рӯ, Розӣ усулҳои индуктивиро дар табиатшиносӣ корбаст ва устувор сохтааст, ки ин амрро баъзеҳо чун «Арастуситезии Розӣ» арзёбӣ кардаанд.

Ҳамчун «Муаллими аввал» (Арасту), возеҳ аст, ки усулҳои «қиёс»-и мантиқӣ дар «Арғунун» низ ба ҳамин дастур будаанд. Вале ин гуфта дар мавриди Розӣ дуруст ба назар намерасад, зеро Арастуситезии вай сирфан дар масоили ҳикмати табиӣ (ҳаракат, замон ва ғайра) ё дар мавриди метафизика (қадимияти олам, сабабҳои ниҳоӣ ва ғайра) буд. Дар боби қиёси мантиқӣ бояд гуфт, ки Розӣ на танҳо зидди Арасту набуд, балки ӯро ситоиш карда, бо равиши ӯ таълиф намуда ва ё тафсирҳо навиштааст [19.- саҳ. 25, 282].

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки андешаҳои мухталифи Розӣ шабоҳати илми муосири асрҳои XVI ва XVII-ро дар зеҳнҳо бедор мекунанд. Ҳарчанд бо далели мухолифаташ ба бузургиҳои геометрӣ (математикӣ), ӯ натавонист физикаи тачрибавии худро ба таври математикӣ шарҳ диҳад [19.- саҳ. 25, 282].

Аммо масъалаи «шак»-и услубӣ дар дониш, вобаста ба методологияи тачрибавию ақлии давраи Розӣ, ҳамчун давраи пайдоиши скептитсизм (шаккокият) ва инкори нисбии арзишҳо дониста мешавад. Манобеи маъруфе, ки дар зуҳури шаккокият таъсиргузор буданд, таълимоти пешвоёни монавия, табиби эронинасл Барзӯии Табиб, Павели Форс, Ҳакими Мантиқӣ ва Салмони Форсиро метавон ном бурд, ки воқеан пайравонашон Ибни Муқаффаъ, Абуисои Варроқ, Ибни Ровандӣ ва Ҳаким Розӣ будаанд [14.- саҳ. 23, 268].

Дар ин масъала Розӣ аз аввалин нафаронест, ки масъалаи «шак»-ро дар бахши тиб ва ҳикмати юнонӣ бо сароҳат, аммо бо эҳтиёти илмӣ матраҳ кардааст. Чуноне ки дар оғози китоби «Шукук»-и худ дар бораи Ҷолинус мефармояд:

«Ҳунари тиб ва фалсафа ба пешвоён (райсон) таслим нахоҳанд шуд ва суханони онҳоро бидуни далел намепазиранд. Ба андешаи Розӣ, шогирдон ва донишҷӯён набояд ба райсон ва суханони онҳо таслим шаванд, чуноне ки худи Ҷолинус (Гален) касонеро, ки ақида ва гуфтори худро бе асосу далел ба гардани пайравонашон бор мекунанд, сарзаниш кардааст» [5.- саҳ. 1, 3–4, 55–66, 75.].

Равиши танқидии Розӣ, ки бо танқиди мавзӯъ созгор аст, на танҳо тиб ва фалсафа, балки дину мазҳабҳоро низ фаро мегирад. Дар таърихи афкори фалсафии мардуми эронинасл, вай яке аз барҷастатарин файласуфони танқидгаро маҳсуб мешавад. Ӯ аз файласуфоне буд, ки камтар тақлид мекард ва ба дидгоҳи касе кӯр-кӯрона итоат нанамуда, танҳо назари таҳқиқшударо инъикос мекард.

Муҳаммад Закариёи Розӣ: Озодаандешӣ ва Истиқлоли Филсофӣ

Дар посух ба Абуҳотами Исмоилӣ, ки Розиро барои гӯё "тақлид" ва сар фуровардан ба андешаҳои гузаштагон интиқод карда буд, Розӣ мавқеи қатъии худро баён мекунад. Ӯ дар мавриди эърози "шукук" (шакҳо) ва мухолифат бо пешиниён мӯътақид аст, ки усули ба даст овардани дониши пешрафта маҳз дар баҳсу андешаҳои зиёд ниҳон аст; зеро пасиниён бо такя ба дастовардҳои гузаштагон ва идомаи ҷустуҷӯ, чизҳои наву бештареро меомӯзанд.

Аз ҳамин ҷост, ки бархе аз мутафаккирони баъдӣ ӯро на барои пайравӣ, балки барои «танқид» кардани Арасту накӯҳиш кардаанд. Бо ин ҳол, Қозӣ Саъид ишора мекунад, ки муносибати Розиро нисбат ба фалсафаи пешиниён бояд на танҳо танқид, балки «ислоҳ» номид.

Хусусиятҳои фикрии Розӣ

Аксари муҳаққиқон ба истиқлоли андеша ва усули хоси ӯ таъкид кардаанд. Дар қиёс бо даврони зиндагиаш, ӯро метавон тавонотарин озодандеши ҷаҳони ислом ва ҳатто тамоми таърихи тафаккури инсонӣ донист. Вай ҳамчун як ратсионалисти воқеӣ:

- Ба неруи ақл боварӣ ва эътимоди бепоён дошт;

- Аз ҳар гуна муҳокимаи зиёдаравӣ ва хурофот дур буд;
- Дар баёни андешаҳои илмии худ ҷасорати бемисл дошт [14- саҳ. 23, 268.3].

Розӣ ва Декарт: Пайванди асрҳо

Гузашта аз баёни назариявии «фазилати ақл», Розӣ китоби **«Мизону-л-ақл»** (Тарозуи санҷиши хирад)-ро аз нигоҳи ақли амалӣ нигоштааст. Ҷолиб он аст, ки Рене Декарти фаронсавӣ ҳаштсад сол баъд аз Розӣ ба ҳамин кор даст зада, рисолаи машҳури худ «Усули татбиқи ақл»-ро дар ҳамон мавзӯъ таълиф намуд.

Қиёси мантиқӣ аз дидгоҳи Розӣ

Ҳаким Розӣ се роҳи ворид шудан ба фалсафаро дар китоби “Тибб ур руҳонӣ” зикр мекунад, ки яке аз онҳо дар воқеъ ҳунари мантиқ аст.[6.- саҳ. 165] Аз сӯйи дигар, дар таърихи илм баҳси муфассале перомуни ваҳдати табиб ва файласуф дар як шахсият (ҳаким) вуҷуд дорад. Ин мавқеъгирӣ, қабл аз ҳама, дар рисолаи маъруфи Ҷолинус (Гален) бо номи «Фи анна-т-табиба-л-фозила яҷибу ан якуна файласуфан» («Дар бораи он ки табиби фозил бояд файласуф бошад») инъикос ёфтааст. Муаллиф дар ин асар таъкид мекунад, ки табибон ҳатман бояд аз илми «мантиқ» бархурдор бошанд.

Ҳатто табибони донишманд ҳангоми таълифи китобҳои тиббӣ, пеш аз оғози мавзуи асосӣ, дар муқаддимаи асар нахуст ба баҳсҳои фалсафӣ мепардозанд ва сипас масоили кимиёвиро бо диди мантиқӣ баён мекунанд. Зеро тиб ҳамчун «илм» бар пояи қонунҳои мантиқӣ бино шудааст. Чуноне ки ба қавли Муҳаммад Закариёи Розӣ: «Касе, ки ба умури табиӣ, улуми фалсафӣ ва қонунҳои мантиқӣ иноят наварзад, ба дониши ӯ ва бахусус ба маҳорати фаннии тиббии вай бояд шак кард»[2.-саҳ. 18–19.]

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» аш таъкид месозад, ки "табиб то мантиқро нашиносад, ҳакими нафс (табиби комил) нагардад. Чунки агар мантиқро надонад, ҷинсу навъро нашиносад ва миёни фаслу хоса ва араз фарқ карда натавонад. Дар натиҷа, иллатро (дардро) дуруст ташхис дода наметавонад ва аз уҳдаи табобати бемор намебарояд.[10- саҳ. 10, 17.]

Барои Ҳаким Розӣ донистани мантиқ, пеш аз ҳама, ба хотири маҳорати табобатӣ ва шинохти "мадхал"-и (муқаддимаи) фалсафа зарур буд, зеро ӯ ба ҳардуи инҳо ишора кардааст. Мурод аз "мантиқ" дар ин ҷо бештар усулҳои қиёсӣ аст. Ин равиш барои фалсафа ва тафаккури фалсафӣ, ки Розӣ аз онҳо истифода бурдаву ёд кардааст, ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Аммо бояд дид, ки қиёси мантиқӣ барои табиб то чӣ андоза ва чӣ гуна воҷиб аст.

Умуман, аз замони Ҷолинус (Гален) се мактаби муҳими тиббӣ вуҷуд дошт:

1. Догматизм (Dogmatism), ки зери таъсири андешаҳои Арасту қарор дошт;

2. Эмпиризм (Empiricism) – мактаби Искандария, ки бо ақидаҳои Буқрот (Гиппократ) ва дигарон шадидан мухолифат мекард;

3. Методизм (Methodism), ки пайравони Асклепиад Вифинӣ дар Рум ба он тааллуқ доштанд»

Абурайҳони Берунӣ дар "Феҳристи китобҳои Розӣ" бо такя ба суханони Яҳёи Наҳвӣ (Иоанн Филопонус) қайд мекунад, ки пояи илми тиб аслан бар «таҷриба» (эмпиризм) бино ёфтааст. Аммо бино ба гуфтаи Исҳоқ ибни Ҳунайн, пайравони мактаби Асклепиади Вифинӣ бар ин бовар буданд, ки такя ба "таҷриба" ба танҳоӣ хатарнок ва истифодаи "қиёс" (логикаи дедуктиви) ба танҳоӣ нокифоя ва нодуруст аст. Ӯ (Исҳоқ ибни Ҳунайн) синтез ё омезиши таҷриба ва қиёсро ягона равиши дурусти илмӣ меҳисобид. Буқроти ҳаким низ ин ҳамбастагии "саноати қиёс" ва "таҷриба"-ро тасдиқ намуда, онро асоси пешрафти илми тиб донистааст»[16.- саҳ. 162–169.].

Масъуди Бағдодӣ дар тавсифи мулоқоти донишмандон ва табибон дар замони халифа Ал-Восиқ (солҳои 227–232 ҳ.) дар бораи усулҳои илми тиб ёдовар шудааст. Дар ин нишаст бузургоне чун Ибни Масавайҳ ва Ҳунайн ибни Исҳоқ ҳузур доштанд ва баҳс дар атрофи равишшиносии (методологияи) тиб ва бартарии "таҷриба" ё "қиёс" сурат гирифт. Дар фарҷом, онҳо мактабҳои тиббиро ба се гурӯҳ тақсим карданд:

1.Таҷрибагароён (Эмпирикҳо): Ин гурӯҳ методологияи тиббиро танҳо бар пояи «таҷриба» медонанд. Ба эътиқоди онҳо, маърифати тиббӣ аз такрори эҳсоси ҳиссӣ нисбат ба ашёи ҳисшаванда ҳосил мешавад. Инчунин, таҷрибаро бозгашт ба шинохти табиатҳои чаҳоргона (мизоҷҳо) меҳисобанд.

2. Методистҳо (Асҳоби ҳиял): Гурӯҳе, ки осонсозии кори тиббиро дар «ҳила» (метавон онро "чораҷӯии техникӣ" номид) ва баргардонидани бемориҳо ба асли онҳо мебинанд. Ин табибони юнонӣ бо номи «ҳилагарон» (Methodists) маъруф буданд.

3. Қиёсгароён (Догматистҳо): Методологияи ин гурӯҳ бар муқаддимоти аввалия, яъне шинохти табиати андомҳо (узвҳо) ва вазифаҳои онҳо (физиология) асос ёфтааст. Онҳо шароити обу ҳаво, тарзи зиндагӣ, кор, ғизо ва нӯшокиҳоро дақиқ омӯхта, сипас бар асоси қиёси мантиқӣ ба табобат мепардозанд»[9. саҳ. 377–379.]

Ҷолинус (Гален) ба ғайр аз китоби «Ат-таҷриба ат-тиббия» (Таҷрибаҳои тиббӣ), ки дар он дидгоҳҳои ҷонибдорони «таҷриба» ва «қиёс»-ро дар муқобили ҳам баён кардааст, асари мустақили дигаре бо номи «Бурҳон» (дар 15 мақола) дорад. Ӯ дар ин китоб дар бораи усулҳои мантиқӣ ва зарурати онҳо баҳс намуда, мӯътақид аст, ки ҳадафи асосии Арасту дар китоби чаҳоруми мантиқиаш («Аналитикаи дувум») маҳз ҳамин равиш будааст. Ҷолинус дар ин асар танҳо бо он қиёсҳое иктифо кардааст, ки барои исботи бурҳонӣ заруранд ва онҳоро дар тиб ва дигар илмҳо муфид дониста, аз ин навъи қиёсҳо ҳимоят кардааст.

Аммо Ибни Маймун (дар рисолаи «Радди Ҷолинус») бар ин назар аст, ки қиёсҳои Ҷолинус бедалеланд ва дар соҳаи тиб нафъе надоранд. Ба ақидаи ӯ, Арасту ва дигарон низ дар ин ҷода умри худро беҳуда сарф кардаанд. Абунасри Форобӣ низ дар «Китоб-ул-қиёс» қайд мекунад, ки Ҷолинус қиёсҳои эҳтимолӣ (имконӣ) ва омехтаро канор гузошта, худро танҳо бо «қиёси мутлақ» маҳдуд кардааст. Дар ҳоле ки барои илми тиб ва аксари илмҳои дигар, қиёсҳои эҳтимолӣ ва мураккаб бештар муфиданд, на танҳо қиёси мавҷудӣ (вуҷудӣ)".

Абубакри Розӣ низ дар рисолаи «Шукук ало Ҷолинус» («Шакҳо бар Ҷолинус»), китоби «Ал-Бурҳон»-и ӯро мавриди баррасӣ ва интиқод қарор дода, чунин иброз медорад: «Ин китоб («Ал-Бурҳон») дар назди ман пас аз китобҳои осмонӣ гиромитарин ва судмандтарин асар аст. Аммо аз рӯи ҳақиқат бояд гуфт, ки назари Ҷолинус дар бораи ҳудус (пайдоиш) ва қадимияти олам дар мақолаи чаҳоруми ин китоб бо он чӣ ӯ қаблан (дар «Ат-таҷриба ат-тиббия») баён дошта буд, муғоират дорад ва танақуз-омез аст». Розӣ мӯътақид аст, ки Ҷолинус дар масъалаҳои метафизикӣ (мобаъдуттабиат) нативонистааст мисли масъалаҳои тиббӣ собитқадам ва бурҳонӣ бошад[5.- саҳ. 1, 3–4, 55–66, 75.].

Эътирози Розӣ – чунон ки маълум аст – на ба худи равиши қиёсҳои мантиқӣ дар китоби «Ал-Бурҳон»-и Ҷолинус, балки ба натиҷагириҳои мутаноқизи ӯ буд. Худи Розӣ низ асаре бо номи «Китоб-ул-Бурҳон» таълиф намудааст, ки аз ду мақола иборат буд: мақолаи аввал ҳафт фасл ва мақолаи дувум дувоздаҳ фаслро дар бар мегирифт. Эҳтимол меравад, ки ин асар дар бораи қиёсҳои бурҳонии зарурӣ баҳс мекард, вале мутаассифона, то замони мо нарасидааст ва танҳо номи он дар феҳристи осори Розӣ (масалан, дар феҳристи Ибни Надим ва Берунӣ) зикр шудааст[17.- саҳ 92 ва 137]

Абурайҳони Берунӣ дар бахше аз «мантиқ»-и Розӣ ҳафт асари дигарро зикр кардааст: «Ал-мадхал -ул-мантиқ» (= муқаддима ба дониши мантиқ), ки Ҷолинус низ китобе

бо ҳамин унвон бо забонҳои сурёнӣ ва арабӣ вуҷуд дошт ва он тарҷумаҳо дар замони Розӣ дастрас буданд; Аммо номи асари ӯ ҳамано ба номи асари «Абсағоҷӣ»-и Арасту аст, мегӯянд, ки Розӣ дар китоби худ аз тавсифи Порфирӣ Суриёниiро истифода кардааст[29.- р. 36.].

1. Мақулоти Арасту (Категорияҳо) тибқи шинохти Розӣ

Розӣ дар пайравӣ аз Арасту, даҳ мақула (Categories) (ҷавҳар ва нуҳ араз)ро ҳамчун пояи шинохти ашё эътироф мекард.

2. Ибораи "Бориарминос" (De Interpretatione)

"Бориарминос" (Peri Hermeneias) ё "Дар бораи тафсир" аст. Ин бахши мантиқи Арасту ба баҳси қазияҳо (ҷумлаҳои хабарӣ), мавзӯъ ва маҳмул мебахшад. Розӣ ин асарро ҳамчун дастуре барои сохтани ҷумлаҳои маъноӣ ва мантиқӣ шарҳ додааст.

3. Аналитикаи аввал ва дувум (Таҳлил)

Дар ин бахш ислоҳоти зерин заруранд:

.Аналитикаи аввал (Таҳлили аввал): Ин рисола дар бораи "Қиёс" (Syllogism) аст. Он қоидаҳои сурати истидлолро меомӯзонад.

1. Аналитикаи дувум (Таҳлили сони): Ин ҳамон рисолаи "Бурҳон" (Demonstration) мебошад.

2. Кайфияти истидлол (Method of Reasoning)

Ин ба "Усули баҳс ва истидлол" ишора мекунад. Розӣ дар осори худ, бахусус дар муносибат ба мантиқи Арасту, бештар ба таҷриба ва мушоҳида такя мекард. Ӯ кӯшиш мекард, ки мантиқро аз доираи назарияи хушк бароварда, ба абзори амалӣ барои илмҳои табиӣ табдил диҳад.

Рисолаи "Фи мантиқ би-алфози мутакаллимин-ал-ислом" Розӣ дар ин рисола кӯшиш кардааст, ки истилоҳоти мураккаби мантиқи юнониро ба забони фаҳмои мутакаллимони мусулмон (илоҳиётшиносон) шарҳ диҳад. Ин нишон медиҳад, ки ӯ мехост мантиқро дар ҷомеаи илмии замони худ "бумисозӣ" (адаптатсия) кунад

Аз ин бармеояд, ки мутакаллимон истилоҳоти хоссро дар мантиқ ба кор мебурданд, то бо истифода аз калимаҳои юнонӣ аз иттиҳом ба илҳод ва такфир дар амон бимонанд. Илова бар ин, китоби мазкур аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ ва ниёзманди тафсир аст.

Хулоса, яке аз сабабҳои таҳаммули мутакаллимони исломӣ (суннӣ ва шиа) нисбат ба фалсафаи ба истилоҳ «илҳодӣ»-и Розӣ, маҳз ҳамин рӯйкард будааст. Чунончи, китоби дигари ӯ бо номи «Ишфоқ» (ҳамдардӣ ва дилсӯзӣ) далели равшане бар ин гуфтаҳост. Инчунин, мавқеи мустақил ва ғайриюнонии Розӣ бо дидгоҳҳои мутакаллимони исломӣ (аз ҷумла, баъдан бо Имом Ғазолӣ) муштаракоти зиёде дорад.

Абурайҳони Берунӣ пас аз баёни зарурати абзори санҷиши сухан, ки онро «мантиқ» меноманд, ба баррасии муносибати аҳли замон ба ин илм мепардозад. Азбаски мантиқро ба Арасту нисбат медиҳанд, дар андеша ва эътиқоди ӯ масоилеро дидаанд, ки гӯё бо ислом созгор нестанд. Дар замони Арасту юнониён ва румиён ситораҳо ва бутҳоро мепарастиданд; бинобар ин, ӯ ҳар чӣ мегуфт, аз рӯи андеша ва истидлоли худ мегуфт, на аз рӯи дин.

Воқеият ин аст, ки мантиқ бо вожаҳое нигошта шудааст, ки ба калимаҳои юнонӣ шабоҳат доранд. Ин иборотест, ки дар байни соҳибони он забон маъмул буд, вале азбаски мавзӯи он борику латиф аст, мардум дар фаҳми он душворӣ мекашанд ва аз он рӯй мегардонанд. Ҳол он ки равиш ва усули баҳс дар илми калом ва фиқҳ маҳз ҳамон мантиқро ба кор мебарад ва ҳеҷ гоҳ аз он даст намекашад.

Аммо вақте дар баробари онҳо вожаҳое чун «Исагоҷӣ» (Мадхал), «Катигориас» (Мақулот), «Бори Арминиас» (Иборот) ва «Аналитика» (Қиёс) зикр мешаванд, чеҳра дарҳам мекашанд, гӯё ки ҷон аз баданашон берун мешавад. Агар тарҷумонҳо ин номҳоро ба арабӣ бармегардониданд ва ба ҷои онҳо вожаҳои мадхал, мақулот, иборот ва қиёс-ро истифода мебурданд, ҳама онро бо ҷону дил мепазируфтанд ва ҳаргиз аз он рӯй наметофтанд [3.-сах.7-82]

Аҳамияти кори Ҳаким Розӣ дар ин замина бисёр боло ва ҳатто тааҷҷубовар маҳсуб мешавад, вале ҷолиб он аст, ки ибтикори ин амр бештар ба Имом Муҳаммад Ғазолӣ нисбат дода мешавад. Ғазолӣ дар китобҳои худ, аз ҷумла «Маҳакку-н-назар», «Миъёру-л-илм», «Ал-қистосу-л-мустақим» ва муқаддимаи «Ал-мустасфо», мантиқро бо тағйир додани вожаҳо ва истилоҳоти юнонӣ ба истилоҳоте, ки барои уламо ва фақеҳони исломӣ ошно буданд, вориди илми фиқҳ ва калом намуд.

Бидуни шак, бархурди мустақил ва баъзе дидгоҳҳои фалсафии «файласуфи Рай» (Закариёи Розӣ) дар шаклгирии ин раванд ва таъсиргузорӣ бар андешаҳои баъдӣ нақши муҳим доштааст [17.- саҳ 92 ва 137].

Индуксияи (induction) таҷрибавӣ

«Истиқро» (индуксия) яке аз се навъи асосии истидлол ва тафаккур (дар канори қиёс ва тамсил) маҳсуб мешавад. Бар хилофи қиёс (гузар аз кулл ба ҷузъ), истиқро омӯзиши ҷузъиёт барои расидан ба натиҷаи куллӣ мебошад. Ҳарчанд гуфтаанд, ки ин навъи тафаккур аз лиҳози мантиқии сирф натиҷаи қатъӣ намедиҳад, аммо ҳар қадар ҷузъиёти мавриди омӯзиш бештар бошад, ҳукми куллӣ ба яқин наздиктар мешавад.

Таҷриба (Experience), ки пешиниён дар таърифи он гуфтаанд: «Мушоҳидаи ҷузъиёти ашё ва ҳукм бар куллиёти онҳо дар масъалае, ки дар он ҷузъиёт содиқ аст» (Форобӣ), бар хилофи истиқрои ноқис, натиҷаро яқинӣ мегардонад. Тасдиқе, ки аз таҷриба ҳосил мешавад, гӯё омехтае аз қиёс ва истиқро буда, аз ин рӯ ҳукми он дуруст ва қобили эътимод аст.

Чунин истиқрои озмоишӣ, ки «Эксперимент» (Experimentum) низ номида мешавад, ҳамчун усули нави пажӯҳишҳои илмӣ ва омили таҳаввули тафаккури инсонӣ, бештар пас аз давраи Эҳё (Ренессанс) дар Аврупо ривоҷ ёфт. Саҳми пажӯҳишгари англис Фрэнсис Бэкон (1561–1626 м.) дар ин замина бузург аст; ӯ осори зиёде таълиф намуд, то муҳаққиқон дар раванди пажӯҳиши илмӣ ба ҳақиқати воқеӣ даст ёбанд. Бэкон, ки ҳамчун «устоди истиқро» шинохта мешавад, ҳарчанд дар ситоиши шеваи худ суханро ба дарозо кашидааст, вале мунаққидон бар ин бовараанд, ки худи ӯ на ҳамеша ин қоидаҳоро дар амал татбиқ мекард

Он таҳаввулоте, ки аврупоиён дар асри XVI бо бунёди улуму маорифи навин ва Инқилоби илмӣ ба вуҷуд оварданд, Ҳаким Розӣ дар асри IX ва Берунӣ дар асри X аллакай заминагузорӣ карда буданд. Ба ин маънӣ, ки онҳо нахуст ба мероси гузашта – хоҳ илмҳои ақлӣ бошад ва хоҳ нақлӣ – бо дидгоҳи шак ва инкор менигаристанд. Онҳо матолиби пешинро дар радифи «ғайриқобили қабул» қарор медоданд, то он даме ки хилофи он бо далели қотеъ исбот шавад. Ин мутафаккирон то вақте ки худ шахсан пажӯҳиши жарф анҷом намедоданд, ҳеҷ матлаберо кӯркурсона намепазируфтанд.»[13-.саҳ. 38–39, 50.].

Пояи индуксияи (истиқрои) илмӣ ва таҷрибавӣ "мушоҳида" (Observation) аст. Абурайҳони Берунӣ мушоҳидаро ҳамчун рукни асосии равиши индуксия дар таҳқиқоти табиӣ ва иҷтимоӣ таъриф карда, онро воситаи асосии ба даст овардани дониши воқеӣ (айнӣ) донистааст. Мақоли "шунидан кай бувад монанди дидан" ифодагари бартарии таҷрибаи бевосита бар нақлу ривоят аст. Зеро мушоҳида – ин дарки айнии падидаҳо дар замон ва макони воқеии мавҷудияти онҳо буда, аз фарзияҳои беасос ва тахминҳои маҳз фарқ мекунад.[4.-, саҳ. 1.]

Берунӣ дар таърифи худ ҳар ду ҷанбаи мушоҳида – "ғайрифаъол" (passive – мушоҳидаи падида дар ҳолати табиӣ) ва "фаъол"-ро (active – таҷрибаи мақсаднок) фаро гирифтааст. Ин дидгоҳи ӯ нисбат ба равишшиносони позитивисти (исботгарои) аврупоӣ хеле фарогиртар ва каммаҳдудияттар мебошад. Дар ҳоле ки олимони аврупоӣ вобаста ба соҳаҳои мухталифи илм аз индуксия, мушоҳида ё таҷриба ва қиёс ба таври ҷудогона истифода мекарданд, дар сохтори методологии Берунӣ қиёси мантиқӣ, таҷриба ва мушоҳида ҳамчун сарчашмаҳои пайдарпай, мутафовит ва мукаммалкунандаи андешаи илмӣ эътироф шудаанд.[2.-саҳ. 50.]

Методологияи илмии Ҳаким Розӣ бар омезиши таҷриба (Experiment) ва қиёси мантиқӣ (Reasoning) асос ёфтааст. Ин дидгоҳ дар яке аз андешаҳои калидии ӯ ба таври фишурда чунин баён шудааст: "Агар табиб танҳо ба таҷриба иктифо карда, аз қиёс ва мутолиаи осори илмӣ даст кашад, ин нишонаи заъф ва фурӯпоягии дониши ӯст". Ба ибораи дигар, Розӣ муътақид буд, ки таҷрибаи амалӣ бояд ҳатман бо заминаи назариявӣ ва таҳлили ақлӣ тақвият дода шавад. [2.-саҳ. 50.]" Чуноне ки дар бахши марбут ба қиёси мантиқӣ иброз гардид, гурӯҳе аз табибону донишмандон танҳо ба ҳаққонияти "таҷриба" бовар дошта, мухолифи қиёс буданд. Ҷолинус дар китоби "Таҷрибаи тиббӣ" ҳангоми дифоъ аз "асҳоби қиёс", дидгоҳҳои "асҳоби таҷриба"-ро мавриди нақд қарор додааст. Ӯ таъкид мекунад, ки ин гурӯҳ танҳо мушоҳидаи такрориро "таҷриба" меноманд, дар ҳоле ки худашон эътироф доранд, ки як бор дидани падида "саноат" (ҳунар ё илми муназзам) маҳсуб намешавад. Аз ин рӯ, Ҷолинус натиҷа мегирад: он чӣ аз унсурҳои ғайрисаноатӣ (ғайриилмӣ) таркиб ёфтааст, худ низ ғайрисаноатӣ аст. Ин далели асҳоби таҷриба аз назари Ҷолинус қобили қабул нест, зеро онҳо аз назария ва илми мантиқ, ки пояи асосии сохтори илмӣ мебошад, парҳез мекунанд.

Баҳси миёни "асҳоби қиёс" (Rationalists) ва "асҳоби таҷриба" (Empiricists) дар таърихи илм собиқаи тӯлонӣ дорад. Ҷолинус дар асари худ «Ал-таҷриба ал-тиббия» (On Medical Experience) дар фасли алоҳида бо овардани ҳуҷҷату далелҳои қотеъ мунозираи ин ду мактабро ба риштаи таҳрир кашидааст. Ин китобро дар ибтидо Ҳанин ибни Исҳоқ аз рӯи нусхаи ҳаким Бухтишуи Аҳвозӣ ба забони суриёӣ тарҷума намуда, сипас ҷияни ӯ – Ҳабайш ибни Аъсам онро ба арабӣ баргардонидааст. Дар асри муосир бошад, шарқшиноси маъруф Ричард Валзер (Richard Walzer) матни арабии ин асарро ҳамроҳ бо тарҷумаи англисиаш ба чоп расонид[27.] Ҷолинус дар ин асар бо такя ба дидгоҳҳои табибон ва файласуфони пешин таъкид мекунад, ки "илми тиб дар ибтидо аз пайванди қиёс (назария) ва таҷриба (амалия) падид омадааст". Ба андешаи ӯ, танҳо касе метавонад усулҳои дармонро ба таври муассир ба кор барад, ки аз ҳар ду равиш ҳамзамон баҳра гирад. Муаллиф дар китоби худ навъе "муҳокимаи рамзӣ" (allegorical trial)-ро миёни "асҳоби қиёс" ва "асҳоби таҷриба" тарҳрезӣ намудааст. Дар ин маҳкамаи илмӣ, ҳар як аз тарафҳо дар ҳузури "қозӣ" (ақли салим) бо ироаи далелҳои қотеъ аз мавқеи худ дифоъ мекунанд, то ҳақиқати методологӣ ошкор шавад.»[17.- саҳ 320 то 335] Яке аз эътирозҳои (шукуки) маъруфи Розӣ бар Ҷолинус ба мавқеи "таваққуф"-и (agnosticism/indecision) ӯ дар масъалаи "ҳудуси олам" (оё олам офарида шудааст ё азалӣ аст) иртибот дорад. Розӣ ин дудилагии Ҷолинусро, ки дар мақолаи чаҳоруми китоби "Ал-буҳрон" (Кризис) зикр шудааст, ҳамчун як хатои методологӣ мавриди интиқоди шадид қарор медиҳад. Баъдан, мутафаккирони исломӣ, аз ҷумла Имом Муҳаммади Ғазолӣ, дар барҳӯрд бо ҷаҳонбинии Ҷолинус, таҳти таъсири интиқодҳои Розӣ қарор гирифтанд ва дар ҷамъбасти афкори худ ба хулосаҳои ӯ такя намуданд.»[5.- саҳ. 1, 3–4, 55–66, 75]

Ҳадафи асосии Ҷолинус аз тарҳрезии мунозира миёни "асҳоби қиёс" ва "асҳоби таҷриба", омода кардани зеҳни хонанда барои шинохти "фирқаи фозила" (мактаби бартар), ки синтези ин ду равиш аст, мебошад. Ҳаким Розӣ низ дар пайравӣ аз ин суннат, барои донишҷӯёни тиб асарҳои муҳимме таълиф намудааст. Яке аз ин осори калидӣ китоби «Фи фирақ ал-тиб» (Дар бораи мактабҳои тиббӣ) мебошад. Бояд зикр кард, ки ин асар дар асли худ аз таълифоти Ҷолинус буда, Ҳанин ибни Исҳоқ онро ба арабӣ тарҷума кардааст ва Розӣ дар осори худ ба он такя намуда, шарҳ додааст. Дар ин китоб афкори се мактаби асосии тиб – "Асҳоби таҷриба" (Empiricists), "Асҳоби қиёс" (Dogmatists) ва "Асҳоби ҳиял" (Methodists) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин асар бо тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳаммад Салим Салим дар соли 1978 дар Қоҳира ба чоп расидааст..[17.,5- саҳ 336 / саҳ. 76.] Бино ба андешаи Шломо Пинес (Shlomo Pines), файласуфоне, ки бар усули таҷрибавӣ такя мекарданд, бештар ба тавзеҳоти

механикии падидаҳои табиат тамоюл доштанд. Ин амр гувоҳи он аст, ки онҳо "сабабҳои ниҳоӣ"-и (Final Causes) Арастуро танҳо дар мавридҳои истисноӣ – ба монанди баҳси "укули муҷаррад" (Ақлҳои ҷудогона) ва "Муҳаррики аввал" (God/First Mover) – муҳим мешумориданд. Бо ин роҳ, онҳо тафсири табиатро аз чаҳорчӯбаи сохтори "ҳадафманди" Арасту хориҷ карда, ба дидгоҳи сабабияти механикӣ наздик мешуданд. Пинес муътақид аст, ки ин гурӯҳи мутафаккирон маҳз дар ҳамин нуқта бо ҳам ҳамақидаанд.»[24.- саҳ. 25, 29, 33–34.] Роҷер Бэкон (1220–1292), яке аз пешгомони таҷрибагароии асримиёнагӣ дар Аврупо, дар осори худ дидгоҳи ҷолиберо дар бораи сабабҳои иқтидору шукуфоии хилофати Аббосиён, хонадони Бармакиён ва давлати Фотимиёни Миср баён доштааст. Ӯ омили асосии пешрафт ва сарвати афсонавии ин сулолаҳоро дар истифодаи амалӣ аз "санъати алкимиёӣ"-и Ҷобир ибни Ҳайёни Суфӣ (Geber) медонист. Бэкон муътақид буд, ки донишҳои кимиёвии Ҷобир на танҳо заминаи илмӣ, балки тавоноии иқтисодии ин давлатҳоро низ таъмин кардаанд.»[28.-]

Дар мавриди Френсис Бэкон, ки дар таърихи илми Аврупо ҳамчун "падари эмпиризм" (таҷрибагароӣ) шинохта мешавад, муаррихон ва файласуфон бештар ба носозгории бунёдии илми Арастуӣ бо илми муосир таъкид мекунанд. Асосгузорони равиши нави илмӣ рӯ овардан ба мафҳумҳои "ғайриарастуӣ"-ро на як тасодуфи таърихӣ, балки зарурати калидии пайдоиши илми нав медонистанд. Бэкон дар асари худ "Арғануни нав" (Novum Organum) исбот кард, ки барои кашфи ҳақиқатҳои табиат на мантиқи қиёсии Арасту (Syllogism), балки методи индуксияи (истиқрои) таҷрибавӣ зарур аст.»[15.- саҳ. 209.]

Френсис Бэкон муътақид буд, ки "таърихи индуктивӣ ва амалӣ бояд ҷойгузини таърихи нақлӣ гардад". Ӯ дар таърифи методологии худ, ки аз суннатҳои академии замонаш тафовут дошт, илмро ба як аҳром (пирамида) ташбеҳ додааст: "Илм мисли аҳромест, ки пояи васеи онро Таърихи табиӣ ва Таҷриба (Natural History and Experience) ташкил медиҳад; табақаи миёнии он, ки бар ин поя устувор аст, Физика буда, табақаи наздик ба қуллаи аҳром Метафизика мебошад". Ба андешаи Бэкон, “бидуни пояи мустаҳками таҷрибавӣ, ҳеҷ гуна дониши назариявии болоӣ наметавонад ҳақиқӣ ва судманд бошад.[25.- p. 362.]

Чуноне ки Карл Маркс дар бораи Бэкон – муаллифи методи "индуксия" – менигорад: "Агар Колумб қитъаи Амрикоро кашф карда бошад, Бэкон методи маърифати эмпирикиро (таҷрибавиро) барои илм кашф намуд". Маҳз аз ҳамин рӯ, ӯро асосгузори ҳақиқии мактаби материализми англис ва поягузори илми таҷрибавии муосир меҳисобанд. Ба пиндори Бэкон, “табиатшиносӣ ягона дониши воқеӣ буда, физика, ки бар таҷрибаҳои эҳсосӣ (sensory experience) асос ёфтааст, муҳимтарин бахши он маҳсуб мешавад.»[26.- p. 72.]

Дар миёни мутафаккирони гузашта, Бэкон бештар ба Демокрит таваҷҷуҳ дошт, зеро назарияи атомистии ӯ бо ҷаҳонбинии эмпирикии Бэкон мувофиқат мекард. Тибқи таълимоти Бэкон, ақл бояд аз "бутҳо" (Idols) ё хатоҳои зеҳнӣ пок гардад, то ба сарчашмаи ҳақиқии дониш табдил ёбад. Методологияи таҷрибавӣ, ки аз усулҳои таҳқиқ, индуксия (истиқро), таҳлил, муқоиса ва мушоҳида иборат аст, рукнҳои асосии равиши рационалии (ақлонии) ӯро ташкил медиҳанд.»[30]

Пенс аз ҷумали онҳоест, ки адешаҳои Розиро мувофиқ ҳасбу ҳолатҳо бо Франсис Бэкон санҷида ба хуслосае омадааст, ки ҳар ду нисбат ба воқеъият дарки яксон доранд, ва ҷой дигар табииёти Закриёи Розиро ба низмои Нютонӣ монанд ва барорар баррасӣ намуда, миёни маърифат шинохти Декарт ва Кантро дар тақобил бо дидгоҳи Арасту , каму беш монанд ба осори Розӣ донистааст. Сипас, зимни баёни ин нуқта, ки таълимоти илмию фалсафии Розӣ мантиқи ботинӣ дорад, дар асарҳо ва пажуҳишҳои илмии ӯ руҳияи таҷрибагарой ҳукмфармост; Чунончӣ, дар илми кимиё, ки огаҳии бештаре дар даст аст вай ҳамаи масъалаҳои аҷибу ғароиби «илмҳои хуфия» ва ифодакунии рамзиро аз падидаҳои табии рад карда ва худро сирфан масраф ва таснифи илми шимё намуда, ба таснифоти моддахо ва

протсессхо, химиявӣ машғул шуда будаст. Ба василаи тавсифоти дақиқ аз таҷоруб ва аз озмоишҳои хеш ӯ маълумотҳои дақиқ ба даст овардааст.

Паул Краус (Paul Kraus) мисли ҳамкасби худ Шломо Пинес (Shlomo Pines), усули нави табиатшиносии даврони муосирро (асрҳои XVI–XVII), ки бар принсипҳои Нютонӣ ва пояҳои мушоҳидавию таҷрибавӣ устувор аст, ба равиши илмии Розӣ шабеҳ донистааст. Краус то ба он ҷо пеш меравад, ки ҳатто андешаҳои Иммануил Кант дар бораи табиат ва мафҳумҳои "фазо ва замони мутлақ"-ро бо принсипҳои физикии пешниҳодкардаи Розӣ муқоисашаванда медонад. Ба ақидаи ӯ, ҷаҳонбинии илмии Розӣ дар асрҳои миёна заминаҳои фикриеро ба вуҷуд оварда буд, ки баъдан дар физикаи классикӣ ва фалсафаи трансенденталии Кант зуҳур ёфтанд.»[31].

Хулоса, илми исботии (позитивии) Розӣ дар кашфи воқеиятҳои моддии табиат комилан бар усулҳои таҷрибавӣ (Experimental) ва истиқрои (Inductive) воқеъбинона асос ёфтааст. Вай санҷиши таҷрибавиро нисбат ба мулоҳизаҳои мантиқии маҳз дар авлавият гузошта, илми кимиёро муодили шинохти "моддаи аввалия" (Prime Matter) медонад. Ба андешаи ӯ, дастёбӣ ба ҳақиқатҳои фалсафӣ бидуни дониши кимиё ва таҷрибаи амалӣ барои ҳеҷ файласуфе имконпазир нест.»[20.- саҳ. 22, 24, 47.]

Аксари уламо бадон бовaранд, ки кимиёи Розӣ решаи муғонӣ, яъне Демокритӣ дорад. Демокрит худ яке шогирди мактаби ҳакими эронии «Останес» буд. Ба ҳар ҳол Розӣ бо равиши таҷрибаи пурраи объективӣ, тавонист ҳамчун яке аз пешоҳангон равандҳои кимёвиро табиатан шарҳ диҳаду онро имрӯз «илми химия» номанд.

Усули омӯзиш ва коркарди маводи кимиёвиро Розӣ "тадобир" (Тартиби амалиёт) меномид ва маводи кимиёвиро бо истилоҳи "ақоқир" (маводҳои доруворӣ) ёд мекард.”[7.- саҳ. 22, 24, 47.] Таҷрибаҳои кимиёвии ӯ бо назарияҳои табиӣ ва ҷаҳонбинии фалсафиаш робитаи мустақим доранд. Равиши "тадобир"-и ӯ дар мавриди ақоқир бо методҳои мактаби "ҳирмисӣ" (Hermetic) ва рамзгароёни ин соҳа комилан дар танақуз аст. Розӣ бархӯрди асроромези алкимиёро бо равиши возеҳи таҷрибавӣ ва таснифбандии илмӣ ҷойгузин намудааст.

Ҳарчанд Ҷобир ибни Ҳайёни Суфӣ дар осори худ бештар ба ҷанбаҳои тамсилӣ ва сайру сулуки ботинӣ такя мекард, Закариёи Розӣ роҳи дигареро пеш гирифт. Розӣ, бо вуҷуди истифода аз баъзе истилоҳоти мактаби Ҷобирӣ, тафсири ботинии табиат ва забони рамзиро рад намуда, ба усули комилан объективӣ ва таҷрибавӣ рӯ овард. Маҳз ҳамин рӯйкард ӯро бунёдгузори кимиёи навин гардонид. Доктор Сайид Ҳусейн Наср дар ин бора мегӯяд: "Аз як сӯ, Розӣ ба илмҳое, ки танҳо ҷанбаи моддии ашёро баррасӣ мекунанд, хидмати бузург кард. Аммо аз ҷониби дигар, ӯ боиси заиф шудани улуми ботиние гардид, ки ҳадафашон дарки моҳияти маънавии ашё буд. Илова бар ин, инкори зарурати нубувват аз тарафи Розӣ бо тағйироти бунёдие, ки ӯ дар соҳаи кимиё ва физика ворид карда буд, пайванди ногусастанӣ дорад"[18.- саҳ. 291–293.].

Закариёи Розӣ дар бораи санҷиши дониши табибон асари мукаммале бо номи "Фи маҳната-л-табиб ва кайфа ямбағӣ ан якун" (Дар бораи имтиҳони табиб ва сифатҳои лозимаи ӯ) таълиф намудааст. Ин мавзуъ аз аҳди бостон аҳамияти хос дошт; чуноне ки Ҷолинус китоби "Маҳната-л-табиб" ва Ҳанин ибни Исҳоқ рисолаи "Фи имтиҳон-ул-атиббо"-ро дар ин замина нигоштаанд. Дар робита ба методологияи ташхис, Розӣ дар рисолаи "Фи-л-иллат ал-мустақалла" (Дар бораи бемориҳои мураккаб) таъкид мекунад, ки табиб бояд муддате бо бемор бимонад, то тавассути мушоҳидаи пайваста ва санҷишҳои клиникӣ сабаби аслии дардро муайян кунад.

Дар китоби "Тақосим-ул-илал" (ки бо номи "Тақсим ва ташҷир" низ маъруф аст), ӯ усули таснифбандии "шаҷаравӣ"-ро барои нишон додани робитаи сабабу натиҷа дар аломатҳои беморӣ ба кор бурдааст. Розӣ воқеъбинона эътироф мекунад, ки "табиби моҳир наметавонад

ҳамаи бемориҳоро дармон кунад, зеро тавоноии башар маҳдуд аст". Ӯ инчунин дар осори худ, аз ҷумла рисолаҳои марбут ба "тақсимоти иҷтимоии меҳнат", шояд таҳти таъсири андешаҳои Афлотун, ба тахассусмандии соҳаҳои тиб ишора кардааст.

Яке аз асарҳои кампажӯҳиши ӯ "Шурут-ул-назар" (Шартҳои назар) мебошад, ки ҷанбаҳои маърифатшиносии илмро фаро мегирад. Ҳамчунин дар китоби "Хавосу-л-ашё" (Хосиятҳои ашё) ӯ падидаҳоеро баррасӣ кардааст, ки сабабҳои табииашон ҳанӯз аз назари илмӣ ва ақлӣ пурра шарҳ наёфтаанд. Дар чунин мавридҳо, Розӣ усули "таваққуф"-ро пеш мегирад. Ин "таваққуф" на ба маънои содаи сукут, балки ба маънои методологии "шукук" (Skepticism) аст; яъне то замоне ки "фарзия" ба марҳалаи исботи таҷрибавӣ нарасида ва ба "назария" табдил наёфтааст, изҳори қатъият дар бораи он ҷоиз нест

Хонандаи муосир ҳангоми мутолиаи мушоҳидаҳои ҷиддӣ ва таҳлилҳои дақиқи тиббии Закариёи Розӣ беихтиёр ба ситоиши ӯ мепардозад. Намунаи боризи ин нобиғаи илмӣ шоҳасари ӯ – рисолаи «Ал-ҷадарӣ ва-л-ҳасба» (Обила ва сурхча) мебошад, ки дар таърихи тиб аввалин тасвири илмии ин бемориҳо маҳсуб мешавад. Розӣ дар ин асар на танҳо ташхиси тафриқии (differential diagnosis) ин ду бемориро пешниҳод кард, балки бо тавзеҳоти дақиқи худ поягузори илми эпидемиология ва иммуологияи амалӣ гардид.»[22.- саҳ. 104.]

Омӯзиши мероси тиббии Розӣ баёнгари қудрати фавқулодаи ташхисӣ ва зеҳнии ӯст. Таҳқиқоти клиникии ӯ бар пояи мушоҳида ва таҷриба устувор буда, дар баробари ин, Ҳакими Рай ба ақл ҳамчун ягона меъёри ниҳоии маърифат асолат медиҳад. Тиҷе де Бур (Tj. de Boer) муътақид аст, ки ҳатто низоми "Қудамои хамса"-и (Панҷ асл) Розӣ бар пояи меъёрҳои эмпирикӣ ва ниёзҳои истидлолӣ бино шудааст. Бар ин асос, таҳлили идрокҳои ҳиссӣ мавҷудияти "Модда"-ро тақозо мекунад ва тафовути хосиятҳои ашё нишони зарурати "Макон" (Ҷой) аст. Ба ҳамин тартиб, идрок ва инъикоси "тағйир" ба пазириши шарти "Замон" мебарад; ҳузури мавҷудоти зинда вуҷуди "Нафс"-ро (Рӯҳ) талаб мекунад ва дар ниҳоят, атои "Ақл" нури илоҳиест, ки барои раҳоӣ ва ҳидояти инсон фиристода шудааст. [20.- саҳ. 22, 24, 47. саҳ. 151].

Дар мавриди масъалаи "таваққуф" (Suspension of judgment) дар андешаҳои Ҳакими Рай бояд гуфт, ки ин мавзуъ аз дидгоҳи мунозираи Носир Хусрав ва Розӣ бисёр мураккаб ва баҳсбарангез аст. Носир Хусрав дар асари худ "Зод-ул-мусофирин" ҳангоми нақли назарияи Розӣ дар бораи "Замон", бо лаҳни интиқодӣ ишора мекунад, ки Розӣ пас аз баёни андешаҳои ҷасурона ва ба гуфтаи ӯ "мулҳидона", дар ниҳоят мазҳаби "таваққуф"-ро ихтиёр кардааст. Розӣ дар посух ба муаммоҳои ҳалношудаи коинот бо як садоқати илмӣ изҳор доштааст: "Аз он чӣ ки намедонам, даст кашидам (таваққуф кардам)". Ин мавзеъгирии Розӣ на аз заъфи фикрӣ, балки аз эҳтироми ӯ ба усули исботи таҷрибавӣ сарчашма мегирад; яъне “то замоне ки далели қатъӣ нест, набояд ҳукми ниҳоӣ бароварда. [11] Бинобар ин, Розӣ муътақид буд, ки "эҳтиёти илмӣ" ва эътироф ба нодонистаҳо дурусттарин ва усулитарин мавзеъгирии як муҳаққиқ аст. Баён кардани шубҳа ва ихтиёри "таваққуф" (Suspension of judgment) дар ҷараёни пажӯҳиш нишони заъф нест; зеро агар муҳаққиқ ҳатто дар маркази мавзуъ қарор дошта бошад ҳам, бидуни эътироф ба маҳдудияти дониши худ наметавонад ба пешрафти воқеӣ даст ёбад. Ин ҳамон мантиқи машҳурест, ки мегӯяд: *"Ло адрӣ нисфу-л-илм"* (Намедонам – нисфи илм аст). Ин принсип Розиро во медошт, ки то замони даст ёфтан ба далели қатъии таҷрибавӣ, аз хулосабарориҳои шитобкорона ва хаёлӣ худдорӣ кунад.

Адабиёт:

1.Абӯҳотами Розӣ. Аълом ан-нубувват. Тасҳеҳи Салоҳуддин ас-Совӣ. – Теҳрон: Анҷумани шоҳаншоҳии фалсафаи Эрон, саҳ. 12.

2.Берунӣ, Абурайҳон. Рисола фӣ фиҳрист кутуб Муҳаммад ибн Закариё ал-Розӣ (Феҳристи китобҳои Розӣ). Бо эҳтимоми Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Теҳрон, саҳ. 18–19.

3.Берунӣ, Абурайҳон. Таҳдид ниҳоёт ал-амокин. Тасҳеҳи П. Булгаков. – Қоҳира; Тарҷумаи форсии Забеҳуллоҳ Ором. – Теҳрон, саҳ. 7–82.

4.Берунӣ, Абурайҳон. Таққиқ мо ли-л-ҳинд мин мақула мақбула фи-л-ақл ав марзула. – Ҳинд: Нашри махсус, саҳ. 1.

5.Закариёи Розӣ. Ал-шукук ало Ҷолинус. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломӣ, саҳ. 1, 3–4, 55–66, 75.

6.Закариёи Розӣ. Ал-тиб ал-рӯҳонӣ. Тасҳеҳи Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Теҳрон, саҳ. 165.

7.Закариёи Розӣ. Сирр-ул-асрор. Тасҳеҳи Аббос Шайбонӣ. – Теҳрон, саҳ. 22, 24, 47.

8.Ибни Абиусайбиа. Уюн-ул-анбо фӣ табақот-ул-атиббо. – Бейрут: Дору-л-сақофа, саҳ. 320.

9.Масъудӣ, Абулҳасан. Муруҷ-уз-заҳаб ва маъодин-ул-ҷавҳар. Тасҳеҳи Шарл Пелла. – Бейрут, ҷ. 4, саҳ. 377–379.

10.Низомӣ Арузии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Бо кӯшиши Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Нашри Ҷомӣ, саҳ. 10, 17.

11.Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. – Душанбе: Ирфон.

12.Қозӣ Саъиди Андалусӣ. Ал-таъриф би-табақот ал-умам. – Теҳрон, саҳ. 187.

13.Азкой, Эҳсон. Абурайҳони Берунӣ. – Теҳрон, саҳ. 38–39, 50.

14.Крамер, Ҷоэл. Эҳёи фарҳангии давраи Оли Буя. Тарҷумаи Саид Ҳаноӣ Кошонӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, саҳ. 23, 268.

15.Маъсумӣ, Ҳусайн. Гуфторе дар бораи Розӣ. // Маҷаллаи «Маориф», соли 3, № 2, 1365 ш., саҳ. 209.

16.Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Бист гуфтор дар бораи Розӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоти исломӣ, саҳ. 162–169.

17.Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Файласуфи Рай: Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ. – Теҳрон: Нашри Нӣ, саҳ. 5, 91–92, 135–137, 312, 320–344, 364–366.

18.Наср, Сайид Ҳусейн. Улум ва тамаддун дар ислом. Тарҷумаи Аҳмад Ором. – Теҳрон, саҳ. 291–293.

19.Пинс (Пинес), Шломо. Мазҳаби тавақкуф дар андешаи Розӣ. Тарҷумаи Ҳошими Пур. // Маҷаллаи «Маориф», № 20, фарвардин-тир, 1376 ш., саҳ. 25, 28.

20.Тиҷе де Бур. Таърихи фалсафа дар ислом. Тарҷумаи Аббос Шайбонӣ. – Теҳрон, саҳ. 22, 24, 47. (Инчунин нақли Абуридо, саҳ. 151).

МУХАММАД ЗАКАРИЯ АР-РАЗИ: СИНТЕЗ РАЗУМА И ОПЫТА

Статья “Научная и философская методология Мухаммада Закарии Рази: Синтез разума и опыта” Гулахмадов Ш. Н**.** посвящена анализу практической методологии Мухаммада Закарии Рази и его роли как предшественника эмпиризма. Автор подчеркивает, что философия Рази основывается на синтезе разума и экспериментального опыта, что отличает его от чистого рационализма Аль-Кинди и Аль-Фараби. Рассматривается «методический скептицизм» Рази, его критическое отношение к Галену и Аристотелю в вопросах физики и метафизики при сохранении уважения к логическому силлогизму. Особое внимание уделяется тому, что Рази задолго до Фрэнсиса Бэкона заложил основы индуктивного метода в химии и медицине, став предтечей современной позитивистской науки.

Ключевые слова: Закария Рази, методология, эмпиризм, индукция, силлогизм, логика, Фрэнсис Бэкон, Гален.

MUHAMMAD ZAKARIYA AL-RAZI: A SYNTHESIS OF REASON AND EXPERIENCE

The article “the Scientific and Philosophical Methodology of Muhammad Zakariya al-Razi: A Synthesis of Reason and Experience” Gulahmadov Sh. N. explores the practical methodology of Muhammad Zakariya al-Razi and his significance as a pioneer of experimental science. The author demonstrates that Razi’s philosophical system is built on the synthesis of intellect and empirical experience, distinguishing him from the pure rationalism of Al-Kindi and Al-Farabi. The text analyzes Razi’s "methodological doubt," his critique of Galen and Aristotle regarding physics and metaphysics, and his adherence to logical syllogism in scientific inquiry. A key argument is that Razi established the foundations of the inductive method in chemistry and medicine centuries before Francis Bacon, making him a forerunner of modern positivist science.

Keywords: Zakariya al-Razi, methodology, empiricism, induction, syllogism, logic, Francis Bacon, Galen.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Гулаҳмадов Шамсиддин Нурович – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 987-79-53-33 e-Mail: gulahmadov_sh@mail.ru

Сведения об авторе:

Гулахмадов Шамсиддин Нурович – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 987-79-53-33, e-Mail: gulahmadov_sh@mail.ru

About the author:

Gulahmadov Shamsiddin Nurovich – senior Lecturer, Department of Humanities, Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-779-53-33, e-Mail: gulahmadov_sh@mail.ru

ТДУ 165.17.024.1+165.2/498

ОЙИНИ РОСТИН: ПИНДОРИ НЕК, ГУФТОРИ НЕК, КИРДОРИ НЕК

Гулаҳмадов Ш.Н., Акбарова М.Ғ.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Пажуҳишгар Гулаҳмадов Ш. Н. дар мақолаи **“**Ойини ростин: Пиндори нек, Гуфтори нек, Кирдори нек” ба таҳқиқи ин се рукни ҳикмат, ки дар таълимоти паёмбари ойини “Зардуштӣ” ва китоби муқаддаси он Авасто яъне “пиндори нек”, “гуфтори нек” ва “кирдори нек” пардохта ва мақоми ин се рукнро дар раванди шаклгирии мардуми тоҷик ва умуман халқҳои ориё нақши боризе доштааст пардохта, кушиш ба харҷ додааст, то ин ки таълимоти ойини ростинро такя бо далелҳои матни Авасто мақоми ҳар яке аз ин се рукунро, ки дар ташаккули шахс, оила ва ҷомеа муйян созаду ва насли замони муосирро ба омӯзишу пайрави

ба ин се сутуни ахлоқӣ водор намояд. Муҳаққиқ нақшу заҳматҳои пешевои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар раванди истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ки пеш аз ҳам такя ба се рукни асосӣ намудаву онро дар амал табиқ намудаанд, мавриди таҳлил қарор дода ва ин се рукнро мояи ваҳдати миллӣ, худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ донистааст.

Калидвожаҳо: “Авесто”, Зардушт, Аҳурамаздо, накуӣ, Ясно, Яштҳо, сурудаҳо, рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек, хирад, накукорӣ, ниёиш, дин, номоз, ваҳдат, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ.

Маздо парастам. Бар мегузинам, ки Маздопарасти Зардуштӣ бошам, бо ситоишхо ва боварҳо.

Андешаи некро меситоям.

Гуфтори некро меситоям.

Кирдори некро меситоям, ки юғи бардагиро бармеандозад ва ҷангафзорро фурӯ менишонад. Дини беҳи Маздопарастиро меситоям, ки озодбахшу ростин аст, ки Аҳуроист ва Зардуштӣ, ки аз динҳо, ки ҳастанд ва хоҳанд буд, Меҳтарин беҳтаринӯ зеботарин аст. Аҳуромаздо, худои доноро сазовори ҳама хубиҳо медонам. Ин аст ситоиши дини Маздопарастӣ [11.28].

Ойини Маздопарастӣ асосан аз эътиқод ба худои некӣ – Аҳуромаздо иборат буда, муқаддас донистани оташ то зуҳури дини Зардуштӣ дар қаламрави давлати Мод ва сарзамини Осиёи Миёна (Бохтар, Хоразм, Суғд, Марв ва ғайра) маълум буд. Дар қатори парастиши худои некӣ – Аҳуромаздо, ки ҳомии давлати подшоҳ ва нигаҳбони ҳокимияти ӯ ҳисоб мешуд як қатор худоҳои нерӯҳои бад – девҳо чун ҷодӯвон парастиш мешуданд.

Баъди зуҳури таълимоти Зардушт, мақому мартабаи Аҳуромаздоро аз дигар худоён ва эзидону фариштаҳо болотар мегузорад ва онро то ба ҳадди яккахудоӣ мерасонад. Парастиши ҷанбаи Некӣ ва Бадӣ, Рост ва Дуруғ, Равшанӣ ва Зулмот дар тимсоли Аҳуромаздо ва Аҳриман, аз нуқтаи назари дуализм дар ойини Зардушт аз ҳама боло мегирад. Дар ақоиди Зардушт инсон дар амали худ охируламр ду роҳро пеш мегирад – роҳи ростию некӣ, ки ҳамоиши Аҳурамаздои ҷовидон ва роҳи бадию бадкирдорӣ, ки нигаҳбони он Аҳримани зулмотпеша сиёҳтинат мебошад. Ҳар як инсон метавонад аз ин ду роҳ яке барои худ интихоб намояд ва дар талош миёни некию бадӣ, хайру шарр, зулмоту равшанӣ, росту дуруғ қарор дошта бошад. Танҳо дар поёни умраш рафтору афкори ӯ дар назди худои олиҷоҳ Аҳурамаздо арзёбӣ мегардад.

Андешаи некро ситоиш намудан яке аз зуҳуротҳои нисбатан пешқадами ойини Зардуштӣ буда, дар маҷмӯъ ибтидои ойини ростиро ташкил медиҳад. Андеша аз нуқтаи хулосахои амиқи шахси алоҳида ва ё ақли ҷомеа рӯй ба ягон амал, ки барои ҳаёти воқеии зиндагӣ зарур аст, иборат аст. Дар ҳолати дигар андеша ин амали нек ва ё ғаразӣ бад нисбати ҷамъият ва одамон дошта мешавад, ки ҳамчунон андешаи нек ва ё андешаи бад фаҳмида мешавад. Беҳтарин хусусиятҳои андешаи нек ин гаравиши некӣ, садоқат, боварӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ, самимият, дастгирии дӯст, ҷасорат, нияти нек, амали хайр, эҳтиром ва монанди инҳо мебошад.

Андешаи некро ситоиш намудан, ин дар ҳама кору амалҳои зиндагӣ таваҷҷӯҳу назари нек доштан аст, ки рӯҳи инсонро болида мегардонад, қувваи фикрию ҷисмониро пурзӯр менамояд. Дари дилҳоро мекушояд, бовариро қавӣ менамояд, кинаву қудурат, дуруғу буҳтонро дур мекунад. Дари дӯстиро кушода, меҳру муҳаббат, садоқату вафодориро зиёд мегардонад.

Ҳамин андешаи нек буд, ки дари дӯстиро барои ҷаҳониён ва роҳи ҳамкориро барои давлатҳо кушода, назари некро барои динҳо ва дигар равияҳо, ҳикмати ростиро эҳё кард. Ниҳоятан, ҳатто дари дилро барои ғаразҷӯёну душманон во намуд ва бархе асири қуввахои аҳриманӣ гардид. Дар ҷое бурд ва дар ҷое худро бохт. Вале муҳимтарин падидаи андешаи некӣ аҷдодони мо ин ҳамон аст, ки худро тавонист нигоҳ дорад.

Имрӯз ҳам дар ҳоле ки Тоҷикистон мекушад бо ҷомеаи ҷаҳонӣ худро бипайвандад, ҳамин андешаи нек ба вай мадад мерасонад. Кӯшишҳои Президенти кишвар ва давлати маҳбубамон, маҳз аз ҳамин андешаи нерӯманд об мехӯрад. Консепсияи ваҳдати миллӣ, ки ҳамчун як зуҳури андешаи миллӣ мо тоҷикон аст, тавонист Тоҷикистонро аз парешонӣ нигоҳ дорад ва он маҳз аз ҳамин андешаи неки нерӯманд сарчашма мегирад. Маҳз, ҳамин андешаҳо пиндор, кирдор ва гуфтори нек буд, ки ин миллат боҳам дар сари мизи музокирот нишаста, сулҳу салоҳ карданд.

Андешаи нек буд, ки баъд аз заволи ойини Зардуштӣ дар даврони ойини ислом ҳам мавқеъ ва манзалати мардуми ориёнажод гум нагардид. Баръакс, салтанату фарҳанг, забону адабиёти халқҳои тоҷикӣ форс, дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҷамъияти халқҳои исломӣ нақши боризе бозидааст. Низоми давлатдории Сомониён, ки аз аҳди Сосониён таҳкурсӣ гирифта буд, дар тамоми давраи асри миёнагии халқҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон ва қисман давлатҳои Арабии Шарқӣ ягона шакли низоми давлатдории давраи феодализм ба шумор мерафт.

Андешаи неки гузаштагони мо буд, ки ҷашни Наврӯз мардуми ориёнажод аз ҷониби ҳомии дини ислом хуш қабул гардид ва дар пояи идҳои дини нави мусулмонӣ маълуми халқҳои Шарқи исломӣ гардид ва имрӯзҳо аз ҷумлаи идҳои асосии давлатҳои исломӣ бо шукӯҳу ҷалол ҷашн гирифта мешавад.

Абулқосим Фирдавсӣ тавассути андешаи нек халқи ориёнажод «Шоҳнома»-и безаволи худро офарид, ки аз ҷумлаи бузургтарин осори панду ҳикматӣ, меросию таърихӣ ва этникии халқи тоҷикӣ форс ба ҳисоб меравад.

Ҳамин расму ойини пандгузорӣ ва насиҳаткунандаи подшоҳони бостонӣ дар таърихнигории исломӣ таъсири худро гузоштааст, ки инкишофи назму насри адабиёти тоҷикӣ форс ва адабиёти исломӣ, суханони волои шоиронаи онҳо, ки ҳоло ҳам маълуми ҷаҳониён аст, маҳз аз ҳамин осори неки гузаштагон сарчашма мегирад. Ин сарчашма – пиндор, гуфтор, кирдор, ки ниҳоят инсонро дар ин дунё ҳастӣ рушан месозад, ҷавҳари ҳастии ин дини мӯътабар маҳсуб мешавад.

Нияти нек – нисфи давлат» гуфтанӣ мо тоҷикон низ аз ҳамин сарчашмаи таърихӣ манша мегирад.

Ҳикмати «Гуфтори некро меситоям» гуфтан низ, аз ҳикмати олии ойини Зардуштӣ мебошад, ки дар «Авесто» омадааст. Гуфтор шакли ифодаи баёни фикри шахси алоҳида буда, дар маҷмӯъ системаи муайяни дониши инсонӣ аст, ки дар давраҳои гуногун шахс аз худ намуда ва онро ба воситаи сухан баён менамояд. Гуфтори нек дар як маънӣ, ин ифодаи сухани нек; сухане, ки манфиатбахш аст, сухане, ки дилписанд, рӯҳбахш, ҷонпарвар аст, мебошад. Дар мавриди дигар гуфтор аз андешаи шахс маъво мегирад. Чуноне ки мегӯянд: «Он чи дар дил аст, дар забон ояд». Чун шахс агар андешаи нек дошта бошад, пас ифодаи сухани ӯ низ нек хоҳад шуд. Гузаштагони мо, ки «андешаи нек»-ро месутуданд, дар як радиф «гуфтори нек»-ро низ ситоиш мекарданд.

Ҷанбаҳои гуфтори нек: ин гуфтори сухани ошно (худо); ҳикмати волои гузаштагон, ҳикмати судбахш, сухани ширину гуворо, чуноне ки мегӯянд, «Гар сухан ҷон набувад мурда чаро хомӯш аст», сухани дур аз буҳтону дуруғ, кина, ғараз мебошад.

Гуфтори шахс метавонад насрӣ (равонӣ ва ё назмӣ (шеърӣ) бошад. Дар ҳарду маврид, низ шакли ифодаи сухан аст. Вале дар ин ҷо сухани волотар дар мардуми Шарқ (халқҳои ориёӣ) ин гуфтори шеърӣ мебошад. Гуфторе, ки на ҳама кас ба он даст мезанад, гуфторе, ки оҳанг ва талаффузи хоса дорад ва билохир гуфторе, ки аз дониш завқ мегирад. Лафзе, ки халқи форсу тоҷикро ба ҷаҳониён маълум сохт, ин сухани шеър буд. «Авесто»-и Зардушт, «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷ. Балхӣ, «Девон»-ҳои Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ

дар шакли шеър ифода гардидаанд. Шеъри оламгири Шарқ ҷаҳониёнро ба тааҷҷуб андохт, зеро дар шаклу мазмун аз шеъри Ғарб фарқ мекард. Агар дар Ғарб шеър шакли ифодаи сухан аст, дар Шарқ бошад, дар баробари ифодаи сухан буданаш, шеър боз илм, ҳикмат, панду андарз ва инчунин ҷустани маънӣ мебошад. Аз ин хотир, он чи аз шуур бармехезад, он дар шарқиён шеър аст. Бо шеъри «алла» модари тоҷик аз замони зуҳураш то ба имрӯз кӯдакони хешро мехобонанд. Бо шеър дар ҷавонӣ мераҳсанду месозанд, меҳнату заҳмати худро осон мекунанд. Ва баъди марг бо шеър «марсияи ва ғамангез» фавтидагонро то ба гур мебаранд. Бо шеър механданду мегирянд. Бо шеър аз нав илҳом мегиранд, қаҳрамонӣ мекунанд, ба гап медароранд ва ё хомуш мешаванд. Бузургони гузаштагони мо фикру ақида, панду андарз, ҳикмати воло, таъриху фарҳанг, фалсафа, педагогика, психология ва этика, забону адабиёти хеш ҷанбаҳои илмҳои ҷамъиятӣ табииро бо шеър ифода кардаанд, ва онҳоро шоирон гуфтаанд. Дар асл, онон орифону донишмандонанд на шоирон чуноне ки онҳоро гӯянд. Шеър барои онон шакли ифодаи андеша аст, ки аз ин ҷиҳат шоир гуфтан ононро ҷоиз аст.

Ва ин ҳама аз қудрати «гуфтори нек»-и гузаштагони мо мебошад. «Гуфтори нек» инсонҳоро ба ҳам наздик мегардонад, дилҳоро ба ҳам меовезонад, дӯстонро зиёд мегардонад, комёбию пирӯзиҳоро афзун мегардонад, рӯҳу илҳом мебахшад. Ва хушбахт аст, касе, ки гуфтори нек дорад ва онро меписандад.

«Кирдори некро меситоям» яке аз ҳикматҳои сегонаи ахлоқии ойини Зардуштӣ мебошад. Кирдор амали иҷрои корест, даст задан ба амали нек ва ё бад мебошад. Кирдори шахс аз андешаи ӯ маншаъ мегирад. Агар андешаи ӯ нек бошад пас, албатта кирдори ӯ низ нек хоҳад шуд. Бузургии ин панд дар он аст, ки даъват мекунад ба кирдори нек амале, ки шоистаи худои некӣ – Аҳурамаздо мебошад, на роҳи бадию бадкирдорӣ, ки нигаҳбонаш худои бадӣ – Аҳримани зулматпеша сиёҳтинат мебошад. Кирдори нек дар ибтидо аз амали иҷрои ниёиш (иҷрои намоз) дар назди Аҳуромаздо иборат аст. Мувофиқи расму ойини Зардуштӣ дар як шабонарӯз панҷ маротиба намоз хондан пеш меомад. Нахустин намоз дар сапедадам (ба ҳангоми ушишин) гузорида мешуд. Ниёиш бо ифодаи зерин оғоз мегардид:

Ба номи Ҳурмузди бахшояндаи бахшоишгари меҳрубон.
Ба хушнудии Аҳуромаздо.
Рости беҳтарин некист, Хурсандист.

Хурсандӣ барои касе, ки ростиро барои беҳтарин ростӣ бихоҳад. (се бор хонда мешуд).

Бармегузинам, ки Маздопарасти Зардуштӣ бошам, худоёни пиндори худро сутуда танҳо ба Аҳуро бовар дошта бошам. Ба ҳангоми ушишин, намози поки сапедадам, намози ростиву дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Дар ин намоз, ки барои фаровониву баракати фурӯғи хона аст, намози ростиву дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Дувумин намоз дар пеш аз нимрӯзӣ хонда мешуд ва (ба ҳангоми ҳаван) номида мешуд, ки чунин қироат мегардид:

Ба ҳангоми ҳаван (пеш аз нимрӯзӣ) намози поки пеш аз нимрӯз, намози ростӣ ва дурустӣ, ман ху дро барои арҷгузорӣ, дурустӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Дар ин намоз, ки барои суд ва ободии рустост, намози ростӣ ва дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Саввумин намоз дар нимрӯз хонда мешуд (ба ҳангоми рапитвин). Ба ҳангоми рапитвин, намози поки нимрӯз, намози ростӣ ва дурустӣ ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам. Дар ин намоз, ки барои фаровонии ободонии шаҳр аст намози ростиву дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Чаҳорумин намоз дар пас аз нимрӯз, хонда мешуд. Дар ин намоз ки барои фаровонии мардуми наку, далер ва ободонии кишвар аст, намози ростӣ ва дурустӣ ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам.

Намози панҷум дар шаб (айваясрутарим) хонда мешуд. Ба ҳангоми айваясрутарим, намози поки шаб, намози ростӣ ва дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши Офаридгор ва офаридагонаш омода месозам. Дар ин намози пок, ки барои фаровонии ҳамаи чизҳои зиндагонии хуб ва барои пешрафти корҳои роҳбарии динии ҷаҳон аст, намози ростӣ ва дурустӣ, ман худро барои арҷгузорӣ, дӯстӣ, хушнудӣ ва ситоиши офаридгор ва офаридагонаш омода месозам. Дар ин намозҳо ин ниёишҳо гуфта мешуданд. Намози шаб бошад нисбатан тулонитар буда ва дар он аз Аҳуромаздо талабҳои бештари аз саодати зиндагонӣ талаб мекарданд. Намози шаб дар баробари як қатор ниёишҳо ин дуоро низ фаро гирифта буд:

Ба хушнудии Аҳуромаздо.
Рости беҳтарин некист.
Хурсандист.
Хурсандӣ барои касе, ки ростиро барои беҳтарин ростӣ бихоҳад.
Барои ӯ шукуҳу фар бод
Барои ӯ дурустии тан бод
Барои ӯ пойдории тан бод
Барои ӯ пирӯзии тан бод
Ҳастиаш пур аз хурсандӣ бод
Фарзандонаш фарзона бод
Зиндагониаш дароз бод
Ҳастияш беҳтарин ва аз они росткорон
Рушан ва пур аз хурсандӣ бод. [11.29].

Аз ҷумлаи кирдори нек, ки дар ҳангоми ибодату ниёишҳо ба анҷом мерасид фиристодани дуруд ба Аҳуромаздо ва неъматҳои ӯ як чиз рамзӣ буд. Чунон ки омадааст:

Биё ба ёрии ман, ай Маздо (се бор хонда мешуд).
Дуруд ба «Ам» (эзиди далер), некпайкор, хубрӯ, пирӯзгар озода.
Дуруд ба «Вананд»-и (яке аз ситорагон) забардаст.
Дуруд ба сипеҳри ободӣ.
Дуруд ба замонаи бекарон.
Дуруд ба замонаи буланди абадӣ.

Кирдори нек ба ғайр аз иҷрои ниёиш аз баҳри саодат дар назди Аҳуромаздо боз аз амалҳои судбахши зиндагонӣ ба мисли кишт намудани замин, меҳнат дар замин ва баҳра гирифтан аз киштзор иборат аст. Ин нуқтаи назар дар «Авесто» дар боби сеюми «Вандидод» ишора шудааст. Дар он ҷо ки кишоварзӣ ва чорводорӣ ривоҷу равнақ дорад, мардумонаш серу пур, соҳиби хонаву дар, фарзандони зиёд ва хушҳолӣ осуда мебошад. Ва касоне ки бо кишту

кор машғул мешаванд, беҳтарин кори дунёро мекунанд ва бо ин кирдоршон бар душманону девон пирӯзӣ меёбанд.

Шуғли деҳқонӣ ва чорводорӣ дар таълимоти Зардушт вазифаи муқаддас буда, ба кирдори нек алоқаманд мешуд. Дар «Авесто» дар суруди «Вандидод» дар фасли саввуми он макони хайру эҳсон ва шодиву хуррамӣ ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, наботот ва меваҳои хурданӣ **мепошанд**, замини хушкшударо шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд… ва ин ҳайвонот порӯҳи ниҳоят бисёре медиҳанд» (фикрҳои 2–6 аз «Вандидод»).

Дар фикри 31 омадааст «касе, ки ғалла мепошад, гӯё тухми некӣ мепошад». [2.85].

Дар воқеъ «кирдори нек» судбахш, боровар, нафърасон буда, ки асосан саодати зиндагонӣ ба он вобастагӣ дошт. Сатҳи зиндаги одамонро боло мебардошт.

«Дини беҳи Маздопарастиро меситоям, ки озодбахшу ростин аст».

Ин ниёиш буд, ки ойини Маздопарастиро ситоиш мекунад. Маздопарастиро озодбахшу ростин номидан ин дар маҷмӯъ он «пандномаи сегона»-и андешаи нек, гуфтори нек, кирдори нек мебошад, ки мо дар боло ишора намуда будем.

Дар ниёиш «офаринони дахмон» гуфта мешавад:

«Биёед андарин хонаи хушнудӣ, некӯӣ, покӣ ва доноии росткорон. Биёед андарин дини ростӣ, шаҳри ёрӣ, суд, фарру осоиш ва низ пешвои, дерпои ин дини Аҳуроини Зардушт».

Нагсалад аз ин дижҳо зиндагонӣ, рост ва нерӯии мардумӣ росткор ва низ кеши аҳуроӣ. Пирӯз гардад андарин хона пинҳонӣ бар нофармонӣ, оштӣ бар носозгорӣ, родӣ бар дастбастагӣ, дурустандешӣ бар бадбинӣ, ростгӯӣ бар дуруғпардозӣ, ойини ростӣ бар бедодгарии дуруғ. Ҳаргиз тиҳи нагардад ин хона аз осоиш ва фаррухӣ, аз осоиши фарзандони боҳуш, ҳамвора чиҳраи осоиш ва подоши нек ҳам роҳи ин хона бошад».

Адабиёт:

1.Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Душанбе 1989.

2. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1. Душанбе 1983.

3. Вейнберг Б.И., Ставиский Б.Я. История и культура средней Азии в древности. М. 1994.

4.Геродот история // Хрестоматия по истории древнего Востока. М. 1963.

5.История Таджикского народа. Т.1. Душанбе 1998.

6.Стеблин–Каменский И.М. Авесто. Душанбе 1990.

7.Тарҷумаи ҳол ва ойину ахлоқи Зардушт. Душанбе 2001.

8.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1. Аз Ориён то Сомониён. Лондон, 1999.

9.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 2. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 2002.

10.Эмомалӣ Раҳмон. «Ориёнҳо – шинохти тамаддуни эронӣ» // Ҷумҳурият. 2006.17.06. саҳ. 1-3.

11.Фарҳанг № 4.Соли 1991. саҳ 27.

ИСТИННАЯ РЕЛИГИЯ: ДОБРЫЕ МЫСЛИ, ДОБРЫЕ СЛОВА, ДОБРЫЕ ОСТУПКИ

В данной статье исследователем Ш. Н. Гулахмадовым проводится концептуальный анализ трех фундаментальных этических столпов – «Благой мысли» (Humata), «Благого слова» (Hukhta) и «Благого деяния» (Hvarshta) – лежащих в основе зороастрийского вероучения и зафиксированных в канонических текстах священного писания «Авеста». Автор обосновывает

детерминирующую роль этих нравственных императивов в процессах этногенеза, социокультурной трансформации и исторического становления таджикского народа и арийских цивилизаций в целом.

Опираясь на герменевтический анализ авестийских текстов, исследователь эксплицирует функциональную значимость каждого из трех столпов в контексте онтологического развития личности, укрепления института семьи и гармонизации социальной структуры. В работе подчеркивается актуальность ревитализации данных моральных основ для современного поколения как фактора устойчивого развития общества.

Особое научно-практическое значение в статье уделяется анализу политической стратегии Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Автор аргументирует, что процесс установления мира и достижения национального единства в стране базировался на практической имплементации этих трех этических принципов. В рамках исследования данные категории рассматриваются не только как историческое наследие, но и как когнитивный фундамент национальной идентичности, самопознания и консолидации общества.

Ключевые слова: Авеста, зороастризм, триада этики, национальная идентичность, этногенез арийских народов, Эмомали Рахмон, национальное единство, социальная этика.

THE TRUE DOCTRINE: GOOD THOUGHTS, GOOD WORDS, GOOD DEEDS

In this article, the researcher Sh. N. Gulahmadov examines the three fundamental pillars of wisdom–"Good Thoughts, Good Words, and Good Deeds"–as established in the teachings of Zoroastrianism and the sacred texts of the *Avesta*. The author highlights the profound impact of these ethical tenets on the ethnogenesis and cultural evolution of the Tajik people and Aryan civilizations at large.

By analyzing primary *Avestan* sources, the study evaluates the functional role of these principles in the development of the individual, the family unit, and the broader social structure. The author emphasizes the necessity for the contemporary generation to adopt these moral foundations as a catalyst for social progress.

Furthermore, the research provides an analytical overview of the contributions made by the Leader of the Nation, President Emomali Rahmon, in the establishment of peace and national reconciliation. The author argues that the President's political framework is deeply rooted in these three traditional pillars, positioning them as the cornerstone of national unity, self-awareness, and the reinforcement of national identity.

Keywords: Avesta, Zoroastrianism, ethical pillars, national identity, Emomali Rahmon, national unity, Aryan heritage.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Гулаҳмадов Шамсиддин Нурович – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 98-779-53-33.

Акбарова Мунира Ғоибназаровна – муалими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

Сведения об авторах:

Гулахмадов Шамсиддин Нурович – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 98-779-53-33.

Акбарова Мунира Гойбназаровна – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Таджикского технологического университета. Телефон: (+992) 98-776-02-50.

About the authors:

Gulahmadov Shamsiddin Nurovich – senior Lecturer, Department of Humanities, Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-779-53-33.

Akbarova Munira Goibnazarovna – senior Lecturer, Department of Humanities, Tajik Technological University. Phone: (+992) 98-776-02-50.

ТДУ 1(091)+2(031)+3(470+581)(1.03+2.03)

АЗ АВЕСТО ТО «ПАНҶ АСЛ»: ТАҲАВВУЛИ АНДЕШАИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ОСОРИ РОЗӢ

Гулаҳмадов Ш.Н., Давронова А. Ш.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳлили баъзе ҷанбаҳои таъсири анъанаҳои динӣ ва фалсафии Эрони бостон ба ҷаҳонбинии фалсафии Муҳаммад Закариёи Розӣ бахшида шудааст. Муаллифон масъалаи робитаи эҳтимолии назарияи «қадимоти панҷгона»-и Розиро бо баъзе унсурҳои ҷаҳонбинии динҳои эронии пешазисломӣ таҳлил менамояд. Дар мақола нақши таълимоти Зардуштия, Зурвония ва Монавия дар ташаккули муҳити фикрии асрҳои миёна баррасӣ мегардад. Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки гарчанде дар баъзе мафҳумҳои космологӣ ва метафизикии Розӣ бо анъанаҳои эронии бостон шабоҳатҳо вуҷуд доранд, вай пайрави догматикии ин таълимот набуда, ба масъалаҳои фалсафӣ аз мавқеи интиқодӣ ва ақлонӣ муносибат кардааст.

Калидвожаҳо: фалсафаи исломӣ, Муҳаммад Закариёи Розӣ, қадимоти панҷгона, Авесто, Зардуштия, Зурвония, Монавия, фалсафаи Эрони бостон.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи фалсафаи асрҳои миёна ҳамчун олими барҷаста мавқеи хосаеро дорост. Розӣ на танҳо табиби ҳозиқу кимиёгари маъруф гардида, балки ҳамчун як ҳакими соҳиб мактаб фалсафӣ ном баровардааст.

Дар баробаи осори тиббӣ, кимёвӣ осори зиёди фалсафӣ нигоштааст, ки дар онҳо масъалаҳои метафизикӣ, космогонӣ, натур фалсафӣ, шинохти маърифату ахлоқи накӯи инсон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бояд зикр намуд, ки дар таълимоти фалсафии ӯ масъалаи қадими будани панҷ ибтидои аввал ҷои хосаро дорост. Баъзе пажуҳишгарони осори ӯ н бар онанд, ки назария мазкур бо баъзе аз унсурҳои ҷаҳонбинии динҳои ориёии пешазисломӣ рабт дошта бошад, ки дар таълимотҳои Зурвонӣ, Зардуштӣ, Монавӣ, Маздаясноӣ ва дигар анъанаҳои динӣ инъикос ёфтаанд.

«Аксари муҳаққиқони осори Розӣ бар он андешаанд, ки Ҳакими Рай забонҳои юнонӣ ва сурёниро хуб медонист ва дар пажӯҳишҳои хеш аз ин манобеъ фаровон истифода бурдааст. Аммо дар мавриди корбурди сарчашмаҳо ба забони паҳлавӣ (ва шеваҳои он) миёни пажӯҳишгарон шубҳаву ихтилофи назарӣ вуҷуд дорад. Дидгоҳи бархе аз олимон, ки истифода нагардидани матнҳои паҳлавиро (хоҳ илмӣ бошад ва хоҳ адабию мазҳабӣ) аз ҷониби Розӣ ба набудани тарҷумаи арабӣ ё форсии ин осор рабт медиҳанд, чандон дақиқ нест.

Таърихи улуми дунявӣ ва мазҳабии мардуми эронинажод баёнгари он аст, ки як зумра осори пешазисломӣ бо хати «позандӣ» низ нигошта шуда буданд. Масалан, достони «Вис ва

Ромин»-и Гургонӣ ва баъзе қисмҳои «Шоҳнома», ки то замони Фирдавсӣ эҷод шудаанд, дар асл бар асоси матнҳои паҳлавӣ ва ё бо хати позандӣ таълиф ёфтаанд.»

Дар осори кимиёии Розӣ ва нигоштаҳои дорушиносию фармакологии ӯ як зумра номҳои форсӣ (паҳлавӣ) корбурд шудаанд, ки аз он шаҳодат медиҳад, ки нуфузи мактабҳои динию фалсафии эронӣ (аз Балх то ба академияи Гунди Шопур) ҳамчун сарчашмаи гаронбаҳое дар раванди пажуҳишҳои Розӣ буда ва баёнгари шукуҳ ва шаҳомати илму фарҳанги давраи Сосониён аст.

А) Зурвонӣ- Зардуштӣ. Бархе аз муҳаққиқони исломӣ мафҳумҳои «даҳрия, файласуф, маҷӯсӣ ва санавия»-ро ҳамчун муродиф истифода намуда, андешаҳои онҳоро ҳамзамон таҳқиқ намуда, дар ҷойи худ рад ва нақз мекарданд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки байни афкори фалсафӣ, илмии онҳо умумиятҳои ақлонӣ вуҷуд доштааст. Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ал-Масъудӣ (солҳои 896–956 м.) дар китоби «Ат-танбеҳ ва-л-ишроф» (التنبيه والإشراف) дар бораи динҳо ва мазҳабҳои гуногун, аз ҷумла робитаи афкори файласуфон бо таълимоти Эрони бостон, маълумоти пуразриш дода аз он ҷумла ӯ ба дидгоҳи Розиро доир ба «панҷ асл» (Қадими хамса) баррасӣ карда таъкид менамояд, ки "Розӣ дар ин масъали мазкур такя ба таълимоти Зардушт дорад"[4.- с.92.]. Ин яке аз муҳимтарин далелҳои таърихест, барои исботи пайванди фалсафаи Розӣ бо мероси фикрии ниёгонаш ба шумор меравад.

Саид қозии Андалуси низ аз таркиби оламро аз нур ва зулмот иборат дониста, панҷгонаи қадимро дар нигоришоти Розӣ ба таълимтои зардуштӣ нисбат додааст.[8.- с. 648] Ҳамчунин Ибни Ҳазми Заҳарӣ назарияи «соибин»-ро аз оини маҷусиён гуфтааст.[7.- с. 35]. Абӯҳотам Исмоилӣ, ки бо Розӣ ҳамсӯҳбат ва дар назди ӯ адаб омӯхта дар як гуфтораш маншагири санавиятро дар таъоимоти зардуштӣ, тибқи дидгоҳи Розӣ ба Ҳаким Пифагор нисбат медиҳанд. Аз баски дар замони зиндагии Розӣ эътирофи ақоди зиндиқона ин гуноҳ шумурда мешуд, шояд аз ҳамин лиҳоз Розӣ ин дидгоҳоро ба юнониҳо мансуб дониста бошад. Шогирди Пифагор Алкмеон (Alcmaeon of Croton) суботи олам ва пайвастагии онро аз ду падидкунанда яке нарина ва дигаре модина иборат медонад.[3.- с саҳ. 13 ва 140]

Ҳамон гунае, ки «нур» нарина ва «зулмот» модина аст, ки ҳамаи ашёҳо аз ду унсур таркиб ёфтаанд. Маҷусон ин қавлро аз ӯ гирифтаанд, зеро ки вай ба ин сарзаминҳо омада буда аст ва инро "Вортус" ки пас аз Зардушт буд аз ӯ гирифт ва бо ойне, ки маҷусон бар ойинҳои паёмбарон омехта ва динашонро бар онҳо хароб карданду тавҳидро аз миёни онҳо дур карда ва ба дугароӣ гаравиданд[1.- С. 13, 140, 146].

«Он чизе ки Розӣ дар мавриди дугароии (санавияти) маҷусӣ ба он рӯ овардааст, ба таълимоти анбиё иртибот надорад, балки маҳсули андешаи бидъаткоронест, ки дар ҳар уммате зуҳур кардаанд. Сабаби гароиши маҷусиён ба дугароӣ ва дур шудан аз ойни паёмбаронашонро ба шогирди Пифагор – Мознуш (дар баъзе манобеъ Замониус) нисбат медиҳанд, ки ба ин сарзамини Осиё омада буд. Пас аз ӯ, Вортус ин ақидаро қабул карда, маҷусиёнро ба он даъват намуд ва дар натиҷа дар миёни эшон бидъатҳои зиёде пайдо шуд.

Алома Иқболи Лоҳурӣ дар фасли «Наҳлаи асҳоби нур»-и китоби хеш, бо ишора ба асари машҳури Сӯҳравардӣ ва дар заминаи ифшои «аботили юнонӣ» чунин иброз доштааст:

«Розӣ тибқи суннати афкори фалсафии эронӣ, нурро махлуқи аввал ва модда, фазову замонро қадим медонист... Дар афкори фалсафии Шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ низ ойнҳои фикрии эрониёни бостон – ки пештар дар осору афкори Муҳаммади Закариёи Розӣ зоҳир шуда буданд – мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, махлуқи аввал донистани нур ва қадим шумурдани модда, фазо ва замон аз дидгоҳҳои хосси фалсафаи бостонии Эрон аст». [19. с. 21].

Таълимоти мазҳаби ва фалсафии «ойни зардуштӣ» ва таъсири он ба ҷомеаҳо, ақвоми пасин ва афкори ҳакимон" дидгоҳи муҳақиқони мамолики зиёдеро ба худ кашидаанд.

Вале омӯзиши ду мактаби асосии фалсафӣ ё ду ҷараёнҳои муҳими фикрӣ, ки дар афкори динию фалсафии ҳакимони эронитаборони аҳли бостон ҷой доштаро замона тақозо дорад. Ду ҷараёни бузурги фикрӣ-фалсафӣ, ки хеле машҳуранд ва бо номҳои "менугароӣ" (идеализм) ва "гетигароӣ" (Материализм) дар ҷаҳонбинии мардуми эронитабор ба назар мерасад. Дар таълимоти динӣ ва фалсафии зардуштӣ, "Аҳуро Маздо" холиқи олам буда тибқи ҷанбаи онтологӣ масъалаи асосии фалсафӣ минугарост яъне пайрави аз идеализм дорад. Аммо мактаби фалсафии гетигароӣ ба ойни зурвония мансуб буда, ки худои барин мавриди эътиқоди онон "замони бекарон" - яъне "даҳр" аст. Меҳргароӣ "митраизм" ё "меҳр" ки ин ойн низ дар ҷаҳон машҳур шуд як динисет байни таълимоти зардуштия ва зурвония, баъзе муҳаққиқон бар он андешаанд, ки он мактаби фалсафӣ набуда, балки як мактаби ирфонист..

Дини монӣ, ки он ҳам машҳур гардида буд, бевосита яке аз ворисони мактабҳои фалсафии зардуштия ва зурвония маҳсуб ёфта каму беш дидгоҳи гетигароӣ (материалистӣ)-ро дар он дидан мумкин, ки куллан ирфонист. Кеши маздакӣ, гарчанде хешро пайрави мактаби фалсафии «зурвонӣ» медонанд, лек дар афкори эшон таъсири таълимотҳои зардуштӣ ва маздоясонӣ ба чашм мерасад. Ин чаҳор дини барҷастаи мардуми тоҷики форс дар тӯли 1200 сол маҳаки ҷаҳонбинии як зумра ақвоми ҷаҳон гашта ва башариятро ба ҳикмати "пиндори нек, гутори нек ва кирдорӣ нек" раҳнамун сохта ва се ҷараёни муҳими фалсафӣ ҳикмат, калом ва тасаввуфро минбъад ба миён овард.

Адёни Зурвонӣ

Қадимтарин ҷараёни фалсафи дар сарзаминҳои ориёиҳо равияи зурвонист, ки нахуст пайрави «муғон»-и машҳури сарзамини қадими Мод (маҷусони қадим) буд ва сониян он комилан зери таъсири расму оинҳо қарор гирифтааст. Мардумони байнаннаҳрайн (-Бобулиён ва Кодӣ ва Ошшурӣ) ва мардумони бумии "Кути ва Касӣ" ба ойни зурвония боварӣ ва эътиқод доштанд. Баъдан бо сабабҳои номуайян, номи онҳо ҷой дигар зикр нашудааст. Муғони Бобули ва Зурвонгароёни Моди қадим нубувати «Зардушт»-и Сипитомони Фариёниро (Шарқӣ) қабул карданд, ки категорияҳои илоҳӣ онро бо кеши дерини зурвонии хеш қабул карданд. Тарғибгари кеши зардуштӣ дар саросари ҷаҳони бостон шуданд, ки аслан ҳамон мазҳаби маъруф ва ба номи эшон (-Муғон/Маку) бо номи "маҷусият" маъруфи офоқ гашт. Минбаъд бо номҳои гуногун зиндагии мустақили худро идома доданд.

Мактаби фалсафи Зурвонӣ дар оғози бунёди "низоми" худ, камаш маҳсули се ҳазорсолаи маданияти шаҳрии халқҳои Осиёи Миёна, дар сарзамини ҳиндуориёӣ буд. Андешаи Зурвониро аксари муҳаққиқон иброз менамоянд, ки ҷанбаи фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳатто илмӣ дорад. Аз ин рӯ, онро « Ричард Чарлз Заҳнер ва Гео Видегрен, таълимоти зурвонияро бо назардошти хусусиятҳои амиқи фалсафии он «дини файласуфон» ва ё «кеши ҳакимон» номиданд. [25.-pp. 7–9, 54]

Таълимоти зурвонӣ аз ойни зардуштӣ бархоста, ки андар даврони Сосониён мақоми хоса дошт. Дар таълимоти ин ойн замони бекарон холиқ шуморида мешавад. Тибқи таълимоти зурвониён, Аҳурамаздо ва Аҳриман, ду бародаре мебошанд, ки аз тарафи Зурвон дар як замон ба дунё омадаанд. Баъзе аз муҳаққиқон дини зурвониро як навъ тавҳид медонанд [24.- p. 23] Ба пиндори зурвониён вақт сарчашмаи ҳама чизҳост.

Зурвониён дар аввал пайрави аз маздоясно (зардуштиён) мекарданд, вале дар бовариҳои худ аз таълимотҳои асосии маздоясонӣ дур шуданд ва ойни маздоиро тарк карданд. Таълимоти зурвони як шаклҳои ойни маздаясноӣ буда, аммо пурра зардуштӣ нест. Зурвониён ба Аҳура Маздо ва дигар унсурҳои асосии маздаясноӣ бовар доштанд. Зурвон низ яке аз худоёни маздоясно аст.

Дар бархе аз навиштаҳои паҳлавӣ Зурвон мавҷуде бартар аз Урмузд зикр шудааст, аммо дар Готҳо Зурвонро он қадар муҳим намедонанд. Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ҷунбише, ки таълимоти зурвониро ба вуҷуд овард ба даврони Ашкониён ва Сосониён иртибот дорад[9.-с. С. 539, 541] ва бархе дигар аз муҳаққиқон бар он пиндоранд, ки ойини зурвонӣ дини муғони пеш аз Зардуштист. Монӣ бо такя ба гуфтаҳои Зардушт такя карда дар замони худ Зурвонро худои бузурге медонад, ки ду фарзанд доштааст. Дар ҳақиқат дар вуҷуди Зурвон дугонагии маздония ба ваҳдат мубаддал мешавад. Аз ин рӯ, иддае аз пажуҳишгарон таълимоти Зурвонро як навъ аз ойни тавҳидӣ медонанд[16. –с.225].

Зурвониёни Систон

Систон ё Сагзистон (шакли муарраби он Саҷистон) номи қадимии худро аз қавми «сакҳо» (сиккаҳо) гирифтааст. Пеш аз муҳоҷирати ин қавм, ин сарзамин «Заранг» ном дошт. Дар замони ҳукмронии Фарҳоди дувум (136–128 то м.) ва Ардавони дувуми Ашконӣ (127–124 то м.), гурӯҳе аз сакҳо ба самти ҷануб кӯчида, дар минтақаи Заранг мустақар шуданд. Аз ҳамон давра ин марзбум ба номи онҳо «Сикистон» ва баъдан «Систон» хонда шуд.

Аз нигоҳи ҷуғрофӣ, Систон дар идомаи кӯҳҳои Афғонистон воқеъ шуда, бештар аз заминҳои регзор иборат аст. Селобҳои навоҳии атроф дар пастиҳои ин минтақа ҷамъ шуда, кӯлҳо ва ботлоқзорҳои Ҳомуну Гударзаро ба вуҷуд овардаанд. Раги ҳаёти ин сарзамин рӯди Ҳирманд (Ҳилманд) мебошад, ки аз кӯҳсори Афғонистон сарчашма гирифта, пас аз тай намудани масофаи тӯлонӣ вориди хоки Эрон мегардад.

Муҳаққиқон бар ин боваранд, ки дар ин кӯҳҳо оромгоҳҳои бостонии пайравони оини Зурвонӣ мавҷуд буданд, ки баъдан ба зиёратгоҳҳои мусулмонӣ табдил ёфтаанд. Дар доманаи кӯҳҳо ёдгориҳои таърихии мутааллиқ ба замони ҳукмронии форсҳо ва хонадони Сурнои Зурвонӣ ба чашм мерасанд. Зурвониён ҳазорсолаҳо дар канори кӯлҳо зиндагӣ карда, аз гиёҳи махсусе бо номи «тутан» барои худ хонаву қаиқҳо месохтанд ва оташи муқаддасро дар ин кӯҳҳо ҳифз менамуданд.

Тақрибан сад сол пеш, бар асари фишорҳои иҷтимоӣ ва кам шудани нуфусашон, зурвониён дар ин минтақа ба ақаллият табдил ёфта, маҷбур шуданд дини худро тағйир диҳанд. Бо таваҷҷуҳ ба эҳтироми хосе, ки ба «Нур» доштанд, онҳо насаби «Нурӣ»-ро баргузиданд. Яке аз пешвоёни маъруфи онҳо Муроди Нурӣ[27.] буд, ки пайравонашро ба тақвову покдоманӣ даъват мекард ва кӯшиш менамуд, ки хонаводаҳои зурвонитаборро аз омехташавӣ бо ақвоми дигар ҳифз намояд[26.].

Қабилаи Нурӣ

Ин қабила яке аз қадимтарин ва пурасрортарин қабилаҳои муқими Сиистон аст. Дар таърихи Сиистон шахсе Темури Лангро мутмайн месозад, ки бо шикастани садаи Сиистон метавонад Систониёнро аз байн барад. Бисёриҳо бар ин боваранд, ки ӯ аз қабилаи Нурӣ аст ва ӯ бо Темур барои несту нобуд кардани қабилаҳои муҳоҷир маслиҳат кардааст. Қавмҳои дигари муҳоҷире, ки ойнҳои дигарро парастиш мекарданд ва омада дар ин сарзамин сукунат ихтиёр карданд Нуристониёнро гоҳе шайтонпараст меномиданд, зеро баъзе расму русм ва ойнҳои ин қабила аз онҳо тафовут доштанд. Таърих нисбат ба ин миллат бераҳм буда се маротиба ин наслҳои ин қабила аз тарафи душманон қатли ом карда шудаанд. Охирин насл кушии Нуристониён ба солҳои 1949 ва 1950 рост меояд, ки дар ҷангали Зол ё Гулханӣ шасттани ин қабиларо куштанд. Ин моҷаро ҳамчун парвандаи ҷиноӣ дар бойгонии адлия мавҷуд буд, вақте ки додситони Зобул Мӯсои Нурӣ буд, ба таври мармуз ин парванда нопадид шуд.

Вожаи Зурвон

Зарвон زروان калимаи *паҳлавӣ исм аст, ки ба маъноҳи зерин аз қабили:*

1.пардадор ва ҳоҷиби Нӯшервон

2.марде, ки бо ҷоду ва танбал писарони Маҳбудро ба заҳр кардан дар таъоми Нӯшервон водор сохт ва сипас хиёнати ӯ пайдо шуд ва ба амри Нӯшервон бар дор шуд

3.дар Авасто чанд бор Зурвонро дар радифи дигар Эзидон ном бурдаанд ва он фариштаи замонаи бекарона ном бурда шудааст

Таърих

Мактабҳои фалсафии даҳриён, табоиён ва зурвониён таърихи норавшан ва тӯлоние доранд. Дар лавҳаҳои Бобули асри 15 пеш аз милод аз Офаридагоре бо номи Зурвон ёд мешавад. Дар «Авесто» аз ин эзиди ба таври мухтасар зикр гардида, дар матнҳои паҳлавӣ низ номи онро дидан мумкин аст. Зурвон дар асл фариштаи замон дониста шуда ва аз ӯ бо сифатҳои Акрана (беохир) тасниф шудааст. Аз сифатҳои Зурвон маълум мешавад, ки замон оғозу анҷом надорад ва он ҳамеша устувор, кӯҳна ва ҷовидона дониста мешуд. Маҳз ҳамин беохирии замон аст, ки замони беохир офарид ва идомаи офариниш тавассути таваллуд ва таносул имконпазир гардид. Дар оини меҳрпарастӣ замони беохир дар боло буда, Зарвон маъмулан ҳамчун махлуқе таҷассум мешавад, ки каласаш ба сари шер ва баданашро море печонидаааст [16.- с. 225]

Муддати тулоние дар таърихи афкори фалсафӣ таълимоти зурвониро яке аз мазҳабҳои бидъатӣ меҳсобиданд, валекин солҳои охир кашфи матнҳои монавӣ аз Осиёи Миёна дидгоҳои муҳаққиқонро нисбат ба таълимоти мазҳаби зурвониён билкул тағйир дода ва ба он таваҷҷӯҳи хосае намуданд. Акнун маълум шуд, ки асосгузори ин ойн Зурвон аст, ки дар матнҳои монавӣ Зурвон ба маънои офаринанда ва парвардигори олам ва падари Урмузд дониста шудааст.

Юнониён таълимоти замони бекаронаро ба Зардушт ва Муғон нисбат медоданд ва ба ин дидгоҳ пойбанд шуда, андешаҳои худро дар бораи асрори азалӣ зери таъсири ақидаҳои зурвонӣ қарор дода буданд ва ин воқеият аз қадими будани таълимоти зурвония шаҳодат медиҳад. Дар сурудаҳои готӣ дар бораи рад ва инкори усули санавӣ маҳз аз ду менуӣ ҳамзод сухан рафта монанди ба таълимоти зардуштиро доштааст[10.-с.189]. Чунин пиндошта мешавад, ки пеш аз зуҳури Зардушт, мақомеро, ки Зурвон дар қисмати ғарбии Эронзамин дошт, Аҳурамаздо дар Шарқ соҳиб буд. Дар дидгоҳи яздоншиносии суннатӣ як навъ боварии дуалистиеро ба бор оварда буд, ки ҳанӯз пеш аз таълимоти Зардушт дар ин сарзамин ривоҷ дошт [22.-pp.104, 374, 386, 388].

Консепсияи ҳастӣ ва эътиқод дар оини Зурвонӣ

Ҳуҷҷатҳои мустақим дар бораи дини Зурвон тақрибан бидуни истисно ба даврони Сосониён марбутанд, вале як ё ду ривояти динии Зурвонӣ, ки то ба мо расидаанд, ончунон қадимӣ ҳастанд, ки онҳо бояд ҳамчун боқимондаи замонҳои хеле бостонӣ баррасӣ шаванд ва эҳтимолан нахустин намунаи бовариҳои зурвониро бозгӯи кунанд.

Азники Арманӣ, апостоли калисои арманӣ тақрибан дар миёнаҳои асри панҷуми милодӣ чунин гузориш медиҳад: Муғониён мегӯянд, ки пеш аз он ки чизе мавҷуд буд, на осмон ва на дигар чизҳои офаридаи дигар, ки дар осмону замин аст вуҷуд надоштанд, як Зурвони хосе вуҷуд дошт, ки ба маънои сарнавишт (бахт) ё дурахши неру (фар ё фарна) аст. Ҳазор сол қурбонӣ кард, дорои писаре шуд, ки мехост ӯро Урмузд (Аҳурамаздо) биномад, ки мебоист осмону замин ва ҳар чизеро дар онҳост меофарид. Пас аз он ки ҳазор сол қурбонӣ кард, нишаст то биандешад. Пас саволе гузошт, ки: «Қурбоние, ки ман пешкаш мекунам ба чӣ

кор бояд биёяд?» Ба ростӣ ман фарзанде ба номи Урмузд хоҳам шуд ё талошҳоям беҳуда хоҳад буд? Вай ба андеша фуру рафта буд, ки Урмузд ва Аҳриман дар заҳдон ба вуҷуд омадаанд. Урмузд аз паи қурбониҳои Зурвон карда буд ва Аҳриман аз паи шубҳаҳои ӯ ба дунё омаданд. Чу Зурвон аз ин хабар огаҳ шуд, гуфт: «Ду писар ба дунё омад, нахустинро, ки пеши ман ояд подшоҳ хоҳам кард. Ҳамин ки Урмузд аз андешаи падараш огоҳ шуд, назди Аҳриман ошкор кард. Аҳриман ҳамин ки ин суханро шунид заҳдонро шикофт ва ба назди падар. Падар пурсид . -Ту кистӣ? Аҳриман гуфт: Ман фарзанди туям. Зурвон посух дод: «Фарзанди ман бӯи хуш дораду равшан аст ту тира ва бадбӯй». Вақте ки Зурвон ва Аҳриман суҳбат мекарданд, Урмузди дуруст ба дунё омада, ки буй хушу равшанӣ дошта ба дидори падар рафт. Пас Зурвон донист, ки ин писараш Урмузд аст, ки дар дасташ шохаҳои қурбонӣ дошт, ки ва бо он қурбонӣ мекард, гирифт ва бо ин суханон ба Урмузд дод. «То ин дам ман барои ту қурбонӣ мекардам, аз ин пас ту бояд барои ман қурбонӣ кунӣ». Дар ҳоле, ки шохаҳоро ба Урмузд медод, Зурвон ӯро офарин кард. Дар ин ҳангом Аҳриман назди Зурвон омада ва гуфт: Магар ваъда надодӣ, ки ҳар киро аз фарзандонам аввал назди ман ояд, подшоҳ хоҳам кард? Зурвон гуфт, ки ба ваъдааш хилоф накунад, гуфт, ки «Ту аз ҳастии палид , ба ту подшоҳӣ нӯҳ ҳазор сола дода хоҳад шуд ва Ӯрмӯзд бояд сарвари ту бошад». Пас аз нӯҳ ҳазор сол Урмузд бояд подшоҳӣ кунад ва ҳар чӣ ки у мехоҳад бояд ки рӯй диҳад». Пас, Урмузд ва Аҳриман дар кори офариниши ҳастиҳо амал карданд. Ҳар чӣ Урмузд мекард ҳама хуб ва рост буд ва ҳар чӣ ки Аҳриман мекард, палиду вайрона буд [22.- Р.374].

Ойни зурвонӣ як мазҳабӣ шифоҳӣ ва хеле қадимист. Баъзе аз муҳаққиқон таърихи ӯро зиёда аз дувоздаҳ ҳазор сол медонанд. Ин дин аз насл ба насл ба василаи хун ва оташ мегузарад ва он дини таблиғи нест. Куруш вақте Сиистонро тасарруф кард, чанде аз мардони ин ойнро ба дайри муғон бурд ва бахше аз онҳоро таълимоти аҳуроӣ омӯзонда ва барои мутаҳидсозии ақвоми ин сарзамини паҳновар ҳамчун таблиғгари дини зардуштӣ истифода бурд.. Зардушт мубалиғи ақоиди Аҳуроист, дар ҳоле ки дар таълимоти Зурвония, Зурвон сарчашмаи муқаддасест, ки Аҳуромаздо ва Аҳриман аз ӯ ба вуҷуд омадаанд. Тибқи таълимоти зурвонӣ гароиш ба Аҳриман хоси нухбагон буда, афроди дигар дар синни сию сесолагӣ метавонанд ба он гараванд.

Дар асотири Зурвонӣ як навъ оҳанги навмедӣ ва яъс эҳсос мешавад, ки бо дидгоҳҳои дигар динҳои бостонии ин сарзамин дар тазод қарор дорад. Дар порчаҳои зурвонӣ дар адабиёти паҳлавӣ ишораҳое зиёд аст, ки Урмузд худои дард аст. Дар ин асотир Аҳриман худои тавоноест ва бино ба гувоҳии Феопемп, муғон ба ӯ қурбонӣ меовардаанд. Аммо барои як зардуштии суннатгаро, қурбонӣ барои Аҳриман бо ҳар баҳонае, ки бошад, гуноҳи нобахшиданист. Мусаллам аст, ки ин таълимот бахше аз дини муғониёни қадим будааст. Эмил Бенвенист, забоншиноси машҳури фаронсавӣ, ин ойинро барҳақ як суннати зурвонӣ мешуморад [22. -с. с 388] .

Азники Колбӣ (Езник Кохбатси), яке аз падарони калисои арманӣ, афсонаи дигареро нақл мекунад: Аҳриман Урмуздро ба зиёфати субҳона даъват кард. Вақте Урмузд омад, онҳо ба хӯрок хӯрдан шурӯъ карданд, вале намехостанд писаронашон бо ҳам биҷанганд. Чун писари Аҳриман писари Урмуздро мағлуб кард, онҳо ба ҷустуҷӯи довар баромаданд. Касеро наёфтанд ва дар ниҳоят Хуршедро офариданд, то миёни онҳо доварӣ кунад.


Дар ингуна афсонаҳо вуҷуди чаҳор асл фарз шудааст:

Нахуст, худои аввал, Зурвон ё замона ё тоқи осмон, ки худои бетаъсир, зеро подшоҳиро ба фарзандонаш Аҳурамаздо ва Аҳриман додааст.

Дуюм, Аҳурамаздо, осмони рӯз, офаридгор ва худои некӣ, парвардигори олии кайҳон.

Саввум, Аҳриман, осмони шаб ва офаридгори зишт, ҳамчунин худои олами марги тира, ҳокими замони ҳозира, ҳарчанд дар зинаи поинтар аз бародари дугоникаш Аҳурамаздо қарор дорад.

Чаҳорум, Митра, миёнарав, хуршед, ки дар миёни шабу рӯз қарор дорад ва осмон ва ҷаҳони марг қарор гирифтааст, ки ҳар дуро бояд пас аз поёни шабу рӯз бипаймояд, гузашта аз ин миёнарав ва ҳам худои паймону аҳд аст. Дар ин ҷо шаклгирии афсона доир ба вуҷуди Худои чоргонаро мебинем. Адабиёти паҳлавӣ бисёре аз ин чаҳорогонагиҳои зурвониро нигоҳ доштааст. Ин асарҳо сифот Зурвонро ҳамчун худои осмон ва худои сарнавишт бозгӯи мекунанд[22.- р.385]. Ба эътиқоди онҳо, Зурвон сарчашмаи ниҳоии ҳам хайр ва ҳам шар ва падари ду бародари дугоник Урмузду Аҳриман аст. Тибқи дидгоҳи зурвониён, вуҷуди мутлақи Зурвон ду қутби муқобили некиву шариро дарбар мегирад [15. с.-112].



Ҷойгоҳи Зурвон дар сарчашмаҳои дини зардуштӣ

Дар қадимтарин маводҳои зардуштӣ асаре аз Зурвон дида намешавад. Ин вожа бори нахуст дар матнҳои муқаддаси зардуштии ғарбӣ, яъне дар “яснои нав” ва сурудаҳо ва намозҳои дини Зардуштӣ кам кам ба чашм мерасад, ва аз он шаҳодат медиҳад, ки ин таълимот барои ойни зардуштӣ меҳмони нохонда аст. Аҳурамаздо дар Готҳо мақоми волоттарини худоиро дорад; аз ин рӯ, фарзияи дуюмдараҷа будани ӯ бо боварҳои бунёдии яздоншиносии зардуштӣ дар тазод аст [22.р.- 104].

Баррасии таъсири афкори зурвонӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии монаявӣ

«Дар давраи Сосониён таълимоти зурвонӣ ба ҷаҳонбинии монявӣ таъсири босазо гузошт. Бино бар асотири офариниши ин ойин, дар оғози ҳастӣ танҳо ду ҷавҳари азалӣ ва мутазод вуҷуд дошт: Нур ва Зулмот. Ҷавҳари Нур пок ва некӯ буда, қаламрави он дар шимол ва бекарон буд. Дар муқобил, ҷавҳари Зулмот зишту бадсиришт буда, дар ҷануб қарор дошт ва бо марзҳои Нур ҳамсоя буд. Ҳокими олами рӯшноӣ – Шаҳриёри Нур буд, ки дар қаламраваш сулҳу осоиш ҳукмронӣ мекард ва маргу бемориро ба он роҳе набуд. Дар ҷаҳони Зулмот бошад, Аҳриман (Деви бадӣ) фармон меронд. Ин ду унсур дар ибтидо аз ҳам ҷудо буданд. То он даме, ки Зулмот аз мавҷудияти олами Нур огоҳ шуд ва ба зебоиву равшании он рашк бурд. Дар пайи талош барои тасарруфи ин қаламрави дурахшон, Аҳриман бо лашкаре аз девон ба олами Нур ҳамлавар шуд.

Зурвони шаҳриёри ҷаҳони нур (рушноӣ), ки ба ҷанг ба муқобили девон омода набуд, аз худ ду худои дигар офарид, то бо девон биҷангад ва аз он ду Ҳурмуздро, ки худои ҷанг буд, ба ҷанги девон фиристод. Аммо Ҳурмузд дар набард мағлуб шуд ва беҳуш ба қаъри дунёи тира афтод ва пас аз муддате ба худ омад ва аз қаъри торикӣ наъра кард ва аз Зурвон мадад хост. Зурвон худоёни дигар офарид, то Ҳурмаздро озод кунад, Меҳр эзид аз миёни онҳо

нерумандтарин буд, Бо девон ҷанг карду онҳоро шикаст дод ва бисёреро ба занҷир андохт. Дар набарди Ҳурмузд бо Девон бахше аз нур дар дили девон монд. Барои озод кардани он Меҳрэзиду Ҳурмузд ба назди Зурвон рафтанд ва аз ӯ мадад хостанд. Бори саввум Зурвон аз худ худоёни дигарро офарид ва Рӯшаншаҳрэзид (ин эзид дар маъхазҳои мухталиф бо номҳои гуногун, аз ҷумла Рӯшаншаҳр, Нариса эзид, Меҳрзод ва Мушебеғӣ ном бурда мешавад) ба ихтиёри идораи ҷаҳон гузошт, то ҳамон тавре ки Зурвон ҳокими олами болост, Рӯшаншаҳрэзйд шаҳриёри замин бошад [9.- с.541].

Чунин аст хатти асосӣ таълимоти динӣ ва фалсафии кеши муғони фарзонаи Моди бостонии эронзамин, ки ҳакимон ва донишмандони Юнон ҳамагӣ камоли фикрӣ онро эътироф кардаанд, ҳар яке вобаста сатҳи зеҳнии худ аз он бардошт карда ва минбаъд дар раванди рушди афкори фалсафии хеш аз он сару кор гирифтанд. Таъсири зурвония ба ҷараёнҳои ирфонии Ховари Миёна дар аҳди бостон заминаҳои амиқи маърифатӣ дорад. Пайванди миёни ҷаҳонбинии зурвонӣ ва ирфонӣ дар заминаи муқовимат бо «дурӯғ» (ҳамчун падидаи зиддиҳастӣ) боиси ташаккули ҷунбишҳои эпистемологӣ дар минтақа гардид.

Хулоса, масъалаҳои бунёдии фалсафӣ дар ду мактаби бузурги эронӣ – таълимоти зурвонӣ бо рӯйкарди «гетигароӣ» (материалӣ) ва оини зардуштӣ бо ҷанбаи «минугароӣ» (идеалӣ) – минбаъд дар осори мутафаккирони Юнони бостон, аз ҷумла Гераклит ва Афлотун, идомаи мантиқии хешро пайдо карданд.

Сарчашмаҳои фалсафаи минугароӣ (идеализм) ва гетигароӣ (материализм) дар фарҳанги бостони форсу тоҷик бар ду мабдаи ҳастишиносӣ – "хайру шар" ва "нуру зулмот" устуворанд. Дар ин дидгоҳ, «Мину» (олами рӯҳонӣ) ба Аҳурамандо ва «Гетӣ» (олами моддӣ) ба Аҳриман нисбат дода мешуд[2.-с.185.]. Бархилофи матнҳои суннатии маздоия, ки пайдоиши «шар»-ро ҳамчун фарзияи мутлақ ва бидуни тавзеҳ мепазируфтанд, мактаби Зурвония тавонист бо такя бар асосҳои даҳрӣ ва моддии худ ин масъаларо амиқтар баррасӣ кунад. Муҳимтарин манобеи ин таълимот дар аҳди Сосонӣ, бино ба таҳқиқоти Р. Заҳнер, китобҳои паҳлавӣ, матнҳои монавӣ ва гузоришҳои муаррихони арманӣ, аз ҷумла Езники Колбӣ (Eznik of Kolb), ба шумор мераванд.

Шиканд-гумонӣ визор» (ба маънои «гузориши рафъи шубҳа») аз муҳимтарин осори ҷадалӣ (полемикӣ) ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) аст. Муаллифи он Мардонфаррух, писари Ҳурмуздод, ин асарро дар миёнаҳои садаи IX милодӣ (асри III ҳичрӣ) дар замони хилофати Маъмун таълиф кардааст. Ҳадафи асосии китоб исботи усули дини зардуштӣ, бахусус «дугонагии ҳастӣ» (дуализм) ва радди ақоиди яҳудия, насрония, мония ва ислом мебошад. Ин асар ба далели тарҳи суолҳои амиқи фалсафӣ ва мантиқӣ, манбаи калидӣ барои дарки таҳаввули андешаи динию фалсафии эрониён дар оғози давраи исломӣ ба шумор меравад. Ин китоб барои муҳаққиқон манбаи калидӣ дар шинохту бозсозии вожагони фалсафии давраи паҳлавӣ ба шумор меравад[13.-с 226–233.].

Чи тавре, ки олими шинохтаи олмони Роберт Чарлз Заҳнер қайд мекунад "дар рисолаи паҳлавии Шиканад Гумоник Визар фирқаеро бо номи “даҳариён” ёд шудааст, ки дар даврони исломӣ онҳо ҳамчун пайравони модигаро (материалистӣ) дониста мешуданд. «Даҳр» дар забони арабӣ ба маънои «замон» аст, вале ҳануз даҳриёнро ҳамоно зурвонӣ шумурдан барвақт аст[25.].

Носир Хусрав Ҳаким Эроншаҳрӣ ва Закариёи Розиро аз зумраи «асҳоби ҳайюло» ёд кардааст. Ин истилоҳ ба муфассироне итлоқ мешуд, ки ҳайюло (материя)-ро қадим ва азалӣ медонистанд. Бар асоси ин дидгоҳ, мода (ҷавҳари нахустин) офарида нашуда, балки ҳамчун унсури ҷовидонӣ ва азалӣ дар офариниш нақши бунёдӣ дорад [11.- саҳ 275].Тавре ки пажӯҳишгар Бенес таъкид менамояд, ҷаҳонбинии Закариёи Розӣ дар мавриди замони мутлақ

ва нисбӣ реша дар таълимоти зурвония дорад. Розӣ бо такя ба мафҳумҳои Замони беканор ва Замони маҳдуд, ки аз усули куҳани зурвонӣ бармеоянд, кӯшиш кардааст робитаи байни азалият ва ҳастии моддиро дар чаҳорчӯбаи низоми фалсафии худ тавзеҳ диҳад [2.-с.с 137-138].

Динкард» – донишномаи бузурги динӣ ва илмии паҳлавӣ аст, ки муҳаққиқон онро гаронарзиштарин мероси ҳакимони пешин медонанд. Ин асар доираи васеи илмҳои замон, аз ҷумла илоҳиёт, фалсафа, мантиқ, тиб ва нуҷумро фаро гирифта, дорои ҳудуди 169 ҳазор вожаву истилоҳ аст. Яке аз мавзӯъҳои калидии он категорияи мураккаби «зурвон-сипеҳр» (фазо-замон) ва назарияи «хало» (тиҳигӣ) мебошад, ки дар асотири офариниши зурвонӣ-маздоӣ ва монавӣ ҷойгоҳи хос доранд. Пажӯҳиши истилоҳоти паҳлавии ин асар нишон медиҳад, ки бисёре аз мафҳумҳои табиию фалсафии он дар осори фалсафии Ҳаким Розӣ, ки бо забони арабӣ нигошта шуда буданд мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Таъсири ойини зардуштӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии Монӣ

Ричард Август Райзенштайн дар ҳамкорӣ бо Вилгелм Буссе моҳияти "дини монавӣ"-ро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки таълимоти Монӣ дар заминаи дини зардуштӣ – ойини расмии давлатдории Сосониён – шакл гирифтааст. Буссе дар асари худ "Масъалаи асосии гноститсизм" унсурҳои эътиқодии мардуми эронинажодро ҳамчун низоми ирфонӣ (гностикӣ) арзёбӣ кардааст. Райзенштайн низ дар асарҳои худ, аз ҷумла "Асрори наҷоти эронӣ" (1921) ва "Динҳои асрори эллинӣ" (1927), нақши калидии суннатҳои динии эрониёни бостонро дар ташаккули ҷараёнҳои эътиқодии минтақа ба исбот расонидааст.

Пажӯҳишҳои Стиг Викандер дар асари «Паристорони оташ дар Осиёи Хурд ва Эрон» (1936) ва таҳқиқоти Гео Виденгрен собит месозанд, ки таълимоти Зурвония ҳамчун як ҷараёни барҷастаи каломӣ дар ғарби Эрон ба ташаккули дини монавӣ таъсири раднопазир гузоштааст.

Дар ин замина, нақши ҷамоати Мандаиён (Муғтасила) низ қобили таваҷҷуҳ аст. Вожаи «Манда» дар забони оромӣ маънои «дониш» ё «ирфон»-ро дорад. Баъзе муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки решаи ин тоифаро ба қабилаҳои «косо-модӣ» ва номи «Мандана» (модари Куруши Кабир) пайванд диҳанд. Эҳтимол меравад, ки волидони Монӣ – Патак ва Марям – дар Байнаннаҳрайн бо ин ҷамоат иртибот доштанд.

Ҳарчанд дар мавриди шабоҳати матнҳои мандаӣ (ба монанди китоби «Гинза») ва монавӣ миёни донишмандон ихтилофи назар мавҷуд аст, аммо Гео Виденгрен таъкид мекунад, ки низоми санавият (дуализм) дар мандаия ва ҳатто унсурҳои ирфонии сурёнию мисрӣ дар ин навиштаҳо, асоси эронӣ доранд [24.- Pp. 15, 37–44].

Дар таърихнигории давраи Сосонӣ ва оғози аҳди исломӣ, вожаи «зиндиқ» (аз асли паҳлавии zandik) аксар вақт ҳамчун муродифи монигароӣ истифода мешуд. Донишманди маъруфи усмонӣ Ибни Камоли Пошо (вафоташ 940 ҳ./1534 м.) дар рисолаи худ «Фи тасҳеҳи лафзи-з-зиндиқ» (Дар бораи ислоҳи вожаи зиндиқ), дидгоҳҳои фақеҳон ва уламои исломиро дар ин хусус ҷамъбаст намуда, тафовути ҷиддии ин мафҳумро аз «даҳрия» нишон додааст.

Бино ба хулосаи ӯ, зиндиқӣ ифодагари эътиқоди санавият (дугонагӣ) буда, ба низоми нубувват ва офариниши олам бовар дорад, аммо ҷаҳонро натиҷаи набарди ду асл (Нур ва Зулмот) медонад. Баръакси зиндиқия, даҳрия (материализми қадим) офариниш ва холиқи оламро комилан рад мекунад. Ҳамин тариқ, зиндиқ касест, ки дар зоҳир исломро қабул дошта, дар ботин пайрави таълимоти санавии мондаӣ ё зардуштӣ боқӣ мемонад, вале даҳрӣ мункири асли дин ва офариниш аст[14. – с. 85, 86, 309–312.].

Бисёре аз пажӯҳишгарон ва мутафаккирони барҷаста аз аҳди Сосониён (Бузургмеҳри Бохтакон, Барзуяи Табиб) то даврони тиллоии ислом (Ибни Муқаффаъ, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ ва Берунӣ) ба ҷанбаҳои ақлонӣ ва фалсафии монавия таваҷҷуҳи хос

доштаанд. Нуктаи марказии ин дидгоҳ дар он аст, ки монавия на танҳо як низоми эътиқодӣ, балки мактаби «каломӣ ва фалсафимаоб» маҳсуб мешуд.

Ҷоҳизи Басрӣ ва Ибни Ҳазми Андалусӣ низ эътироф кардаанд, ки ин ойин бо завқи ҳакимони равшанфикр созгор буд. Шайх-ул-Ишроқ (Суҳравардӣ) дар фалсафаи «Нурия»-и худ санавияти монавиро аз нигоҳи зоҳирӣ дугонага, аммо аз дидгоҳи фалсафӣ навъе аз тавҳид маънидод мекунад, зеро асли баҳс бар сари таҷаллии «Нур ва Зулмот» меравад. Шамсуддини Лоҳиҷӣ низ дар шарҳи ҳикмати ишроқ ҳамин назарро таъйид кардааст. Гавҳари таълимоти Монӣ бар маърифатандузӣ ва илмгароӣ бино ёфтааст. Дар ин низом, «Нур» рамзи хираду дониш аст ва расидан ба он аз тариқи омӯзиши илмҳои таҷрибавӣ (тиб, нуҷум, кимиё, риёзиёт ва физика) сурат мегирад. Ин тамоюлҳои илмӣ дар китоби «Кефалайя» (Кафолио) ба таври равшан инъикос ёфтаанд, ки монавияро ҳамчун як низоми донишвар муаррифӣ мекунад.

Бисёре аз пажӯҳишгарон ва мутафаккирони барҷаста аз аҳди Сосониён (Бузургмеҳри Бохтакон, Барзуяи Табиб) то даврони тиллоии ислом (Ибни Муқаффаъ, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Форобӣ ва Берунӣ) ба ҷанбаҳои ақлонӣ ва фалсафии монавия таваҷҷуҳи хос доштаанд. Нуктаи марказии ин дидгоҳ дар он аст, ки монавия на танҳо як низоми эътиқодӣ, балки мактаби «каломӣ ва фалсафимашраб» маҳсуб мешуд.

Ҷоҳизи Басрӣ ва Ибни Ҳазми Андалусӣ низ эътироф кардаанд, ки ин ойин бо завқи ҳакимони равшанфикр созгор буд. Шайхи Ишроқ (Суҳравардӣ) дар фалсафаи «Нурия»-и худ санавияти монавиро аз нигоҳи зоҳирӣ дугонагӣ, аммо аз дидгоҳи фалсафӣ навъе аз тавҳид маънидод мекунад, зеро асли баҳс бар сари таҷаллии «Нур ва Зулмот» меравад. Шамсуддини Лоҳиҷӣ низ дар шарҳи ҳикмати ишроқ ҳамин назарро таъйид кардааст.

Гавҳари таълимоти Монӣ бар маърифатандузӣ ва илмгароӣ бино ёфтааст. Дар ин низом, «Нур» рамзи хираду дониш аст ва расидан ба он аз тариқи омӯзиши илмҳои таҷрибавӣ (тиб, нуҷум, кимиё, риёзиёт ва физика) сурат мегирад. Ин тамоюлҳои илмӣ дар китоби «Кефалайя» (Кафолио) ба таври равшан инъикос ёфтаанд, ки монавияро ҳамчун як низоми донишоҳвар муаррифӣ мекунад [17. Pp. 17–18.].

Аз нигоҳи методологияи фалсафӣ ва мантиқи диалектикӣ, таълимоти монавӣ барои мутафаккирони моддигаро аҳамияти хос дорад. Гео Виденгрен дар ин хусус қайд мекунад: «Асотири монавӣ, ба монанди аксари низомҳои ирфонӣ (гностикӣ), дорои таносуби гегелӣ мебошанд. Дар онҳо се марҳилаи пайдарпайи ҷараёни ҳастӣ мушоҳида мешавад, ки бо триадаи машҳури Гегел – тезис, антитезис ва синтез – муодил аст».

Ин марҳилаҳо дар таълимоти Монӣ чунин зуҳур меёбанд:

1.Тезис: Ҳолати аввалияи ҷаҳон ва инсон пеш аз омезиш бо зулмот (Покии мутлақ).

2.Антитезис: Суқути одам, фурӯпошии нур ва омезиши он бо модда (Давраи набард ва ранҷ).

3.Синтез: Раҳоӣ аз қайди моддиёт, бозгашт ба ҳолати аслии пок ва ташаккули ҷаҳони нави маънавӣ.

Ҳамин тариқ, диалектикаи монавӣ раванди ҷудошавии нурро аз модда на ҳамчун як ҳодисаи тасодуфӣ, балки ҳамчун зарурати таърихии такмилу наҷот тафсир мекунад [24. – Pp. 15, 37–44]

Шарқшиноси маъруфи чехословакӣ Отакар Клима, муаллифи асари бунёдии «Монӣ ва Маздак», баъзе назарияҳои пешинро бозбинӣ карда, ба хулосаҳои нав расидааст. Ӯ бар он аст, ки Монӣ бештар пайрави фарҳанги бобулӣ буд, на эронигаро. Таълимоти ӯ низоми эклектикӣ (омехта) дошта, унсурҳои зардуштӣ, масеҳӣ, шумерӣ ва аккадиро дар заминаи фарҳанги Байнаннаҳрайн муттаҳид кардааст. Клима монавияро на як мактаби фалсафии юнонӣ, балки низоми ирфонӣ (гностикӣ) ва ахлоқӣ медонад, ки ҳадафаш озодии маънавии инсон аст[21– Pp. 416, 434, 472–476]. Клима барои тақвияти фикри худ ба навиштаҳои Ҷоҳизи Басрӣ (садаи III ҳичрӣ) истинод мекунад. Ҷоҳиз дар рисолаи «Сифати китобҳои зандиқон» бо дидгоҳи

интиқодӣ мегӯяд, ки дар осори Монӣ осоре аз ҳикмат, адаб ва ё масъалаҳои амиқи каломӣ дида намешавад. Ба ақидаи ӯ, ин навиштаҳо холӣ аз тадбири маош, сиёсати илмӣ ва ҳунарҳои амалӣ (кишоварзӣ, санъат) буда, бештар бар зикри асотири нуру зулмот ва хурофоти дур аз воқеият такя мекунанд. Аз нигоҳи Ҷоҳиз, ин таълимот на танҳо барои пешрафти зиндагии моддӣ, балки барои рушди ахлоқии ҷомеа низ манфиате надорад [21.– Pp. 416, 434, 472–476.].

Истиноди Отакар Клима ба гуфтаҳои Ҷоҳизи Басрӣ аз нигоҳи методологӣ қобили баҳс аст, зеро Ҷоҳиз ҳамчун пайрави мактаби муътазила ва ҷонибдори ақлгароии исломӣ нисбат ба монавия ва ҷараёнҳои зурвонимаоб мухолифати шадид дошт. Аз ин рӯ, хулосаҳои ӯро наметавон ҳамчун далели бетарафонаи илмӣ пазируфт.

Ҳарчанд монавияро наметавон як «низоми фалсафии классикӣ» (ба услуби юнонӣ) номид, аммо он бешак як ҷараёни каломӣ-фалсафӣ маҳсуб мешавад. Тааҷҷубовар аст, ки Отакар Клима бо вуҷуди пайравӣ аз фалсафаи материализми диалектикӣ, натавонист иртиботи амиқи байни низоми монавӣ ва қонуниятҳои диалектикиро дарк кунад. Ҷавҳари ин фалсафа – муборизаи зидҳо (Нур ва Зулмот) – дар ҳақиқат таҷассуми воқеии тазодҳои олам дар зеҳни инсон аст. Эҳтимол меравад, ки Клима таҳти таъсири идеологияи замони худ (сохти социалистӣ) кӯшиш кардааст монавияро танҳо ҳамчун як ҷараёни иҷтимоӣ ва эътирозӣ зидди низоми табақотӣ муаррифӣ кунад. Вале бояд дар назар дошт, ки дар Шарқ дин ва фалсафа ҳамеша бо ҳам тавъам буда, ҷанбаҳои метафизикии монавия аз моҳияти иҷтимоии он ҷудонопазиранд [29.- с. 44].

Аксари донишмандони форсу тоҷик ҷанбаҳои илмӣ ва фалсафии таълимоти монавияро аз дидгоҳи тафаккури ақлӣ ва диалектикӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Онҳо дар ин росто бештар ба сарчашмаҳои асили бостонӣ такя кардаанд. Абурайҳони Берунӣ дар «Феҳристи китобҳои Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ» зимни баррасии асари Розӣ дар мавзуи «Илми илоҳӣ», ишора мекунад, ки Розӣ дар навиштаҳои худ аз таълимоти Монӣ баҳра бурдааст. Берунӣ таъкид менамояд, ки Закариёи Розӣ дар китоби худ хонандаро ба мутолиаи осори Монӣ, бахусус китоби маъруфи ӯ «Сифр-ул-асрор» (Китоби асрор), раҳнамоӣ ва ташвиқ кардааст. Ин амр гувоҳи он аст, ки ҳатто файласуфони табиатгарои мо ба монавия ҳамчун як манбаи муҳими фикрӣ ва фалсафӣ менигаристанд [2.-с. с. 3, 137–138]. Яке аз ҷанбаҳои калидие, ки боиси таъсирпазирии Закариёи Розӣ аз андешаҳои монавиён ва санавиён гардидааст, назарияи маъруфи «Қудамои хамса» (Панҷ қадими азалӣ) мебошад. Розӣ ин дидгоҳро дар асари худ «Илми илоҳӣ» ба таври муфассал баррасӣ кардааст. Бино ба ин назария, олам аз панҷ асл ё унсури азалӣ (Худо, Рӯҳ, Модда, Замон ва Макон) ташаккул ёфтааст. Аносири панҷгона дар ҷаҳонбинии Розӣ бо низоми аносири монавӣ ва ҳатто унсурҳои панҷгонаи фалсафаи ҳиндӣ шабоҳати зиёд дорад. Ин масъала, бахусус дар китоби «Сифр-ул-ҷабобира»-и Монӣ (سفر الجبابرة – Китоби ҷабборон), ки ба шарҳи қувваҳои азим ва унсурҳои ташкилкунандаи ҳастӣ бахшида шудааст, инъикос ёфтааст[2.-с. 3].

Бино ба гуфтаи Абузайд Балхӣ, фалсафа бар хилофи назарияи чаҳор унсури табиатшиносон, бештар ба «ҷавҳари панҷгонаи қадим» такя мекунад [6-с.45]. Ду рукни марказии монавия – Нур ва Зулмот – қисме аз ин ҷавҳари панҷгона буда, решаҳои онҳо ба асотири бобулӣ, аз ҷумла набарди Мардук ва Тиёмат пайванди дорад. Дар низоми фалсафии Закариёи Розӣ, «Нафс» ҳамчун яке аз қудамои хамса, бо деви «Оз» (ҳирс ва ҳаво) дар таълимоти монавӣ шабоҳат дорад ва дар муқобили «Хирад» (Ақл) қарор мегирад. Гарчанде адади «панҷ» дар ойни зардуштӣ низ маъруф аст, вале муътазила бо истифода аз матнҳои зардуштӣ кӯшиш мекарданд дидгоҳи монавиёнро рад намоянд. Қозӣ Саиди Қумӣ низ таъкид кардааст, ки “Розӣ китоби «Тибби рӯҳонӣ»-и худро дар заминаи ҷаҳонбинии санавиён (монавиён) таълиф намудааст[29.- с. 25].

Дар мавриди гароиши Закариёи Розӣ ба санавият (дуализм) миёни муҳаққиқон баҳсҳои зиёде мавҷуданд. Гарчанде ӯ дар осоре чун «Ат-тибб-ур-рӯҳонӣ» ва «Ас-сират-ул-фалсафия» баъзе таълимоти монавияро мавриди тамасхур ва нақд қарор додааст, аммо ин амр бори дигар равиши хоси «интиқодӣ»-и ӯро собит месозад. Розӣ донишманде буд, ки ҳатто дар баробари султаи илмии Арасту сар хам накарда буд, бинобар ин, пайравии кӯр-кӯронаи ӯ аз монавия низ аз ҳақиқат дур аст.

Муносибати Ҳаким Розӣ ба мактабҳои фалсафӣ ва фирқаҳои динӣ ҳеҷ гоҳ сатҳӣ ва зоҳирӣ набуд. Ӯ ба ҷойи пайравӣ аз шакл, «мағз» ва ҷавҳари ботинии андешаҳоро мегирифт. Ҳамчун як кимиёгари таҷрибапеша, ӯ ҳар назарияро мисли тилло дар «бӯтаи» озмоиш мегузошт ва то аз филтри ақлу мантиқ намегузаронд, намепазируфт. Агар Розӣ унсурҳои санавиятро дар назарияи «Қудамои хамса» истифода бурда бошад, ин на ба маънои эътиқод ба дини Монӣ, балки натиҷаи интихоби озодонаи ҷавҳарҳои муфид барои низоми фалсафии худаш мебошад. Ӯ бо ҳамон тундӣ ва лаҳни интиқодие, ки хурофотпарастонро сарзаниш мекард, ба ҳар як низоми фикрӣ бархурд менамуд.

Мутафаккирони озодандеше чун Закариёи Розӣ ва Ибни Ровандӣ, бо вуҷуди доштани андешаҳои мустақил, ҷанбаҳои асотирии монавияро ба шиддат нақд кардаанд. Ибни Ровандӣ дар нақди Абуисои Варроқи монавӣ мегӯяд, ки чӣ тавр метавон ахбори мантиқии паёмбаронро инкор кард, вале хурофоти монавиёнро дар бораи "бар пӯсти шайтонҳо бино шудани осмонҳо" пазируфт? Розӣ низ ин гуна тасаввуроти омиёна ва дур аз ақлро мавриди танзу тамасхур қарор додааст[12.- с, 217].

Ин навъи нигоҳ, ки дар осори Ҷоҳизи Басрӣ низ инъикос ёфтааст, нишон медиҳад, ки тасвирҳои ваҳмангези монавия дар бораи девҳо ва мавҷудоти аҳриманӣ барои хиради солим қобили қабул набуданд. Шарқшиносони муосир, аз ҷумла Вилямс Ҷексон ва Отакар Клима низ ба ин ифротгароӣ дар асотирсозӣ ишора кардаанд. Вальтер Ҳеннинг дар мақолаи «Ду матни ҷодугарии монавӣ» (1977) аз мавҷудияти бешумори шайтонҳо, яздонҳо ва нимаяздонҳо дар коиноти монавӣ изҳори ҳайрат намуда, онро нишони як низоми печидаи асотирӣ донистааст, ки ҷаҳонро ба ҷавлонгоҳи қувваҳои фаротабиӣ табдил медиҳад.

Августини Ҳиппо яке аз мунтақидони сарсахти таълимоти монявия буд ва интиқодҳои худро чунин баён мекард: пайравони ин ҷараён таваллуди Исои Масеҳро аз Марями бокира рад мекунанд. Онҳо доир ба нақши Шайтон дар рисолати паёмбарон сухан ронда, иддао менамоянд, ки шариати ба Мусои паёмбар додашуда на аз ҷониби Худованд, балки ҳадияи «Мири зулмот» (Шайтон) аст. Тибқи дидгоҳи онҳо, на танҳо тамоми арвоҳу нуфуси одамиён, балки ҷони ҷонварон (сутурон) низ аз гавҳари илоҳӣ ибтидо гирифта, ҷузъе аз зоти Худо мебошанд. Ба эътиқоди монавиён, Худои некӣ ё «Ҳақ» (Ормузд) бо ҳокими зулмот (Аҳриман) чунон махлут гаштаанд, ки саросари ҷаҳон омехтае аз ин ду неруи мутазод мебошад.

Баъзе аз муҳаққиқон бар ин боваранд, ки ин ақидаҳо маҳсули тасаввуроти нодуруст ва ҷаҳолати пайравони оини монавия мебошанд. Бо вуҷуди ин, бояд тазаккур дод, ки дар умқи ин таълимот метавон як «ҷавҳари фалсафии ноб»-ро мушоҳида кард. Машҳуртарин нақди Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ бар таълимоти монавия дар китоби «Ар-радду ало Сисинил-санавӣ» (Раддия бар Сисини дуалист) инъикос ёфтааст, ки ин асар бо номи «Фимо ҷаро байни ва байна Сисинил-манноӣ» (Мунозира бо Сисини Монавӣ) низ шуҳрат дорад. Розӣ дар ин китоб ҳафт масъалаи калидиро мавриди баррасӣ қарор дода, иштибоҳот ва фасоди низоми фикрии Сисин ва таълимоти монавиёнро исбот намудааст. Закариёи Розӣ дар ин мунозира бештар ба масъалаи «Панҷ қадим» (Худо, Нафс, Ҳаюло, Замон ва Макон) такя мекард ва аз дидгоҳи ақлонӣ кӯшиш менамуд, ки дуализми монавиёнро рад кунад.

Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ дар китоби «Ар-радду ало Сисинил-санавӣ» (Раддия бар Сисини дуалист) яке аз муҳимтарин баҳсҳои ақлониро бар зидди монавият (маннoия) ба миён гузоштааст. Сисин, ки пас аз Монӣ роҳбарии ин ҷараёнро бар уҳда дошт, бар эътиқоди дуализм (санавия) – яъне мавҷудияти ду асли азалӣ: Нур (Некӣ) ва Зулмот (Шар) – пофишорӣ мекард.

Розӣ бо истифода аз мантиқи фалсафӣ ҳафт эътирози асосиро пеш мегузорад, ки моҳияти онҳоро метавон чунин хулоса кард:

1.Масъалаи омезиши Нур ва Зулмот

Розӣ мепурсад: Агар Нур ва Зулмот ду ҷавҳари комилан зидди ҳам бошанд, чӣ гуна ва бо кадом сабаб бо ҳам омехта шудаанд? Агар онҳо аз азал ҷудо буданд, пас бояд як қувваи сеюме (муҳаррик) вуҷуд медошт, ки онҳоро бо ҳам омезад. Ин далел асоси дуализмро зери суол мебарад.

2.Табиати Зулмот (Аҳриман)

Монавиён мегуфтанд, ки Зулмот дорои ирода ва шуур аст ва ба қаламрави Нур ҳамла кардааст. Розӣ эътироз мекунад, ки агар Зулмот "шари мутлақ" ва "нодонӣ" бошад, пас чӣ гуна метавонад нақшаи ҷангӣ кашад ё иродаи бошуурона дошта бошад?

3.Масъалаи «Асирии Нур»

Яке аз ақидаҳои аҷиби монавиён ин буд, ки қисме аз Нури илоҳӣ дар дохили модда (ҷисм) асир шудааст. Розӣ мепурсад: Оё Худо (Нури мутлақ) намедонист, ки қисме аз ӯ асир мешавад? Агар медонист ва пешгирӣ накард, пас одил нест; агар намедонист, пас донои мутлақ нест.

4.Ҳадаф аз офариниши олам

Розӣ баҳс мекунад, ки агар олам омехтае аз неку бад бошад, ҳадафи Худо аз ин омезиш чист? Монавиён мегуфтанд, ки ин барои "покиза кардани Нур аз Зулмот" аст. Розӣ посух медиҳад, ки ин амал ниёз ба ранҷу азоби бепоёни махлуқот дорад, ки бо раҳмати илоҳӣ мувофиқ нест.

5.Инкори ҷисм ва модда

Монавиён моддаро (материя) асли шару зулмот медонистанд. Розӣ, ки худаш ба вуҷуди Ҳаюло (моддаи аввалия) ҳамчун яке аз панҷ қадим бовар дошт, исбот мекард, ки модда худ аз худ "шар" нест, балки танҳо як зарф барои суратҳост.

6.Масъалаи озодии ирода

Агар инсон танҳо майдони ҷанги Нур ва Зулмот бошад ва амалҳои ӯ вобаста ба ғалабаи яке аз ин ду неру бошад, пас масъулияти инсон дар куҷост? Розӣ бар ин назар буд, ки ин дидгоҳ ахлоқ ва ҷазою подошро бемаъно мекунад.

7.Радди нубувват ва шариатҳои пешин

Баъзе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки монавиён шариати Мусо (а)-ро маҳсули Шайтон медонистанд. Розӣ инро танқузи мантиқӣ медонист, зеро агар паёмбарони пешин бо ҳикмат сухан гуфтаанд, наметавонанд фиристодаи зулмот бошанд[11. С. 114-116].

Охирсухан.

Таҳқиқ ва таҳлили осори Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ нишон медиҳад, ки ҷаҳонбинии фалсафии ӯ дар масири бархӯрд ва омезиши мураккаби фарҳангҳои мухталиф – аз ҳикмати Эрони бостон ва фалсафаи Юнон то каломи исломӣ – ташаккул ёфтааст. Розӣ на танҳо як пажӯҳишгар, балки мутафаккири соҳибмактабе буд, ки бо такя ба асолати ақл, сохторҳои деринаи фикриро бозбинӣ кард.

Нуктаҳои меҳварии ин хулосаро метавон чунин дастабандӣ намуд:

• Муносибати интиқодӣ ба дуализм: Гарчанде дар таълимоти Розӣ дараи "Панҷи қадим" (Худо, Нафс, Ҳаюло, Замон ва Макон) шабоҳатҳои муайяне бо ҷаҳонбинии монавӣ ва зардуштӣ ба назар мерасад, вай ба ин суннатҳо бо диди интиқодии сахтгирона муносибат намудааст. Ӯ дугонапарастии маҳзро рад карда, низоми ҳамоҳанги фалсафиеро пешниҳод намуд, ки дар он Нафс бо роҳнамоии Ақл ба сӯи Нури илоҳӣ ҳаракат мекунад.

• Озодии тафаккур: Розӣ бар хилофи монавиён, ки оламро танҳо зиндони торик меҳисобиданд, ба нақши фаъоли инсон ва қудрати шинохти ӯ эътимод дошт. Мунозираҳои ӯ бо Сисини Монавӣ исбот мекунанд, ки Розӣ ҷонибдори мантиқи таҷрибавӣ ва истидлоли ақлӣ буд, на таслим шудан ба асотири печида.

• Мероси фарҳангӣ: Ҷаҳонбинии ӯ исботи он аст, ки фалсафаи давраи исломӣ дар сарзамини аҷдодони мо идомаи мантиқии тафаккури ориёӣ буда, Розӣ тавонист ба он ҷавҳари нави илмӣ ва ақлиро пӯшонад. Розӣ тавонист унсурҳои мусбати ҳикмати қадимро ҳифз карда, хурофоти ҷоҳилонаи ҷараёнҳои ифротӣ, мисли монавияро бо шамшери буррони нақд аз байн барад.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки низоми фикрии Розӣ нуқтаи авҷи ратсионализми (ақлгароӣ) шарқӣ буда, ки дар он инсон на ҳамчун асири зулмот, балки ҳамчун мавҷуди озод ва ҷустуҷӯгари ҳақиқат муаррифӣ мешавад.

Адабиёт:

1.Абӯҳотам Розӣ. Эъломи нубувват / Бо тасҳеҳи Ғуломризо Авонӣ ва Салоҳ ас-Сауӣ. – Теҳрон, 1356 (1977). – С. 13, 140, 146.

2.Абӯрайҳон Берунӣ. Феҳристи китобҳои Розӣ / Бо кӯшиши доктор Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Ҷ. 1. – С. 3, 137–138.

3.Абӯнаъим Исфаҳонӣ Далоил ан-нубувва. табъи Совӣ - Авонӣ, Мисир. саҳ. 13 ва 140.

4.Масъудӣ Абулҳасан. Ат-танбеҳ ва-л-ишроф. – С. 92.

5.Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ. Рисолаи фалсафӣ / Бо тасҳеҳи доктор М. Муҳаққиқ. – С. 137–138, 185.

6.Мутаҳҳар ибни Тоҳири Мақдисӣ. Ал-бад’ ва-т-таърих / Бо кӯшиши Клеман Ҳуар. – Ҷ. 2. – С. 25.

7.Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-фасл фӣ-л-милал ва-л-аҳвоъ ва-н-ниҳал. – Ҷ. 1. – С. 35

8.Қозӣ Саиди Андалусӣ. Ал-таъриф би-табақот ал-умам. саҳ, 646.

9.Афифӣ Раҳим. Асотир ва фарҳанги эронӣ дар навиштаҳои паҳлавӣ. – Теҳрон. – С. 539, 541.

10.Бенонист Эмил. Дини эронӣ бар асоси матнҳои аслии юнонӣ / Тарҷумаи Баҳман Саркоротӣ. – Теҳрон: Қатра. – С. 189.

11.Муҳаққиқ Маҳдӣ. Файласуфи Рай: Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ. – Теҳрон. – С. 270, 275.

12.Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Бист гуфтор дар мабоҳиси илмӣ ва фалсафӣ. – Теҳрон. – С. 217.

13.Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ. 1. – Теҳрон: Фирдавсӣ. – Нашри 17. – С. 226–233.

14.Тақизода Ҳасан. Монӣ ва дини ӯ. – Теҳрон, 2000. – С. 85, 86, 309–312.

15.Ҳиннеллс Ҷон Р. Шинохти асотири Эрон / Тарҷумаи Аҳмад Тафзалӣ ва Жолаи Омӯзгор. – 1975. – С. 112.

16.Яҳқӣ Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. – Теҳрон. – С. 225.

17.Asmussen J. P., Xuastvanift: Studies in Manichaeism. – Copenhagen, 1965. – Pp. 17–18.

18.Asmussen J. P. Manichaean Literature. – Scholars' Facsimiles & Reprints, 1975. – P.

19.Iqbal Muhammad. The Development of Metaphysics in Persia. Translated by Dr. Amir Hossein Arianpour. Tehran: Negah Publications, 1377 (1998), pp. 21 and 79.

20.Henning W. B. Selected Papers. – Acta Iranica, 1977. – Pp. 273–301.

21.Klíma Otakar. Manis Zeit und Leben. – Prague, 1962. – Pp. 416, 434, 472–476.

22.Nyberg Henrik Samuel. Die Religionen des alten Iran (Динҳои Эрони қадим). – С. 104, 374, 386, 388.

23.Widengren Geo. Mesopotamian Elements in Manichaeism. – Lundequistska bokhandeln, 1946. – Pp. 15, 37–44.

24.Zaehner R. C. Zurvan: A Zoroastrian Dilemma. – New York: Biblio and Tannen, 1972.

25.Hinnells John R. "IRAN iv. MYTHS AND LEGENDS," Encyclopædia Iranica. – [Online]. (Accessed: 17.02.2024).

26.Meta-Religion. "Mithraism and Christianity." – [Online]. (Accessed: 17.02.2024)

27.Раҷабов, М. Мировоззрение Мухаммада Закария Рази (Ҷаҳонбинии Муҳаммад Закариёи Розӣ). – Душанбе: Ирфон, 1968. (Яке аз аввалин монографияҳои бунёдӣ дар Тоҷикистон). Раҷабов М. Мировоззрение Мухаммада Закария Рази. – С. 84–120.

28.Турсунов А. Эҳёи Розӣ. – Душанбе: Дониш, 1980. Саҳ. 44.

29.Нуъмонов И. У., Солеҳов Ю. С. Абубакр ибни Закариёи Розӣ ва саҳми ӯ дар пешрафти илми химия. – Душанбе, 1999.

30.Ҳазратқулов М. Эътиқоди Розӣ ба «Панҷ қадим» ва ҷойгоҳи он дар фалсафаи Шарқ. – Душанбе, 2005.

31.Шаҳобуддинов С. Мунозироти Муҳаммад Закариёи Розӣ бо мухолифон. – Душанбе: Дониш, 2012.

ОТ АВЕСТЫ ДО «ПЯТИ ОРИГИНАЛОВ»: ЭВОЛЮЦИЯ ТАДЖИКО-ПЕРСИДСКОЙ МЫСЛИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ РАЗИ

Статья посвящена анализу некоторых аспектов влияния религиозно-философских традиций древнего Ирана на философские взгляды Муҳаммад Закариёи Розӣ. Рассматривается возможная связь его теории «пяти вечных начал» с отдельными элементами мировоззрения доисламских иранских религий. Особое внимание уделяется учениям Зардуштия, Зурвония и Монавият. В статье показано, что несмотря на определённые параллели между философией Рази и древнеиранскими космологическими представлениями, мыслитель не был догматическим последователем этих учений и рассматривал философские проблемы с рационально-критических позиций.

Ключевые слова: исламская философия, ар-Рази, пять вечных начал, Авеста, зороастризм, зурванизм, манихейство.

FROM THE AVESTA TO THE "FIVE ORIGINALS": THE EVOLUTION OF TAJIK PERSIAN THOUGHT IN THE WORKS OF RAZI

This article analyzes several aspects of the influence of ancient Iranian religious and philosophical traditions on the philosophical worldview of Муҳаммад Закариёи Розӣ. The study examines the possible relationship between his theory of the “five eternal principles” and certain elements of pre-Islamic Iranian cosmological ideas. Particular attention is given to the doctrines of Зардуштия, Зурвония, and Монавият. The article demonstrates that although some similarities can be found between al-Razi’s metaphysical concepts and ancient Iranian traditions, he was not a dogmatic follower of these teachings and approached philosophical questions from a rational and critical perspective.

Keywords: Islamic philosophy, al-Razi, five eternal principles, Avesta, Zoroastrianism, Zurvanism, Manichaeism.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Гулаҳмадов Шамсиддин Нурович – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Телефон: (+992) 98-779-53-33.

Давронова Азмия Шерозиддинова – ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. e-Mail: olimi1992@mail.ru

Сведения об авторах:

Гулахмадов Шамсиддин Нурович – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана. Телефон: (+992) 98-779-53-33**.**

Давронова Азмия Шерозиддинова – ассистент кафедры гуманитарных наук Таджикского технологического университета. e-Mail: olimi1992@mail.ru

Information about the authors:

Gulahmadov Shamsiddin Nurovich – senior Lecturer, Department of Humanities, Technological University of Tajikistan. Phone: (+992) 98-779-53-33.

Davronova Azmiya Sheroziddinova – is an assistant professor in the Department of Humanities at the Technological University of Tajikistan. e-Mail: olimi1992@mail.ru

УДК 37.018.71+37.018.7

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПРОГРАММА КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРЕПОДАВАНИЯ РУССКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Заирова Мухайё

Республиканский художественный колледж имени Мирзорахмата Олимова

В статье рассматривается обоснование необходимости разработки и принятия государственной программы, направленной на системное совершенствование преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан. Анализируются социально-экономические, культурно-образовательные факторы, делающие данную программу необходимой и приоритетной; формулируются цели и задачи программы; предлагаются механизмы ее реализации.

Ключевые слова: государственная программа, русский язык, английский язык, языковая политика, образование, преподавание.

В современных условиях социально-экономического развития и расширения международного сотрудничества особую важную значимость приобретает проблема повышения качества языкового образования.Изучение иностранных языков, в частности, русского и английского является не роскошью, а необходимостью, продиктованной временем и современными реалиями. Для нашего государства со значительной трудовой миграцией и страной межкультурных связей, вопрос эффективного преподавания иностранных языков выходит на первый план. Русский язык сохраняет важную роль в научно-образовательной и профессиональной сфере, в то время как английский язык является проводником к глобальным рынкам труда и современным цифровым технологиям.Нерешенность вопросов методики преподавания, качества подготовки, доступа к трудовым, интеллектуальным современным ресурсам причиняют препятствия к развитию человеческого капитала, а также

в разы снижает конкурентоспособность выпускников образовательных учреждений. Реализация данной Программы требует научно-обоснованного подхода к организации образовательного процесса и обновления методической базы обучения [2]. Эффективность языкового образования во многом определяется выбором методических подходов и уровнем профессиональной подготовки преподавателей. Современные исследования в области методики преподавания иностранных языков подчеркивает важность коммуникативного и профессионального подходов, ориентированных на формирование практических речевых навыков [2; 3; 4].

Обоснование необходимости

Русский язык в современном мире продолжает занимать важные позиции, несмотря на фундаментальные изменения, произошедшие в жизни мирового общества. Он является национальным, государственным и международным языком.

Ключевые аспекты изучения русского языка в Таджикистане:

Язык межнационального общения:

Русский язык является не просто иностранным, а официально закрепленным языком, объединяющим различные национальности в Таджикистане.

Карьерные возможности:

Владение русским языком предоставляет широкие возможности для карьерного роста в Таджикистане и открывает путь для миграции и работы в России.

Образовательная сфера:

Русский язык изучается в школах, в том числе в смешанных школах, и высших учебных заведениях, где он используется в образовательных и академических целях. Английский язык - язык международной науки, инновационных технологий. Для интеграции в международное научное и культурное сообщество необходимы профессиональные качественные программы подготовки преподавательского состава и учащихся.

Социокультурное взаимодействие:

Русский язык служит мостом для межкультурного диалога и сотрудничества между Таджикистаном и Россией, а также внутри самого таджикского общества. Языковая компетенция способствует межкультурному диалогу, помогает сохранять двуязычность.

Доступ к информации и государственным ресурсам:

Многие государственные сайты и средства массовой информации имеют русскоязычные версии, что делает знание языка необходимым для получения информации.

Спрос со стороны общества:

Изучение русского языка является инициативой самого таджикского общества, поскольку оно осознает его важность для личного и профессионального развития.Современный рынок труда отличается жёсткими требованиями к специалистам различных профилей. Всё чаще молодому человеку, чтобы реализовать в жизни свой интеллектуальный потенциал в той или иной сфере деятельности, кроме знания государственного языка, требуется свободное владение русским и английским языками [1].

Цели государственной программы

- Повысить качество преподавания русского и английского языков на всех уровнях образования.
- Подготовить и переподготовить педагогические кадры по требованиям современных международных стандартов
- Обеспечить равный доступ к эффективным языковым ресурсам как для городских, так и для сельских школ.

- Содействовать использованию современных цифровых технологий и образовательных ресурсов в языковом обучении.

Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков Республики Таджикистан до 2030 года разработана с целью обозначения проблем, существующих в сфере преподавания учебных предметов по указанным языкам, предусмотренных возможных путей их решения и создания условий, способствующих развитию поликультурного и полилингвального образования подрастающего поколения. Программа вместе с утвержденными в законодательном порядке государственными образовательными стандартами определяет пути совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в образовательных учреждениях республики [1].

Современное состояние и проблемы языкового образования

Несмотря на наличие нормативов и образовательных инициатив, уровень владения иностранными языками, в частности русского и английского, среди выпускников системы среднего и высшего образования не всегда соответствует современным требованиям. К числу основных проблем можно соотнести следующие:

- Ограниченная практико-ориентированная направленность обучения;
- Не системность и фрагментарность мер по развитию языкового образования;
- Нехватка высококвалифицированных педагогов, владеющих современными методами обучения;
- Недостаточная интеграция цифровых технологий в учебный процесс;
- Слабая мотивация учащихся к более углубленному изучению языков.

Изучение русского языка, как языка межнационального общения и английского языка, как самого распространенного в мире иностранного языка, а также изучение образцовой формы речи на этих языках играет ведущую роль в процессах воспитания личности лингвиста-языковеда, развития его нравственных качеств и творческих способностей, и в приобщении к русской, английской и мировой культуре [1].

Государственная образовательная система обязана предоставить молодежи базовые знания в лингвистическом образовании. В связи с этим, следует пересмотреть образовательную стратегию всей системы обучения Республики Таджикистан.

В этой системе в современных условиях можно выделить несколько направлений:

- недостаточная подготовка детей дошкольного возраста к обучению в средних общеобразовательных учебных заведениях, и, как следствие этого, отсутствие у учащихся начальной школы элементарных навыков учебной деятельности;

- излишняя теоретичность содержания лингвистического обучения на ступени среднего образования, приводящая к значительным потерям учебного времени и недостаточной практической подготовки выпускников средних учебных заведений к обучению на следующем этапе образовательной системы в средних и высших профессиональных учреждениях, и вузах;

- неэффективное лингвистическое содержание программы обучения в средних и лингвистических высших профессиональных учебных заведениях, не позволяющее совершенствованию профессиональной деятельности;

- необходимость качественного преподавания государственного языка для эффективного преподавания русского и английского языков [1].

Как отмечается в современных исследованиях по методике преподавания языков, отсутствие системного подхода и методических решений отрицательно влияет на

формирование языковой компетенции учащихся [2;4]. В этой связи государственная программа выступает основным инструментом для решения существующих проблем [1; 3].

Ключевые компоненты Программы

- Кадровая политика и профессиональная подготовка преподавательского состава.

Существенного внимания требует пересмотр программы подготовки кадров и их повышения квалификации, координации научно-исследовательской и учебной деятельности институтов повышения квалификации подготовки и переподготовки педагогических кадров, факультетов, отделений, кафедр, центров и образовательных учреждений [1].

- Масштабные курсы повышения квалификации по коммуникативным профессиональным направлениям.

Учителей/преподавателей образовательных учреждений необходимо обучить эффективным формам организации образовательной деятельности, где преподавание основных учебных предметов происходит одновременно с формированием речевых компетенций, обучающихся по русскому и английскому языкам, изучение и сохранение родного языка и национальной культуры таджикского народа [1].

Непрерывная система повышения квалификации работников образовательных учреждений позволит обеспечить высокий уровень преподавания в полилингвальной и поликультурной среде на основе современных методик обучения [1].

- Создание мотивации и стимулов для молодых специалистов: стипендии, гранты, программы обмена и стажировки в дальнее и ближнее зарубежье.
- Создание методических центров для поддержки преподавателей.
- Современные подходы к преподаванию русского языка ориентированы на коммуникативную направленность и интеграцию цифровых технологий в учебный процесс [2].

Учебно-методическое обеспечение

- Разработка и адаптация учебных программ.
- Создание учебников, соответствующих современным требованиям, цифровых курсов и мультимедийных материалов.
- Внедрение доступных образовательных ресурсов и платформ.

Организация преподавания и изучения русского и английского языков в образовательных учреждениях страны в современных условиях отсутствия языковой среды имеет ряд особенностей. Так, учитель/преподаватель русского языка не только дает знания, умения и навыки по предмету, но и обучает языку как инструменту общения - практически с нулевого уровня владения. Отсюда обучение русскому и английскому языкам в целях формирования полилингвальной личности - сложный, многоаспектный процесс, в котором сочетаются принципиально разные подходы: функциональный (формирование практических навыков владения русско/английским языком во всех видах речевой деятельности) и предметный (получение научных знаний о системе русского/английского языков в иноязычном образовании в средних и профессиональных учебных заведениях). Оба эти подхода должны быть четко скоординированы с учетом возрастных и когнитивных особенностей учащихся/студентов и языковой ситуацией в республике. Это позволит сформировать в полном объеме необходимые коммуникативные компетенции, обеспечивающие гармонично развитую языковую личность[1].

Многие исследователи-лингвисты, в том числе и B. Muratov, отмечают, что эффективность обучения русскому языку напрямую связана с применением инновационных методик и профессиональной подготовкой преподавателей [2].

Основные направления реализации программы

- Совершенствование нормативно-правовой базы

Обновление и усовершенствование государственных стандартов, учебных планов и программ, по русскому и английскому языкам.

- Кадровое обеспечение и повышение квалификации

Повышение квалификации преподавателей должно осуществляться с учетом современных методологических концепций и международным опытом преподавания языков, доказавших свою эффективность в образовательной практике [2; 3; 4].

- Учебно-методическое и цифровое обеспечение

Разработка современных учебников, учебно-методической базы и электронных образовательных ресурсов.

- Модернизация содержания и методик обучения

Внедрение языковой практики: ориентация на практическое владение языками.

Сюда же входит создание языковой образовательной среды: развитие вне учебной языковой практики, обеспечить мотивацию к более углубленному изучению языков.

- Мониторинг и оценка качества языкового образования

Систематический контроль результатов обучения и эффективности реализации программы.

Таким образом, подводя итоги, можно отметить, что эффективная реализация государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года возможна лишь при поддержке и опоре на современные научные исследования в области методики преподавания языков, а также комплексный подход к организации учебного и образовательного процесса [1-4].

Список литературы:

1. Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года; утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30.08.2019 №438. – Душанбе, 2019.

2. Muratov B. Methodology of Teaching the Russian Language// International Journal of Language Learning and Applied linguistics. - 2022. – Vol.1, №5.

3. Richards J. C., Rodgers T.S. Approaches and Methods in Language Teaching. - Cambridge: Cambridge University Press, 2001.

4. Larsen-Freeman D. Techniques and Principles in Language Teaching.- Oxford University Press, 2000.

5. Муродова Ш. С., Назарзода Р. С. Интеграция цифровых и человеческих компетенций в образовательный процесс: путь к конкурентоспособности студентов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2025. – № 3(62). – С. 114-123. – EDN: MKDJHE.

6. Назаров Р. С., Эвазов Х. А., Нурулло Ф. Использование средств информационно-коммуникационных технологий в обучении иностранным языкам // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2010. – № 2(16). – С. 16-22. – EDN: XIDKYV.

БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола асосноккунии зарурияти таҳия ва қабули барномаи давлатӣ, ки ба такмили силсилавии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, мавриди муоина қарор гирифтааст.Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию

таълимӣ таҳлил гардидаанд, ки қабули ин барномаро зарур ва афзалиятнок мегардонанд; мақсадҳо ва вазифаҳои барнома таҳия карда мешаванд; механизмҳои амалишавии он пешниҳод карда мешавад.

Калидвожаҳо: барномаи давлатӣ. забони русӣ, забони англисӣ, сиёсати забонӣ, маориф, таълим.

THE STATE PROGRAM AS A TOOL IMPROVING THE QUALITY OF TEACHING RUSSIAN AND ENGLISH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers the rationale for the need to develop and adopt a state program aimed at systematically improving the teaching and learning of Russian and English in the Republic of Tajikistan.The socio-economic, cultural and education factors that make this program necessary and a priority are analyzed; the goals and objectives of the program are formulated; mechanisms for its implementation are proposed.

Keywords: state program, Russian language, English language, language policy, education, teaching.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Заирова Муҳайё – омӯзгори фанни умумӣ-гуманитарӣ, Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М.Олимов. Телефон: (+992) 939-99-92-36.

Сведения об авторе:

Заирова Мухайё – преподаватель кафедры обще-гуманитарных дисциплин, Республиканский художественный колледж имени М. Олимов. Телефон: (+992) 939-99-92-36.

Information about the author:

Zairova Mukhaye – teacher department of social and humanities, M. Olimov Republican Art College. Phone: (+992) 939-99-92-36.

ТДУ 371.001+371.01

ТАҶРИБАИ ХУБИ ОМӮЗГОРӢ - ОМИЛИ АСОСИИ КОМЁБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Иброимова Мехрангез Иброимовна

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мақолалаи мазкур оиди усулҳои амалии таълими забони англисӣ маълумот медихад. Он баъзе роҳҳо муфиди таълими забонро ба омузгорон нишон медихад. Ахамияти асоси ба махорату кобилияти омузгор зимни гузаронидани дарсҳои забони англисӣ равона гардидааст. Ба омузгорон осон мешавад, агар қисми муайяни дарсро ба таври хаттӣ ба нақша гиранд. Муҳим он аст, ки онҳо донанд, ки он нақша дар синф истифода мешавад. Дар ин ҳолат омузгор ё дар як ҷо меистад ё гирди синф мегардад. Бо як даст китобро нигоҳ бояд дошт ва бо дасти дигар ба хонандагон ишора бояд намуд. Дар мавриди дуруст амал намудан китоб набояд чи тавре хаст, накл карда шавад. Чи тавре ки дар бобҳои гузашта хотирнишон намуда будем,

шумо хонандагонро таълим медиҳед, на китобро. Аз тағйир додани маводи китоб наҳаросед, нуқтаҳои лозимиро истифода кунед, таҷрибаи иловагии худро ба кор баред, намудҳои гуногуни амалиро кор фармоед.

Калимахои асоси: усулҳои амалӣ, забонҳои хориҷӣ, махорат, қобилият, дарсҳои амалӣ, натичахои дилхох.

Таҷрибаи бисёрсолаи кори дар муассисаҳо таҳсилоти олии кишвар нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои хеле муҳим дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ба дарс чигуна омода будани омузгор махсуб мегардад. Яке аз падидаҳои номатлуб дар раванди таълим ин ба дарс ҳаматарафа тайёр набудани омузгор ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки омузгорони таҷрибанок омодаанд, то ба ҷои омузгори бемор (ёвакте ки омузгори дигар ба дарс омода нест!) ба дарс дароянд ва дар ин гуна ҳолатхо ҳар як омузгор метавонад, ки якбора ва бе омодаги вориди синфхона гардад. Лекин ба таври умуми бошад, муваффақият аз тарзи омодагӣ вобаста мебошад. Ин омодагӣ чунин талаботҳоро фаро гирифта метавонад:

- Қарор дихед, ки чиро дарс додани ҳастед.
- Бовари дошта бошед, ки шумо бо маводи лозимӣ

Таъмин ҳастед - бо китоб, наворҳо, расмҳо ва ғайра.

- Чизҳои амалиро тафтиш кунед – Нусхаҳо кофи ҳастанд? Тахтаи электронӣ кор мекунад?
- Агар шумо аз воситаҳои техники истифода кардани бошед, масъалан аз магнитафон, он бояд пеш аз оғоз кардани дарс омода бошад (агар ин ғайриимкон набошад).
- На фақат аз китоби омузгор, балки аз китоби донишҷуён хам маводи лозимиро пешаки хонда, ба дарс омода шавед. Бовари ҳосил намоед, ки оё нақшаи дарсатонро тафтиш кардаед? Ҳамаи машқҳои дарс дурустанд?
- Кадом калимаҳои матнро фаҳмондан лозим аст? Кадом калимаҳои матнро якҷоя талаффуз кардан лозим аст? Ҳангоми омода намудани дарсҳо аз каламҳои ранга (маркер) истифода кардан хуб аст, зеро нуктаҳо лозимиро бо кашидани хатҳо метавон ҷудо намуд. Китоби дарсӣ ёрдамчии хуб аст, лекин омодагии пешакии омузгор аз хама хубтар аст.
- Омузгори таҷрибаноку пешқадам ҳамеша то тамомшавии дарсҳо бояд панҷ дақиқаи захиравӣ дошта бошад, ки дар охир фикрҳои лозимиро хулоса намуда, пешкаши хонандагон гардонад.

Лозим ба ёдоварист, ки омузгорон бисёр вақт байни омодагии кутоҳ ва дароз фарқият намегузоранд. Омодагии дароз чунин нуқтаҳоро дар бар мегирад:

Барои чи хонандагон забони англисиро меомузанд? Бо кадом мақсад онхо онро истифода мекунанд? Онҳо бо фан чи тавр муносибат менамоянд? Дарсҳои англисӣ бодигар намудҳои фаъолияти донишҷуён чи муносибат доранд? (ҳам барои чавонон ва ҳам барои хонандагони мактабҳои миёна) Оё хонандагон ба имтиҳонҳо омодагӣ мегиранд? – агар ҳа, пас аз руи кадом барнома?

